АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ

БЕҲРӮЗИ ЗАБЕҲУЛЛО

ТАҲАВВУЛИ ШАКЛ ВА МУҲТАВОИ НАЗМИ ТОҶИК ДАР АСРИ ХХ

ДУШАНБЕ

2020

ББК: 83.3.2(тољик) Д-13.
УДК: 981.550-(075.8)

Ба ифтихори 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя
Давлатов Р., Раҳмонов А., Шаҳобиддинов С.,
Навбаҳорова Б., Давлатова Х

Муҳаррир
Баҳриддин Мирзоев

Муқарризон
Хоҷамуродов О., доктори илмҳои филологӣ, профессор
Муҳаммадиев А., номзади илмҳои филологӣ

Забеҳулло, Беҳрӯз. Таҳаввули шакл ва муҳтавои назми тоҷик дар асри ХХ / Монография / Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа. – Душанбе: Дониш, 2020.- 157 саҳ.

Дар монографияи мазкур раванди таҳаввули назми тоҷик дар асри ХХ, бахусус замони шӯравӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Адабиёти ин давра дар қиёс бо дигар давраҳои таърихи адабиёт бо вижагиҳои хоси худ фарқ мекунад. Адабиёти шӯравии тоҷик танҳо марҳила дар таърихи адабиёти куҳансоли тоҷик аст, ки осори он дар чаҳорчуби як мактаби идеологӣ ва усули хоси адабӣ эҷод шуда, аз назари иҷтимоғоӣ, мардумгароӣ ва воқеъгароӣ аз хусусиятҳои хосе бархӯрдор аст. Рисола барои муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ пешбинӣ шудааст.

ISBN

©Маркази мероси хаттӣ

Муқаддима

Адабиёти муосири тоҷик мисли дигар адабиёти ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ тайи 70 соли асри ХХ ҷузъе аз шабакаи воҳиди адабиёти шӯравӣ буда, барои ташаккули завқи эстетикӣ ва маънавии мардуми тоҷик хидмат кардааст. Дар ибтидои асри ХХ адабиёту фарҳанги тоҷик дар маҷмӯъ, се буҳрони калони сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангиро аз сар гузаронид. Якум, суқути аморати Бухоро; дуюм, таъсиси Ҳукумати Шӯроҳо бо идеологияи комилан нав; сеюм, табдили алифбо. Ин тағйироти ногаҳонӣ ва босуръат, ки пайи ҳам дар се даҳаи аввали асри ХХ рух дод, барои адабиёту фарҳанги як миллат ҳодисаи каме нестанд. Ба иловаи ин се руйдоди калон, ҳамзамон ҷараён ва гурӯҳҳои дохилию хориҷӣ ҳам вуҷуд доштанд, ки ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии тоҷикон таҳдид мекарданд. Аммо равшанфикрони тоҷик бо истиқбол аз инқилоби Октябр бо зиракӣ, роҳи пешрафт ва навгароиро барои ояндаи ҷомеаи худ интихоб карданд. Тағйироти шигифтангези сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар ибтидои асри ХХ ба вуқӯъ пайваст тамоми бахшҳои ҷомеаи суннатии моро шадидан таҳти таъсири васеъ қарор дод.

Раванди таҳаввул дар адабиёти тоҷики замони шӯравӣ дар ин давра ҳамзамон бо тағйироти ҳайратангези сиёсию иҷтимоӣ, ки боиси тағйири сохти сиёсӣ дар аморати Бухоро шуд, ба дигаргуниҳои тозаи адабиву фарҳангӣ асос гузошт. Адабиёти тоҷик, бахусус шеър, аз инҳисори дарбору табақаи ашроф хориҷ шуда, дар хидмати халқ ва ормонҳои миллию мардумӣ қарор гирифт. Тағйироти сиёсию иҷтимоӣ ҳамчунин ба дигаргуншавии шаклу муҳтавои осори адабӣ замина гузошт. Ҳамчунин, аввалин бор мафҳумҳои нави сиёсию ҳуқуқӣ, монанди давлат, миллат, ҳуқуқи зан, таҳсил, кор ва озодиҳои инсон вориди фарҳанг ва шеъри тоҷик шуданд.

Дар маҷмӯъ, равандҳои гуногун ва пуртаззоди сиёсию иҷтимоӣ низ дар давраҳои мухталиф дар ташаккули адабиёти пурғановати мо таъсири калон гузоштаанд. Умуман, адабиёти ҳеч миллатро наметавон аз ҳаёти

сиёсию иҷтимоии он ҷудо тасаввур кард, балки адабиёт, бахусус шеър, аз батни воқеиятҳои иҷтимоӣ маншаъ мегирад. Адабиёти тоҷик низ дар тули таърих инъикосгари ҳаёти мардум буда, дар тарбияи ахлоқию маънавии онҳо нақши босазое гузоштааст. Аз ҷумла, “Шоҳнома” и безаволи Фирдавсӣ дар баробари нақши маънавию тарбиявии худ ҳамчунин таърих, арзишҳои миллӣ ва расму ойинҳои қадимтарини ақвоми ориёиро ҳифз ва барои ояндагон ба мерос гузоштааст. Хулоса, адабиёт тимсоли маънавии як миллатро дар худ таҷассум мекунад.

Адабиёти тоҷик дар замони шӯравӣ дар қиёс бо дигар даврaҳои таърихи адабиёт бо вижагиҳои хоси худ фарқ мекунад. Аз ҷумла, ин танҳо марҳила дар таърихи адабиёт аст, ки осори он дар чаҳорчуби як мактаби идеологӣ ва усули хоси адабӣ эҷод шудааст. Аз сӯйи дигар, адабиёти замони шӯравӣ аз назари иҷтимогароӣ, мардумгароӣ ва воқеиятгароӣ дар таърихи адабиёт назир надорад.

Зимнан қобили зикр аст, ки дар ибтидои асри XX нақши адабиёти миллӣ дар таъйини сарнавишти сиёсии тоҷикҳо ва таъмини истиқлоли миллии онҳо бо ҳеч як аз адабиёти милали дигар қобили муқоиса набудааст. Устод Айнӣ бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дарҷи осору аҳволи садҳо тан аз олимон ва адибони дараҷаи аввали форсизабони ин марзу бум гӯё маҳшаре барпо кард ва дар он арвоҳи ин бузургонро эҳзор намуд, то посухи инод ва инкори мункирони миллати тоҷикро ба қотеъият бидиҳанд. Устод Айнӣ бо пазируфтани шароити талхи бозигарони саҳнаи сиёсати давр, дар чаҳорчӯби имконоте, ки барояш боқӣ гузошта буданд, талош намуд, то аносири миллиро дар адабиёти навин таъмин ва ҳифз намояд.

Таҳқиқу таҳлили равандҳои асосии таҳаввули шеър, дар ҳақиқат, танҳо маънии таҳқиқи равандҳои адабиро надорад, зеро ҳамзамон бо таҳлили паҳлӯҳои гуногуни шеър, равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа низ ошкор мегарданд. Зеро шеър аз андак анвоъи адабӣ

аст, ки пеш аз ҳама ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии даврони хеш вокуниш нишон медиҳад. Ба қавли Ҷ. Сампрон “аз миёни ҳамаи фаъолиятҳои адабӣ шеър дигаргуниҳои иҷтимоиро зудтар дармеёбад ва ҳатто гоҳе пешопеши онҳо гом бармедорад” (52, 113).

Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи дурусти равандҳои таҳаввули шеър дар як давраи хос, бидуни огоҳӣ аз сиёсат, таърих ва авзоъи иҷтимоӣ имконпазир нест. Муҳаққиқи адабиёт барои арзёбӣ ва баҳогузории холисонаи адабиёти як давра бояд бо авзои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии даврон ошноии хуб дошта бошад.

Таҳқиқи илмии раванди таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷик аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки дар даврони шӯравӣ адабиёт ва сиёсат чунон бо ҳам омехта буданд, ки бидуни дарки моҳияти таҳаввулоти сиёсӣ дар даврaҳои мухталиф, баррасии мунсифонаи вазъияти адабӣ низ ғайриимкон аст. Ба қавли профессор Худоӣ Шарифов “адабиёт дар аҳди шӯравӣ як ҷузъи ҳунарҳои зебо дониста шавад ҳам, вазоифи муайяни сиёсиро низ бар дӯш дошт. Бинобар ин, масъалаҳои куллии ҳунар ва санъати замони шӯравиро ҳаллу фасл накарда, хасоиси адабиёт ва ҷузъиёти ҳунарӣ ва маърифатии онро донистан имкон надорад” [226, 49].

Фурӯпошии Шӯравӣ ва касби истиқлоли Тоҷикистон зарурати ҷиддии арзёбии адабиёти 70–солаи тоҷик бо меъёрҳои адабии муосир ва ба дур аз вобастагиҳои идеологиро ба вуҷуд овардааст, зеро омӯзиши илмии равандҳои ташаккули шеър дар даврони шӯравӣ як амри зарурӣ буда, заминаро барои таҳқиқу баррасии масъалаҳои рушду шукуфоии адабиёти даврони истиқлол ҳамвор мекунад, зеро бидуни шинохти қонунҳои инкишофи адабиёт дар даврони шӯравӣ арзёбии равандҳои ташаккули шеър дар даврони истиқлолият мушкил хоҳад шуд. Барои шинохти дақиқи масъалаи таҳаввули шеър дар даврони Шӯравӣ осори таҳқиқотии ин даврaро метавон ба чаҳор даста гурӯҳбандӣ кард:

1. Ба гурӯҳи аввал таҳқиқот ва пажӯҳишҳои адабиётшиносони тоҷик дохил мешаванд. Таҳқиқоти адабиётшиносони тоҷик дар ин замина бо таваҷҷуҳ ба ошноии бештари онҳо бо муҳит ва фазои адабии ҳоким бар ҷомеа ба воқеият наздиктар ва аз назари илмӣ пурбортар мебошанд. Дар ибтидои асри XX барои равшан кардани зеҳни адибон ва ошно намудани онҳо бо усул ва хусусиятҳои эҷоди осори адабӣ барои адабиёти навини инъикоскунандаи манфиатҳои синфи коргару деҳқон устодон С. Айнӣ [5, 340-341; 356-370; 361-369; 377-369] ва А. Лоҳутӣ [18, 213-220; 220-222; 223-227; 231-248] аҳли адаби Тоҷикистонро барои ворид шудан ба арсаи адабиёти шӯравӣ ташвиқу раҳнамоӣ кардаанд. Баъдан, равандҳои ин адабиёт аз сӯи насли наве аз адабиётшиносони тоҷик, аз ҷумла С. Табаров [118, 38], Ш. Ҳусейнзода [129, 263], Х. Мирзозода [102, 195], Н. Маъсумӣ [91, 268], И. Брагинский [75, 194], Ю. Бобоев [80, 320] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифт. Аз солҳои 50–ум насли дигаре аз адабиётшиносон ва мунаққидони тоҷик, ба монанди М. Шукуров [219, 105-118], Х. Шарифов [133, 177], Р. Мусулмонқулов [88, 114], А. Сатторзода [116, 239], А. Маниёзов [89, 150] А. Набиев [109, 144] ва А. Ҳакимов [126, 253] по ба арсаи адабиётшиносии шӯравии тоҷик ниҳода, таҳқиқоти тозае дар мавриди шеъри ин даврон анҷом додаанд.

2. Гурӯҳи дуюми адабиёти таҳқиқотиро осори муҳаққиқони ҳавзаи форсизабон, ба мисли пажӯҳишҳои А. Зарринкӯб [164;165;166;167] П. Хонларӣ [155;156], Ш. Кадканӣ [183;183], М. Каззозӣ [185] М. Ёҳақӣ [200; 200], А. Шеърдӯст [173] А.М. Гарморудӣ [187] А. Қазва [182] аз Эрон ва М. Меҳрдод [192] аз Афғонистон ташкил медиҳанд. Аз миёни муҳаққиқони муосири эронӣ, ки дар бораи адабиёт, бахусус, шеъри даврони шӯравии тоҷик изҳори назар кардаанд, бештар дидгоҳҳои М. Ёҳақӣ арзишманд буда, ба воқеияти рӯзгори даврони шӯравӣ мутобиқат мекунанд. А. Шеърдӯст бештар ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии шеъри муосири Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда, баъзан, ба дастовардҳо ва заъфи

шеъри даврони шӯравии тоҷик ишора кардааст. Аммо дидгоҳҳои А. Қазва дар муқаддимаи “Хуршедҳои гумшуда” ва М. Гарморудӣ дар тазкираи “Аз садр то соқа” ҷанбаи идеологӣ ба худ касб кардааст. Ин ду муҳаққиқ бидуни доштани шинохти кофӣ аз ҷомеаи шӯравӣ ва дар назар гирифтани воқеияти он рӯзгор шеъри ин даврароро бо такя ба салиқаи шахсии хеш баҳогузорӣ кардаанд. Мушкили дигари ин муҳаққиқон дар он аст, ки ҷомеаи идеологии шӯравӣ ва адабиёти онро аз дидгоҳи идеологияи исломӣ мавриди нақд қарор додаанд, на аз назари илми адабиётшиносӣ. Зеро идеология дар ҳар шакле, ки бошад, таъсири он ба адабиёт ва ҳунар яксон аст ва метавон натиҷа гирифт, ки далелҳои зикркардаи онҳо дар нисбати адабиёти шӯравии тоҷик, дар ҷомеаи идеологии имрӯзаи Эрон ҳам вуҷуд дорад ва адабиёти кунунии Эрон низ ба ҳамин мушкилот ва маҳдудиятҳо гирифтор мебошад. Ниҳоят, намунаи ашъори шоирони тоҷике, ки А. Қазва ва М. Гарморӯдӣ дар рисолаҳои худ ба унвони шеъри намуна мисол задаанд, аз назари ҳунарӣ ва эстетикӣ арзиши зиёд надоранд. Ба назар мерасад, ки онҳо бештар ба ашъоре таваҷҷуҳ кардаанд, ки танҳо аз назари муҳтаво ба мазоқи ин ду муҳаққиқ созгор будаанд.

3. Ба гурӯҳи сеюм осори муҳаққиқони аврупоӣ, ба монанди П. Ж. Сартр [168] И. Бечка [148] Я. Рипка [205] ва К. Ҳечинский [229] дохил мешаванд. Аз миёни муҳаққиқони аврупоӣ, беш аз ҳама И. Бечка дар бораи адабиёти даврони шӯравии тоҷик ба таври ихтисосӣ пажӯҳиш кардааст, ки ҳосили он китобе бо номи “Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон” мебошад. Дар ин китоб И. Бечка ба таври муфассал инкишофи назму насри тоҷики даврони шӯравиро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст. Донишманди чех баъди соли 1985 ва эълони сиёсати бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ дар Ҳукумати Шӯравӣ дар дидгоҳи худ нисбат ба адабиёти тоҷики даврони шӯравӣ тағдиди назар карда, бархе назариёти тозаи худро бо дид ва таҳлили нав ба китоби худ изофа кардааст.

4. Дар гурӯҳи чаҳорум таҳқиқоти олимон ва шарқшиносони рус, аз қабили Э. Бертелс [203] ва И. Брагинский [202] дохил мешаванд.

Ба ҳамин тартиб, тағйироти бузурги сиёсию иҷтимоие, ки дар ибтидои асри ХХ ҳамзамон бо пирӯзии инқилоби Октябр рух дод ва таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон, бидуни шак дар ташаккули минбаъдаи адабиёти мо низ таъсири амиқ бар ҷой гузошт. Бо истиқрори низоми нави сотсиалистӣ, ҳадафҳо ва меёрҳои адабиёти муосири тоҷик низ самту сӯйи тоза касб кард. Тағйироту навигариҳои сиёсию иҷтимоӣ боиси эҷоди дигаргунӣ дар бахши адабиёт ва фарҳанги ҷомеаи тоҷик шуд. Дар ин давра, таҳти таъсири дигаргуниҳои тоза, мазмуну мундариҷа ва ҳадафи таълифи осори адабӣ низ дучори таҳаввул шуд. Система ва сохтори нави сотсиалистӣ дар назди адибон вазифа ва масъулиятҳои тоза гузошт. Меъёри баҳогузорӣ ва милокҳои нақди адабӣ низ дигаргун шуданд. Ин раванд тайғироти тозае дар шаклу муҳтавои осори адабӣ ба армуғон овард. Маҳз дар замони шӯравӣ анвои ҷадиди адабӣ ба монанди роман, повест, драма, опера, шеъри зинадор ва ашъори инқилобию публитсистӣ дар адабиёти тоҷик роиҷ шуд. Адабиёти бачагона ва танқиди адабӣ, ки пеш аз ин собиқаи чандоне надошт, равнақ пайдо кард. Тарҷумаи осори нависандагони миллатҳои гуногун даричаи тозаеро барои эҷодкорони тоҷик боз кард. Хулоса, тоҷикон аз тариқи инқилоби Октябр бо бахши азиме аз ҷаҳон, ки бо номи блоки сотсиалистӣ маъруф буд, иртибот барқарор намуд.

Дар баробари ин навгониҳо, монеа ва маҳдудиятҳое, ки аз назари идеологӣ ба ҷомеаи адабӣ бор шуд, ба раванди ташаккули адабиёти тоҷик бетаъсир набуд. Сабки “реализми сотсиалистӣ” ва чорчӯбаи “ҳизбияти адабиёт” ба изофаи ду маротиба тағйири алифбо, мушкилоти фарҳангию маънавии хоссро барои эҷодкорони тоҷик ба вуҷуд овард. Аммо миллати тоҷик дар канори шоирони хеш ин даврони пуртаззоди 70-соларо бо сабурӣ ва дироят аз сар гузаронидаанд.

Пас аз фурупошии Шуравӣ ва касби истиқлол, системаи сиёсӣ ва арзишҳои адабӣ низ дучори дигаргунӣ шуданд. Муҳаққиқону мунаққидони тоҷик муддате дар баробари ин тағйирот сукут ихтиёр карданд ва холигоҳи амиқе фазои фарҳангию маънавии моро фаро гирифта буд. Ин тағйирот зарурати арзёбии дубораи адабиёти шӯравии тоҷикро тақозо мекард. Дар бархе аз ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ин кори муҳим анҷом шуд ва бисёре аз ақвом таъриху адабиёти худро дубора бознигарӣ карданд. Акнун замони он фаро расидааст, ки тоҷикон низ бо диди нав гузаштаи начандон дури адабии худро баҳогузорӣ кунанд.

БОБИ 1. ВИЖАГИҲО ВА РАВАНДҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ШЕЪРИ ТОҶИК ДАР ИБТИДОИ САДАИ ХХ

§1.1 Навгарой дар шеъри тоҷикии ибтидои садаи ХХ

Баҳси навгарой аз баҳсҳои доғу доманадори пажӯҳишгарон ва муҳаққиқони илмҳои инсонӣ дар асри бистум ба шумор мерафт, зеро дар ибтидои аср таҳаввулоти азими сиёсӣ ва иҷтимоӣ рух дод, ки бешак дар афкори халқҳои ҷаҳон таъсири амиқ бар ҷой гузошт. Ба дунболи таҳаввулоти сиёсӣ ва инқилобӣ дигаргуниҳои тоза дар ҳавзаи адабиёт ба вуҷуд омад. Ин дигаргуниҳои адабӣ дар шакли сохторшиканӣ ва зуҳури падидаҳои нави адабӣ дар адабиёти минтақа ва ҷаҳон ба амал омад.

Бо назардошти вижагиҳо, раванди ташаккули шеъри тоҷик дар даврони шӯравиро метавон ба се марҳала даврабандӣ намуд

Марҳалаи якум се даҳсолаи аввали асри ХХ-ро дар бар мегирад. Баҳси навгарой, шикасти қолаби суннатии шеър ва ташаккули лирикаи сиёсию иҷтимоӣ муҳимтарин хусусияти ин давраи шеъри тоҷикро ташкил додааст.

Марҳалаи дуюми ташаккули равандҳои шеъри тоҷик дар даврони шӯравӣ солҳои 30-60-ро дар бар мегирад. Ин давра ба назари аксари муҳаққиқон ва адабиётшиносон, даврони равнақи шеъри хитоба ва публитсистӣ дар адабиёти шуравии тоҷик арзёбӣ шудааст. Диссертант пас аз таҳлили амиқи манобеи гуногун сабабҳои гароиши шеър ба самти публитсистикаро ошкор кардааст. Устод Лоҳутӣ соли 1935 дар ин бора изҳори ташвиш карда навишта буд: “Баъзе нависандагони ҷавони мо, сарсаракӣ, як-ду асари беқуввате навишта, ба худ меболанд ва худро ҳампояи классикҳои бузурги адабиёти мо мешуморанд, аз худписандӣ бод ба бурут меафкананд. Онҳоро аз ин одатҳои нораво боздоштан даркор.

Шоири хирадманд Саъдӣ мегӯяд: “Атр он аст, ки худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд”. Магар баъзе нависандагони мо обро атр гуфта, ба машоми халқ медоранд?” [18, 226]

Марҳалаи сеюми ташаккули равандҳои шеъри тоҷик дар даврони Шӯравӣ солҳои 1960-1980-ро дар бар мегирад. Ин давра марҳалаи наве дар таърихи адабиёти шӯравии тоҷик ба шумор рафта, аз назари шаклу мазмун ва муҳтавои осор, аз даврaҳои пешин фарқ мекунад. Зуҳури шеъри нав, таблиғи арзишҳои миллӣ дар шеър ва таҳаввули жанри достон аз муҳимтарин вижагиҳои ин давра маҳсуб мешаванд.

Акнун мутобиқи даврабандии боло масъалаи навгароӣ дар ашъори шоирони тоҷик дар оғози садаи бистумро мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳем. Барои равшан шудани мавзӯъ бояд авомили зуҳури навовариро баршуморем. Бешак, шароити хоси иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар эҷоди падидаи навоварӣ муассир буд. Аксари муҳаққиқони даврони Эҳёи Аврупо (ренесанс), густариши андешаҳои инқилобӣ дар Русия ва ҳаракати Ғарб ба марҳалаи саноатиро аз авомили аслии рушди таҷаддудхоҳӣ ва навгароӣ дар арсаҳои мухталифи ҷомеаи башарӣ арзёбӣ кардаанд.

Дар мавриди заминаҳои густариши навгароӣ профессор Х. Асозода таъкид мекунад: “Ҷои шубҳа нест, ки мардуми Осиёи Миёна бо фарҳанги Аврупоӣ аз тариқи Русия иттило пайдо кардаанд. Ошноии фарҳангӣ боиси он ҳам гардид, ки ҷунбишҳое ба фаъолият пардохтанд, мисли ҷунбиши демукросии равшанфикрон” [52,11].

Аввалин ҷарақаи равшанфикрӣ дар Осиёи Марказӣ, бахусус Аморати Бухоро пас аз густариши равобит бо Русия, рушди тиҷорат ва сафари ҳайатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба вуҷуд омаданд. Бар асари ин равобит аввалин ҳаракати равшанфикрӣ дар Аморати Бухоро, яъне ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд омад, ки бунёдгузори он Аҳмади Дониш (1826–1897) буд. Аҳмади Дониш, пас аз сафар ба Санкт–Петербург-пойтахти вақти Русия, зимни ошноӣ бо пешрафт ва дастовардҳои илмӣ ва иқтисодии Русияи подшоҳӣ, дар зеҳнаш андешаҳои инқилобӣ шакл гирифт. Ӯ назариёт ва тарҳи худро барои раҳоии Аморати Бухоро аз рукуд ва ақибмондагӣ дар “Наводир–ул–вақоеъ” мураттаб ва ба амиру мақомоти

ғофили дарбор пешниҳод кард, аммо дар муқобил мавриди бемеҳрии дарбориён қарор гирифт ва пешниҳодоти ӯ пазируфта нашуд. Бо ин ҳол, ҳарчанд андешаҳо ва пешниҳодоти Аҳмади Дониш дар мавриди зарурати эҷоди тағйир ва таҳаввули ҷадид дар сохтори аморат, дар миёни дарбориён муассир наафтод, аммо дар ҷомеаи он вақт ҳаракати навро ба вуҷуд овард, ки дар таърих ба ҷараёни маорифпарварӣ машҳур аст. Асари Аҳмади Дониш зеҳни аҳли адаби Бухороро равшан ва чашми онҳоро барои шинохти дунёи ҷадид боз кард. Дар ин замина, профессор Худойназар Асозода менависад: “Мусаллам аст, ки таҳти раҳнамоиҳои Аҳмади Дониш андешамандони тараққихоҳи Осиёи Миёна афкори навин ихтиёр карда, ба куллӣ бедор гаштаанд” [52,13].

Аммо ба далели камбуди таҷриба ва набуди санъати чоп ва рӯзнома андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш аз доираи як гурӯҳи кӯчаки аҳли адаб берун нарафт ва ба як ҳаракати фарогири иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил нашуд. “Ҷунбиши навгароён аз чанд лиҳоз дар асл аз андешаҳои Аҳмади Дониш сарчашма мегирифт, вале пас аз Инқилоби Октябр, ки таъсири амиқе бар пешрафти ҷомеа ниҳод, гоме аз он афкори муттарақӣ дуртар шуд” [148, 62].

Наҳзати равшангарӣ ва бедории фикрӣ дар охирҳои асри Х1Х дар миёни гурӯҳи маҳдуде аз уламо ва донишмандон ва туҷҷори Бухоро ривоҷ пайдо кард, ки аксари онҳо аз аҳли адаб буданд. Мушкили аслии онҳо ин буд, ки барои таҳаққуқи ормонҳои худ созмон, ташкилот ва ҳизби сиёсӣ таъсис надоданд ва таҷрибаи роҳандозии ин корро низ надоштанд. Мушкили дигари равшанфикрони Бухоро набуди шароит ва имконот ҷиҳати таблиғи андешаҳои тоза дар миёни мардум буд. Ин буд, ки назариёти онҳо дар як доираи хос маҳдуд монд ва ба як ҳаракати васеи иҷтимоӣ табдил нашуд.

Таҳсили илму дониш дар Бухоро танҳо дар доираи улуми динӣ маҳдуд мешуд ва мактабҳои ҷадид ва таълими улуми таҷрибӣ аслан, вуҷуд надошт.

Аз сӯи дигар ҳокимон ва уламои суннатгаро бо ифтитоҳи мактабҳои ҷадид, ки дар барномаи онҳо омӯзиши улуми таҷрибӣ низ гунҷонда мешуд, шадидан мухолифат намуда, роҳандозии ин гуна мактабҳоро бидъат медонистанд. Ин гуна бардоштҳо боис шуд, ки мактабҳои таълимӣ бо усул ва равишҳои ҷадиди омӯзишӣ дар Бухоро хеле дер ба фаъолият шурӯъ кунанд.

Бо вуҷуди ин, бори аввал инъикоси мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти мардум дар шеъри шоирони ҷараёни маорифпарварӣ дар қолабҳои суннатӣ матраҳ шуд. Ин падидаро метавон ба унвони аввалин намунаҳои адабиёти навгаро дар адабиёти тоҷик арзёбӣ кард. “Тағйироти муҳими сиёсӣ ва талошҳои ормонгароёна ба ногузир дар даҳаҳои 1870–1880 ба адабиёт роҳ ёфта ва дар он мунъакис гардид. Дар ҳамин айём “адабиёте, ки мунъакискунандаи тамоюлоти мардум буд, густариш ёфт ва андешаҳои навинеро арзонӣ дошт” [148, 64].

Баъдҳо бо афзоиши нуфузи Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ва ташкилёбии генерал–губернатори Туркистон раванди навгароӣ дар аморати Бухоро ҷони тоза гирифт. “Мулҳақ шудани Осиёи Вусто ба Русия дар вилояти Фарғона, ки аз нигоҳи рушди санъатӣ нисбатан пешрафта буд ва бар хилофи аморати Бухоро ба қаламрави устондории кулли Туркистон шомил буд, ба рушди ақоиди иҷтимоӣ ва сиёсии ин кишвар хеле мусоидат намуд” [83, 1129].

Дар ин айём афзоиши раванди муҳоҷирати русҳо ба бозорҳои Осиёи Миёна ва мутақобилан муҳоҷирати мардуми минтақа барои пайдо кардани ҷойи кор ба манотиқи мухталифи Русия дар рушди ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои иҷтимоӣ–сиёсии мардумони Осиёи Миёна нақши босазо гузошт.

Дар охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар ҳудуди Аморати Бухоро ҳеҷ гуна ҳизб ва гурӯҳи муташаккили сиёсӣ вуҷуд надошт. Ба ибораи дигар Аморати Бухоро як сохти феодалии азҳампошидае буд, ки ҳатто амир бар гӯшаву канори он тасаллут надошт. Хулоса, дар аморати Бухоро на мардуми огоҳе буд, ки таҳти фишори онон ҳукумат иҷборан даст ба ислоҳот бизанад ва на ҳизби воҳиди огоҳ ба масоили сиёсиву иҷтимоӣ вуҷуд дошт, ки мардумро ҳидоят ва раҳбарӣ кунад ва на ҳукуматдорони мустабиди Бухоро ин дарк ва лаёқату шоистагиро доштанд, ки бо эҷоди тағйироти тоза суқути аморатро пешгирӣ кунанд. Ба қавли С. Айнӣ “Агар раия ба ҳуқуқи худ доно мебуд, агар аҳолӣ мунавварулафкор мебуданд, ба иҷбори ишон ҳукумат маҷбур мешуд, ки иҷрои ислоҳот намояд. Акнун бубинем, оё афкори умумӣ ҳозир буд? Ё фирқаи бузурге, ки ба масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ воқиф бошанд, мавҷуд буданд ? Не, не! Ҳеҷ кадоми инҳо дар Бухоро мавҷуд набуданд” [47, 95].

Баъди ба сари қудрат омадани амир Олимхон ҷадидони Бухоро дубора ба масъалаи анҷоми ислоҳот тавассути амири ҷавон умедвор шуданд. Дар ҳамон давра яке аз ҷадидони Бухоро усули ислоҳотеро, ки маорифпаварони кишвари Бухоро хостори он буданд, дар як қитъаи шеърӣ чунин баён кардааст:

“Чу Эзид хост ислоҳоти куллӣ
Бухоро андар ин айём ёбад,
Сайид Олим Баҳодурхони одил,
Ки аз адлаш ҷаҳон ором ёбад,
Ба тахти салтанат биншаст аз бахт,
Зи тахту бахт, ё Раб, ком ёбад.
Кунун аз рӯйи қонуни адолат
Умури мамлакат анҷом ёбад.
Равад бунёди зулму ҷавр барбод,
Асоси шаръ истеҳком ёбад.

Ба таърихи ҷулусаш ҳотифе гуфт:

Тараққӣ миллати ислом ёбад” [171, 86].

Адабиёти ибтидои асри ХХ низ бозтоби андешаҳои пароканда ва ғайримунсаҷими иҷтимоӣ ва сиёсии замони хеш буд ва бештари адибон ҳамчунон идомадиҳандаи ҳамон роҳи суннатии гузаштагони худ буданд. “Шумори бисёре аз адибон-умуман шоирон-ҳамчун гузашта ба гунаҳои суннатии адабиёт таваҷҷуҳ доштанд ва бори дигар базри андешаҳои ҳоким бар шеъри суфиёна ва мазҳабиро дар адабиёт пошиданд” [148, 64].

Дар ин миён теъдоди бисёр андаке аз шоиронро метавон ном бурд, ки ба таври пароканда мазмунҳои иҷтимоиро дар ашъори худ мунъакис мекарданд ва гароиш ба баёни мушкилоти зиндагии мардум дар осори худ доштанд.

Ба назар мерасад, ки аввалин падидаҳои навгароӣ дар адабиёти охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ-и тоҷик таҳти таъсири андешаҳои маорифпарваронаи А. Дониш оғоз шудааст. Маҳз дар ҳамин давра бархе шоирон, аз ҷумла Тошхоҷа Асирӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ ва Садриддин Айнӣ дар ашъори худ бар зарурати таъсиси мактабҳои типи нав, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба сӯи тараққиёт ишора, аз рӯзгори нобасомони он айём шикоят кардаанд. Ин мавзӯъҳо дар баъзе шеърҳои Тошхоҷа Асирӣ ба монанди «Дар мазаммати мактаби куҳна» [8, 37], «Ба тараққиёт руҷӯъ кунед» [8, 60-62], «Дар ҳаққи Осиёи Миёна» [8, 55] ва «Саллаи панҷ карат бузург» [8, 38-39] матраҳ шудаанд. А. Ҳамдӣ низ дар ашъори пеш аз инқилобии худ кӯшиш кардааст, ки ба шеъри худ ҷомаи нав бипӯшонад, аммо ин талошҳои навгароии ӯ танҳо бо ворид кардани калима ва ибораҳои ноошнои бегона маҳдуд шудааст. Барои мисол А. Ҳамдӣ дар ғазали «Эй меҳрлиқои моҳпайкар» чунин месарояд:

Ҳам лашкари нозро ту сардор,

Ҳам аскари ҳуснро афитсар.

Рамзе зи лаби ту як вагон қанд,

Ҳарфе зи ту як сарой шаккар.

Чашмони ту искалоди вино,

Зулфони ту фабрикои анбар [38, 22].

Ба ҳамин тариқ, ибтикори тозаи А. Ҳамдӣ ворид кардани чанд калимаи номафҳуми русӣ ва номи макону манотиқи ҷаҳон дар ғазали ошиқона мебошад. Вай дар ғазали дигаре низ ҳамин равишро ба кор бурдааст, ки мақтаъи ғазал чунин аст:

Рӯи чаманат хандазани Поричу Маскав,

Мӯи фитанат таънадеҳи Ботуму Варшав [38, 29].

Ҳамдӣ дар ин ғазали ошиқона низ калимаҳои ноошнои «Церков–калисо», Сиёз–съезд», «Пахтаи кантӯри Ярослав», «Фалшав–фалшивый»-ро ба кор бурдааст, ки аз назари муҳаққиқон чандон навоварӣ маҳсуб намешавад. Ба қавли А. Ҳаким: «Навоваириро танҳо аз тозагӯии шаклӣ иборат донистан ба он оварда мерасонад, ки моҳияти навоваириҳои имрӯза ва сарчашмаҳои он ғалат маънидод карда мешаванд…Тозагии асари навоварона бо навии шаклаш тамом намешавад» [126, 14-15]. Аз сӯи дигар дар ғазалҳои ошиқонаи Ҳамдӣ тағйироти шаклӣ ҳам дида намешавад.

Ба ҳамин тартиб, бо нигоҳе гузаро ба ашъори шоирони охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ–и тоҷик метавон ба ин натиҷа расид, ки раванди навгароӣ дар он давра, дар ибтидо бо ҳамин равиш, яъне ворид кардани калимаҳои бегона дар қолабҳои суннатӣ ва бархе мазмунҳои иҷтимоӣ бо меҳвари тарбиятӣ ва насиҳатгуна оғоз шудааст, ки ин сатҳ аз ибтикор ба маънии навоварӣ дар шеър маҳсуб намешавад.

Кӯшишҳои навоварона дар шеър ба таври муназзамтар танҳо пас аз соли 1905 дар адабиёти тоҷик равнақи бештар гирифтанд. Дар ин давра, пас аз инқилоби аввали Русия дар соли 1905, таъсири он ба Осиёи Миёна ва фаъол гардидани ҳаракати таҷаддудхоҳӣ дар минтақа шеъри тоҷик аз назари муҳтаво дучори таҳаввули тоза гардид. Метавон гуфт, ки тағйироти босуръати сиёсиву иҷтимоии ибтидои асри ХХ дар Русия, заминаро барои

рушди навгароӣ дар адабиёти тоҷик фароҳам кард. Ба гуфтаи Р. Мусулмонқулов: “Сабаби пайдоиши навоварӣ ҳодиса ва воқеаҳои ҳаётӣ будааст” [88, 18]. Маҳз дар ҳамин давра бархе шоирони тоҷик ашъоре бо мавзӯъ ва мазмунҳои мушаххаси иҷтимоӣ, аммо дар қолабҳои суннатӣ эҷод карданд. Агар дар ашъори шоирони муборизи охири асри Х1Х тарҳи мавзӯъҳои иҷтимоӣ хусусияти пандуахлоқӣ ва даъват ба таҷаддудро дар бар мегирифт, дар ин марҳала мавзӯъҳои мушаххаси иҷтимоию ватанӣ ва ҳамчунин даъват ба мубориза барои ба даст овардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ матраҳ мешуд, ки ин равиш қаблан собиқа надошт. Дар тағйири мазмун ва муҳтавои шеър дар ибтидои асри ХХ устод С Айнӣ аз ҳама пешгом буд. Маҳз С. Айнӣ буд, ки дар ин марҳала бо такя ба анъанаҳои гузаштагон шеърҳои «Дар фоҷиаи шиа ва суннӣ», (1910), «Нидо ба ҷавонон» (1914), «Заминро бояд нафурӯшед!» (1916) ва «Қиссаи кирмак ва парвона» (1917)–ро ҷасурона сароид ва дар қолабҳои шеъри суннатии тоҷик рӯҳи тоза дамид. “Ҳеҷ навоварӣ бидуни анъанаи гузашта вуҷуд надорад ва навоварӣ давоми мантиқии анъана аст. Агар устод Айнӣ аз сарвати бебаҳои маданият, аз ҷумла, назми гузашта ба хубӣ огоҳ намебуд, эҷодкори шеъри нави инқилобии тоҷик намешуд”[207,119]. Аз ин ба баъд анъанаи сурудани шеърҳои иҷтимоию сиёсӣ бо меҳвар қарор додани як мавзӯи хос дар адабиёти ибтидои асри ХХ–и тоҷик роиҷ шуд. Устод С. Айнӣ ин анъанаро бо қудрати бештар дар эҷодиёти қаблазинқилобии худ такмил дод ва тавоноии худ барои сурудани ашъори инқилобиро нишон дод. Ба қавли А. Маниёзов: “Хизмати С. Айнӣ дар ин аст, ки ғазалро бо сифатҳои нав ороста, онро ба лирикаи сиёсии революционӣ табдил дод” [89,48]. С. Айнӣ соли 1917 дар ғазали «Ба муносибати ҳиҷрат ба Самарқанд» шеъре комилан бо муҳтавои иҷтимоӣ–сиёсӣ сароид, ки муҳтавои инқилобӣ дошт:

Меҳру шафқат ба замон нест, агар ҳаст–риё,
Одамият ба ҷаҳон нест, агар ҳаст–хаёл.
Мил бар дида гузоранду бигӯянд: «Хамӯш!»

Тир бар сина халонанду бигӯянд: «Манол!»
Ҳокими шаръ мутеъ аст ба амри авбош,
Муфтии шаръ асир аст ба дасти арзол.
Ҳукми такфири мусулмон биситонанд ба зӯр,
Амри татҳир зи исён бифурӯшанд ба мол… [89,33].

Ҳамин тавр, танҳо дар ин давра дар назми тоҷик шеърҳои дорои мазмуни иҷтимоию сиёсӣ шакл мегиранд, ки қаблан роиҷ набуданд. Аз ин рӯ, маҳз дар ҳамин давра (солҳои 1905-1918) мо навовариро дар ашъори шоирони ибтидои асри XX эҳсос мекунем. Аммо ин навоварӣ танҳо дар мазмуну муҳтаво ворид гардида, ҳанӯз тағйироти шаклиро ба вуҷуд наоварда буд. Ҳарчанд ки намунаи шеърие аз устод Айнӣ дар давраи мазкур (1907) ба даст омадааст, ки шабоҳати зиёд ба шеъри нимоӣ дорад ва Р. Ваҳҳоб бар асоси ҳамин намунаҳои андак ашъори устод Айниро «Муқаддимаи шеъри нав» арзёбӣ кардааст. Вай меафзояд: “ҳанӯз дар ибтидои даҳаи асри XX аст, ки устод Айнӣ нахустин намунаҳоеро менависад, ки бо меъёрҳое, ки баъд таъйин шуданд, онҳоро метавон намунаҳои шеъри нав ё арӯзи нав ба шумор овард”[225]. Аммо бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки чунин намуна аз ашъори устод Айнӣ бисёр кам буда ва баъдан, аз сӯи ӯ ва дигар шуарои ҳамасраш идома пайдо накардааст, мавзӯи баҳси кунунии мо қарор намегирад.

Марҳалаи сеюми навоварӣ дар шеъри ибтидои асри XX ҳам бо ашъори инқилобии устод С. Айнӣ оғоз шудааст. Дар ин марҳала шеъри тоҷик ҳам аз назари шакл ва ҳам аз назари муҳтаво дигаргун шуда, вориди марҳалаи нави такомул мегардад. Ин таҳаввул дар шеъри тоҷик пас аз сурудани шеърҳои «Марши ҳуррият» [8,285-286] ва “Ба шарафи инқилоби Октябр” [8, 287]–и устод С. Айнӣ дар соли 1918 оғоз мешавад.

Таъсиси Давлати Шӯравӣ ва ташкили ҷамоҳири мухтори сотсиалистӣ дар Осиёи Миёна, ба раванди таҳаввул ва навгароии адабиёти тоҷик, бахусус шеъри он такони тоза бахшид. Аз ин пас шоирони тоҷик бо

ҷуръати бештаре ба эҷоди навовариҳои шоирона дар шеъри худ даст мезаданд. Дар миёни шоирони инқилобии тоҷик дар даҳаи 20–ум, пас аз устод С. Айнӣ хидмати А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ ва А. Ҳамдӣ дар таҷдиди сохтори шеър бештар ба назар мерасад. Бо омадани устод Лоҳутӣ ба Шӯравӣ лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри тоҷик дар ибтидои асри XX ба нуқтаи камолот расид. Устод Айнӣ дар бораи ашъори сиёсӣ ва инқилобии Лоҳутӣ фармуда буд: “Рафиқ Лоҳутӣ шеърҳои политикиро ҳам лирикона менависад” [211,115] . П Сулаймонӣ бо илҳом аз ашъори шоири инқилобии рус Маяковский тавонист шаклу муҳтавои ашъори худро тағйир диҳад. Шеърҳои “Якуми май”, “Корвон”, “Навиди Вахшстрой”, “Марши пионерон”, “Якуми май ва МОПР”, “Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо”, “Асира ё худ исён”, “Дасти булӯрин” ва “Ба муносибати вафоти шоири инқилобии рус Маяковский” аз ҷумлаи беҳтарин ашъори навоваронаи ибтидои асри XX ба шумор мераванд. Г. Сулаймонова ва С. Алиев дар муқаддимаи китоби “Маҷмӯаи шеърҳо”–и П Сулаймонӣ навиштаанд: “Ҳамин як факти муҳимро қайд кардан зарур, ки Пайрав аз аввалин шоиронест, ки дар назми советии тоҷик пайрави шоири кабири революцсионии рус Маяковский шуда, аз анъанаҳои шакли куҳна даст кашид ва мувофиқи оҳангҳои революцсионӣ шаклҳои нав ҷустуҷӯ кард ва дар ин соҳа ба муваффақиятҳои сазовори диққат соҳиб шуд” [33,11]. Ҳақиқати амр ин аст, ки П. Сулаймонӣ аз анъана ва қолабҳои куҳна ҳаргиз даст накашид, балки дар заминаи анъанаҳои шеъри классикӣ дар шаклу мундариҷаи ашъори хеш навоварӣ ворид кард. Ҳарчанд шаклу муҳтавои шеъри Сулаймонӣ дар пайравӣ аз шеърҳои инқилобии Маяковский эҷод шудаанд, аммо дар бофти ин ашъор рӯҳи шеъри классикии тоҷик эҳсос мешавад. Устод Раҳим Ҳошим дар муқадиммаи “Маҷмӯаи осор”–и П. Сулаймонӣ дар ин замина дуруст таъкид кардааст: “Нияти ӯ дар бораи ҷавоб дода тавонистани шеър ба талаботи ҳаёт, ба масъалаҳои муҳиме, ки ҳаёт ба назди адабиёти мо мегузошт ва мазмунҳои

нав ба наве, ки ҳар рӯз ба пеши шоир мебаромаданд, ба вуҷуд овардани навигариҳоро-мазмунҳои нав, ибораҳои нав, воситаҳои тасвирии нав ва ниҳоят шакли нав ва тарзи баёни навро аз вай талаб мекарданд. Вале дар бобати шакли назм таъсири вазни арӯз ба вай чунон тасаллуте дошт, ки аз он таъсир баромада наметавонист” [34,16]. Дар тамоми ашъори инқилобӣ ва хитобаи П. Сулаймонӣ, ки дар пайравӣ аз Маяковский сохторшиканӣ кардааст, рӯҳи шоирона ва инсиҷоми дарунмояи шеъри ӯ қобили ситоиш аст. П. Сулаймонӣ бо истифода аз маҳорати шоирии хеш ва шинохте, ки аз зарфиятҳои шеъри классикӣ дошт, шеърҳои публитсистӣ ва хитобаи худро чунон танзим кардааст, ки хонанда аз мутолиаи онҳо ҳаргиз хаста намешавад. П. Сулаймонӣ ҳунармандона аз уҳдаи омезиши (синтез) рӯҳи шеъри классикӣ дар қолаби нав баромада, хонандаи шеъри худро ба таври сеҳромез маҷзуб мекунад. Ин равиш дар шеъри “Асира ё худ исён”–и шоир ба хубӣ дида мешавад:

Нолаи дилхарошу савти ҳазин,
Алъамон !
дод !
тавба !
истимдод !
Гиряву лоба,
зорию фарёд...
Илтиҷои хафифу аҷзи анин...
Ногаҳонӣ расид дар гӯшам,
Мегузаштам шабе зи гулзоре,
Дидам аз як шикофи деворе...
Дида торику маҳв шуд ҳушам,
Раъша дар ҷисму пайкарам афтод... [34, 47].

Мутаассифона, шеъри зинадор дар ҳамон қолабе, ки П. Сулаймонӣ дар адабиёти тоҷик поягузорӣ кард, ба далелҳои гуногун идома пайдо

накард. Албатта, нишонаҳои ин равиш ё худ шеъри зинадор дар даҳаи 30 дар ашъори Ҳ. Юсуфӣ низ то ҷое ҳифз шудааст, аммо баъди ин ду шоири оташинсухан дар осори шоирони дигар ин сабк идома наёфт. Бо ин васф, рӯҳи шеъри П Сулаймониро дар даҳаи 60-уми асри ХХ дубора дар осори Муъмин Қаноат метавон мушоҳида кард. Ба назар мерасад, ки устод Қаноат барои таҷдиди шеъри тоҷик аз таҷрибаи навпардозона ва халлоқиятҳои шоиронаи П. Сулаймонӣ кумак гирифтааст. Ба гуфтаи устод Муҳаммадҷон Шукуров: “Муъмин Қаноат дар як суҳбати хусусӣ таъкид карда буд, ки бисёре аз он дигаргуниҳои куллӣ, ки дар шеъри тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ба назар мерасад, аз шеъри Пайрав оғоз шудаанд” [220, 111]. Ин нукта ба ҳақиқат бисёр наздик аст, зеро рӯҳи шеъри навгароёнаи П. Сулаймонӣ дар ашъори навпардозона ва бархе достонҳои М. Қаноат эҳсос мешавад. Аз дигар навовариҳои шеъри ибтидои асри ХХ-и тоҷик пардохтан ба мавзӯъҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ буд, ки дар шеъри классикӣ собиқа надошт. Мавзӯи байналмилалӣ ва таваҷҷуҳ ба сарнавишти меҳнаткашони ҷаҳон дар даҳаи 20-ум аз ҳама бештар дар ашъори А. Лоҳутӣ ва П. Сулаймонӣ васеътар инъикос ёфтааст. Ба иловаи шеъру достонҳои ҷудогонаи устод Лоҳутӣ, ки дар онҳо шоир мавзӯи озодии синфи коргару деҳқон дар саросари ҷаҳон, муборизаи оштинопазири синфӣ, маҳкум намудани низоми сармоядорӣ, мубориза ба муқобили хавфи ҷанги ҷаҳонӣ ва иттиҳоди пролетариати оламро матраҳ мекард, П. Сулаймонӣ чандин шеър дар мавзӯъҳои доғи минтақаӣ ва байналмилалӣ эҷод кардааст. Шеърҳои “Ҳиндустон”, “Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо”, “Ба муносибати воқеаи Афғонистон”, “Ба милитаристони Япония”, “Шӯриши Чин ё худ воқеаи Нанкин” ва “Ба фалокатзадагони зилзилаи Эрон” аз ҷумлаи ашъори П. Сулаймонӣ дар ин мавзӯъҳо ба шумор мераванд.

Бад-ин тартиб, раванди навоварӣ ё навгароӣ дар шеъри ибтидои асри ХХ–и тоҷикро метавон ба се марҳала тақсим кард:

1. Охирҳои асри Х1Х то соли 1905. Дар ин давра шарораҳои навгароӣ дар маҳдудаи кӯчак шакл гирифтанд. Шоирон бо ворид кардани калимаву ибораҳои нав ва бегона дар шеър навгароӣ мекарданд. Мундариҷаи ашъори шоирони ин давра чандон нав нест, аммо андешаҳои маорифпарварона ва таҷаддудхоҳона дар миқёси маҳдуд, ки бештар ҷанбаи тарбиятӣ ва ахлоқӣ доштанд, матраҳ мешавад.

2. Марҳалаи дуюми навгароӣ солҳои 1905-1918-ро дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин давра шеъри тоҷик аз назари мундариҷа мутаҳаввил шуда, мазмунҳои мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ вориди шеъри тоҷик мешавад.

3. Марҳалаи сеюми навгароӣ дар шеъри тоҷик соли 1918, пас аз сурудани шеърҳои “Марши ҳуррият” ва “Суруди озодӣ”–и С. Айнӣ оғоз шуда, бо таъсиси Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон ба авҷи худ мерасад. Дар ин марҳала шеъри тоҷик ҳам аз назари мундариҷа ва ҳам аз назари шакл тағйироти сифатӣ пайдо мекунад.

§1.2. Шикасти қолаби анъанавии шеъри классикӣ ва таҳаввули лирикаи иҷтимоию сиёсӣ

Сохторшиканӣ дар шеъри тоҷик дар охирҳои асри Х1Х оғоз шуд. “Аз солҳои 80–90–уми асри Х1Х адабиёти форсӣ дар қаламрави амирсолории Бухоро ҷараёни худро тағйир дода, бавижа аз нигоҳи муҳтаво ва мавзӯъ ба дигаргуниҳо рӯ ба рӯ шуд” [53, 13]. Ба назари бархе адабиётшиносон талошҳои навгароӣ ва сохторшиканӣ дар шеъри суннатӣ ба воситаи устод С. Айнӣ сурат гирифтааст.

Ба ақидаи аксари пажӯҳишгарон Айнӣ аввалин шоири тоҷик аст, ки ба сурудани шеъри нави дорои мавзӯъҳои иҷтимоӣ гароиш пайдо кардааст. Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар ин замина менависад: “Истилоҳи шеър нав дар адабиётшиносии тоҷик пас аз панҷоҳ соли дигар-аз даҳаи шашум ва ҳафтуми қарни бист-расм шуд ва аз Эрону Афғонистон омад. Вале пайдоиши он ба даҳаи аввали садаи бист тааллуқ дорад ва ба

падидаҳои адабӣ чун нахустин шеърҳои Садриддин Айнӣ вобаста аст” [219, 105-118].

Дар бораи ин равиши хоси Айнӣ Садри Зиё дар “Тазкори ашъор” чунин иттилоъ додааст:

Ба мулки сухан Айнии хушбаён
Чу шамъ аст урёну рушанзабон.
Ба тарзи наве чун сухангустар аст,
Зи ақрони худ дар сухан бартар аст.
Чи мазмуни ашъори ӯ ҷумла бикр,
Ки ҳаргиз касеро нарафтаст фикр.
Агар бингарӣ сар ба сар шеъри ӯ,
Зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ.
Суханро сазад, гар диҳӣ ихтисос,
Мар ӯро, ки бошад варо тарзи хос [176, 152-153].

Назари Садри Зиё дар ин порча бо тамоми мушахассоти навоварӣ созгорӣ дорад. Яъне “Зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ” ҳамон нуктаи муҳиммест, ки пажӯҳишгарон дар таърифи навоварӣ зикр кардаанд. Садри Зиё дар ин пора ҳамчунин аз Айнӣ ба унвони поягузори “тарзи нав” ё ба ибораи кунунӣ сабки нав ёд мекунад. Бо ин васф, мутаассифона вай ҳеҷ намунае аз ин гуна ашъори Айниро дар тазкираи худ зикр накардааст. Тамоми намунаҳои зикр шуда аз Айнӣ дар ҳамон ҳолу ҳавои шеъри суннатӣ ҳастанд ба ҷуз ғазали “Афтод то гузори ту пеши дукони атр” [176, 159], ки дар он калимаи русии “гулят” мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аз ин натиҷагирии Садри Зиё бармеояд, ки манзури ӯ аз ибораи “тарзи нав” ҳамон ворид кардани мазмуни тоза дар қолабҳои шеъри классикӣ мебошад, на сохторшиканӣ дар ин қолабҳо. Садри Зиё дар “Тазкори ашъор” дар идома басароҳат таъкид кардааст, ки С. Айнӣ дар шеър “мазмунҳои бикр” ворид кард, ки қаблан дар ашъори гузаштагон

мутадовил набудааст. Бинобар ин дар ин марҳала, яъне охирҳои асри Х1Х ҳанӯз сохторшиканӣ дар қолабӣ шеър рух надода, балки танҳо дар мазмун ва мундариҷаи ашъор дигаргуниҳо ба вуҷуд омадааст, ки яке аз мубтакирони ин ҷараён С. Айнӣ ба шумор мерафт. Устод Айнӣ дар идомаи фаъолияти эҷодии хеш зимни густариш додани мазмунҳои иҷтимоию сиёсӣ дар ашъори худ талошҳое низ барои эҷоди шакл ё худ қолаби тоза дар шеър анҷом додааст. Аз ҷумла, муҳаққиқони адабиёт барои исботи назарияи худ ин намуна аз шеъри устод Айниро, ки дар соли 1907 суруда шудааст мисол мезананд:

Субҳоналлоҳ,
Имрӯз ба мо ҳодисаи саъб расид.
Аз гардиши чархи фалаки дулобӣ,
Пурсанд зи сол,
Оҳ, ба поён каш,
Баргӯяд ҳол,
Ҷангидани ғиждувониву кӯлобӣ,
Ин аст ҷавоб [8, 167].

Холида Айнӣ–духтари устод Айнӣ ва тартибдиҳандаи тавзеҳоти ҷилди ҳаштуми “Куллиёт”–и вай дар тавзеҳот гуфтааст: “Ин қитъаи таърихӣ яке аз намунаҳои кӯшиши муаллиф дар роҳи ёфтани вазни нав мебошад” [8, 476].

Рустами Ваҳҳобзода, пажӯҳишгари шеъри муосири тоҷик низ бархе аз ашъори Айниро ба унвони “муқаддимаи шеъри нави форсӣ” арзёбӣ кардааст. Ин муҳаққиқ бар он аст, ки ҳарчанд поягузори мактаби шеъри нав дар Эрон Нимо Юшич аст, вале бархе ашъори Садриддин Айниро низ метавон “муқаддимаи шеъри нави форсӣ” талаққӣ кард. Ба иддиои мавсуф ашъори нави Айнӣ дар ибтидои асри ХХ ва солҳо қабл аз шеъри маъруфи “Афсона”–и Нимо Юшич, вале тақрибан ба ҳамон сабки нимоӣ суруда шудааст. Р. Ваҳҳобзода меафзояд, ҳанӯз дар ибтидои асри ХХ устод Айнӣ

нахустин намунаҳоеро менависад, ки бо меъёрҳое, ки баъдан таъин шуданд, онҳоро метавон намунаҳои шеъри нав ё арӯзи нав ба шумор овард” [225]. Гарчанде талоши С. Айнӣ ҷиҳати сохторшикании қолабҳои шеъри классикӣ идома наёфт, аммо “тарзи нав”–и ӯ барои ворид кардани мазмунҳои нав дар қолаби шеър аз сӯйи бархе шоирони ибтидои асри ХХ ҳамовозӣ пайдо кард. Аз ҷумла М. Сироҷ, Ҳозиқ, Симо, Исо, Дилкаш, Савдо, Шоҳин, Саҳбо А. Ҳамдӣ, Мунзим, Т. Асирӣ, П. Сулаймонӣ, Аминзода, М. Раҳимӣ, Бектош ва дигарон ин ҷараёнро инкишоф дода, дарду алами мардумро дар қолабҳои суннатӣ, аммо бо мазмуни ҷадид дар ашъори худ суруданд.

Баррасиҳо нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои идома пайдо накардани ибтикори устод Айнӣ дар самти сохторшиканӣ дар қолаби авзони шеър таҳаввулоти азими сиёсӣ ва баъдан инқилобӣ дар Русия буд, ки табиатан ба авзои Осиёи Миёна низ бетаъсир набуд, зеро авзои инқилобӣ дар назди адибон вазифаҳои нави иҷтимоӣ мегузорад, ки мусаламан муҳимтар аз сохторшиканӣ дар қолаби шеър мебошад. Аз ин рӯ, дигаргуниҳои сиёсиву инқилобӣ дар Русия ва таъсири онҳо ба Аморати Бухоро, самту сӯйи фаъолиятҳои адабӣ дар ин минтақаро тағйир дод ва шоирони мубориз ба ҷои сохторшиканӣ дар қолабӣ шеър дар фикри тағйири низоми феодалӣ афтоданд. Бинобар ин, талош барои тағйири низоми сиёсӣ, ниёзманди таваҷҷуҳ ба мундариҷа ва муҳтавои осори адабиро пеш овард. Маҳз вазъияти инқилобӣ заминаро барои таҳаввули мазмуну мундариҷаи ашъор ва густариши лирикаи иҷтимоию сиёсӣ дар Осиёи Миёна фароҳам кард.

Дар ибтидои асри ХХ устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз саромадони таҳаввули лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар минтақа буданд. Лирикаи сиёсию иҷтимоиро дар миёни шоирони тоҷик дар ибтидои асри ХХ беш аз ҳама А. Лоҳутӣ мутадовил кард. “Лоҳутӣ аз нахустин шоироне буд, ки мавзӯъҳои

инқилобиро дар заминаи сиёсат ва иҷтимоъ дар шеъри тоҷик ворид кард” [222, 10].

Бо такя ба собиқаи инқилобигарӣ ва фаъолиятҳои навпардозонаи адабӣ, Лоҳутӣ шеъри даврони шӯравии тоҷикро ба осонӣ мутаҳаввил кард. Аз он ҷо, ки Лоҳутӣ шоири маслакгаро буд, шеърро ҳамчун васила барои расидан ба ҳадафи хеш медонист. “Аз назари маслакӣ ӯро бояд шоире моддигаро ва муътақид ба марксизм қаламдод кард, ки шеъри худро силоҳе медонист барои таҳаққуқи ормонҳои табақаи коргар” [140, 18].

Табъи оташбори ӯ ҳама анвои шеъри форсиро ба осонӣ дар хидмати ормонҳои инқилоб қарор медод. “Лоҳутӣ дар шоирӣ табъе офаринанда дошт. Метавонист ҳар гуна мазмун ва андешаро дар шеър бипарварад ва онро ба забоне равшан ва гиро чунон адо кунад, ки дигаронро таҳти таъсир қарор диҳад” [198, 369]. Ӯ аз ангуштшумор шоироне буд, ки ғазали латифи форсиро бо рӯҳияи инқилобӣ ва мавзӯъҳои иҷтимоӣ созгор кард. Лоҳутӣ аз ин лиҳоз бидуни шак, поягузори лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷик аст.

Дигаргуниҳои шигифтангезе, ки ҳукумати Шӯроҳо дар Бухорои ақибмонда эҷод кард, илҳомбахши табъи равони Лоҳутӣ буданд. “Тағйироти бунёдини иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ҷомеаи шӯравӣ таъсири амиқе бар ашъори Лоҳутӣ бар ҷой гузошт, ба тавре ки гоҳ бо сурудани ашъори ҷанҷолӣ ва шиоргуна ба тамҷид ва ситоиши пирӯзиҳои сотсиализм, мухолифат бо натсионалистҳо ё босмачиён ва низ ишоаи савод мепардохт. Ӯ аз вазнҳои ғайримаъмул мисли авзони ҳиҷоӣ баҳра бурд ва бо тарҷумаи “Отелло”–и Шекспир барои аввалин бор шеъри сафедро вориди адабиёти тоҷик кард” [229, 16].

Ғазали “Инқилоби сурх”-и Лоҳутӣ дар миёни шоирони тоҷик бозтоби бештаре дошт ва аксари шоирон ба он назира навиштаанд. Вижагии ғазали мазкур ин аст, ки ба таври якдаст (мунсаҷим) дар мавзӯи инқилоб суруда шуда ва калимоту истилоҳоти дар он бакоргирифта, бо адабиёти коргарӣ

комилан созгорӣ доранд. Мо дар осори адибони ибтидои асри XX Тоҷикистон ғазали сиёсии мунсаҷим ва бо мавзӯи воҳид, монанди ғазали “Инқилоби сурх”–и устод Лоҳутӣ камтар мушоҳида мекунем. Илова бар ин, то омадани Лоҳутӣ ба Тоҷикистон мо намунаи шеъри сиёсӣ ё иҷтимоии дорои мазмуни воҳид, ки тарғибгари андешаи сиёсии мактаби хосе бошад, надоштем.

Яке аз далелҳои муваффақияти чашмгири Лоҳутӣ дар миёни шоирони форсигӯи маҳдудаи Шӯравӣ таҷрибаи мукаммали инқилобӣ, табъи баланду оташбор, тасаллут бар адабиёти ҳазорсолаи форсӣ, ошноӣ бо сохтори шеъри нави роиҷ дар Аврупо ва эътиқоди амиқи шоир ба андешаҳои инқилобӣ ва идеологии ҳоким дар Шӯравӣ буд. “Собиқаи озодихоҳӣ, исён дар баробари ҳукумат, муҳоҷират ба Истанбул, рӯзноманависӣ, талош ва кудетои низомии нофарҷом ва оқибат гурехтан аз рӯи изтирор ба кишвари Шӯравӣ ва дар он ҷо иқомат гузидан гӯшае аз саргузашти пурҳодисаи ӯст” [198, 469].

Дар ҳоле, ки дар он оғоз аксари ҷадидони Бухоро ба таҳаввулоти тоза, бахусус инқилоби Бухоро ба шакку тардид нигоҳ мекарданд ва барои равшан кардани мавқеи худ дудила буданд, Лоҳутӣ бо рӯҳияи матини инқилобӣ, бо эътимод ба нафс, ки аз ҷавонӣ бо худ дошт ва таҷрибаи муборизоти инқилобии хеш дар Эрон, вориди маърака шуд ва бемуҳобо ба сурудани ашъори инқилобӣ ва таблиғи арзишҳои инқилоби коргарии Русия пардохт. “Масалан, дар назари шумори бисёре аз шуаро, инқилоби 1917 чизе беш аз тадовуми ҷунбишҳои ислоҳталабии “ҷадидон” ва дигар равшанфикрони мухолифи истибдод набуд. Ин идда, ки аз дарки моҳияти фарогири ин тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ нотавон монда буданд, ҳамчунон ба шеваи ғасалсароии суннатӣ, ки аз буҳур ва қаволиби қадимӣ пайравӣ мекарда ва орӣ аз аҳдоф ва назариёти иҷтимоӣ буд, вафодор монданд” [229, 17].

Қобили зикр аст, ки ашъори инқилобии Лоҳутӣ танҳо иборат аз шеърҳои шиории хушку холӣ набуданд. Аз мазмуни онҳо пайдост, ки шоир бо идеологияи ҳоким ва назокатҳои илми сиёсат низ ошноии хуб дорад. Собиқаи низомигарӣ ва муборизотии Лоҳутӣ барои сурудани ашъори инқилобии ӯ пуштивонаи қавӣ маҳсуб мешуд. Ин таҷрибаҳо кумак мекард, то шоир дарунмояи шеъри худро тақвият кунад. Ҳамчунин маҳорати Лоҳутӣ дар шикастани қолаб ва вазнҳои суннатии шеъри форсӣ ва истифодаи дурусти вожаҳои ҷадид ва истилоҳҳои маслакӣ дар шеър мӯҷиби таъсиргузории ашъори ӯ дар зеҳни мухотаби ом мешуд. “Ниёзи табъи Лоҳутӣ ба баёни мазомин ва андешаҳои нав ва гароиши ӯ ба таҷаддуду навоварӣ ва низ ошноияш бо адабиёти Ғарб ва милалли дигар мӯҷиб омада, ки дар шеър ба шеваи нав сухан гӯяд. Ин тозагӣ ҳам дар мафоҳиму матолиби шеър аст, ҳам дар тасвиргариву авсоф ва мазмунандешиву тарзи таъбир” [198, 471].

Лоҳутӣ ба унвони як коммунисти оташин аз тамоми имконот ва зарфияти шеъри форсӣ ба хотири таблиғи андешаҳои коммунистӣ моҳирона истифода кардааст. “Лоҳутӣ аз ҳангоме, ки ба Шӯравӣ паноҳ овард, ҳунари шоирӣ ва андешаи худро яксара дар хидмати сотсиализми ҳоким бар он кишвар ниҳод ва озодиро танҳо дар чаҳорчӯби вобастагӣ ба режими болшевикони Шӯравӣ дорои маънӣ ва мафҳум донист” [222, 18].

Ба ин ғазал таваҷҷуҳ намоед:

Гуфт рассом: Аз ту чун тасвир мебояд кашид?

Гуфтамаш: Дар шуъла як шамшер мебояд кашид.

Гуфт: Агар бигзаштаат ояд ба ёдам, чун кунам?

Гуфтамаш: Рангин ба хун занҷир мебояд кашид.

Гуфт: Пас, кӣ пора кард ин бандро? Гуфтам: Ленин.

Гуфт: Васфаш гӯй. Гуфтам: Шер мебояд кашид.

Лоҳутӣ ба далели алоқаи шадиде, ки ба андешаҳои инқилобӣ дошт, кишвари Шӯроҳоро ба унвони намунаи як ормоншаҳр қабул дошт ва

сиёсатҳои онро ба тариқи гуногун таблиғ мекард. Ӯ хушбахтии мардуми мазлуми дигар нуқоти ҷаҳонро дар вуқӯи инқилоби коргарӣ медонист, ки амалӣ шудани он танҳо дар партави раҳнамудҳои Ленин имконпазир буд.

Ҳамаи муҳаққиқони тоҷику эронӣ дар мавриди табъи саршору оташини Лоҳутӣ ва ҳамчунин муқаддам будани ӯ дар сурудани шеъри нав дар таърихи адабиёти форсӣ иттифоқи назар доранд. Ғуломҳусайни Юсуфӣ, адабиётшиноси муосири эронӣ дар мавриди шахсияти адабии вай менависад: “Дар ҳавзаи хоси шеър Лоҳутӣ шоире тавоно ва мубтакир аст” [198, 471].

Профессор Худойназар Асозода дар мавриди ҷойгоҳи устод Лоҳутӣ менависад: “Эҷодиёти Лоҳутӣ, махсусан бахши лирикаи ӯ, дар таърихи адабиёти садаи бистуми форсии тоҷикӣ падидаи фавқулода аст” [53, 259].

Шамси Лангрӯдӣ-муҳаққиқи шеъри муосири Эрон низ аз Лоҳутӣ ба унвони “дурахшонтарин чеҳраи шеъри форсӣ”[191, 76] ном мебарад, вале ба далели васила қарор додани шеър дар хидмати як мактаби хос аз ӯ интиқод низ кардааст.

Пажӯҳиш дар ин фасл натиҷаҳои зеринро ба дунбол дорад:

1. Шикасти қолаби шеъри классикӣ ё худ суннатӣ дар қаламрави Бухоро аввалин бор тавассути устод С. Айнӣ сурат гирифтааст. Ин нуктаро Садри Зиё дар “Тазкори ашъор”–и худ ба сароҳат баён доштааст. Садри Зиё таъкид кардааст, ки С. Айнӣ аз нахустин шоиронест, ки дар қаламрави Бухоро ба “тарзи нав” шеър сурудааст.

2. Ин раванд дар назми тоҷик бо муҳоҷирати А. Лоҳутӣ ба Шӯравӣ тақвият шуд ва ҷараёни навҷӯӣ ва навпардозӣ дар шеъри тоҷик равнақи бештар пайдо кард. Лоҳутӣ низ дар зумраи аввалин шоирони эронӣ аст, ки ба сабки нав шеър сурудааст.

3. Дар ибтидои асри ХХ лирикаи иҷтимоию сиёсӣ тавассути С. Айнӣ мутадовил шуд ва баъдан бо омадани Лоҳутӣ ба Шуравӣ ба камол расид. Мазмуни лирикаи сиёсию иҷтимоии устод С. Айнӣ бештар ҷанбаи

инқилобӣ дорад, аммо Лоҳутӣ ин ҷараёнро такмил дода ба як шоири маслакӣ дар назми шӯравии тоҷик табдил шуд.

4. Ашъори инқилобии шоирони ибтидои асри XX-и тоҷик ашъори шиорӣ хушку берӯҳ набуда, балки ин шеърҳо бо муҳтавои ҷавии инқилобӣ мардумро бо арзишҳои ҷомеаи навини сотсиалистӣ ошно намуда, онҳоро ба роҳи бунёдкорию созандагӣ ҳидоят менамуданд.

§1.3. Умумият ва тафовутҳои шеъри ибтидои садаи XX-и Тоҷикистон бо шеъри давраи Машрута дар Эрон

Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки зеҳни башар корҳои муштарак анҷом медиҳад, падидаи умумиятро дар адабиёти ҷаҳон ба роҳатӣ метавон ташхис дод. Адабиёти Эрон ва Тоҷикистон, ки аз як сарчашма оғоз шудааст, аз ин падида мустасно нест. Падидаи умумият дар адабиёти Эрон ва Тоҷикистон зиёд ба чашм мехӯрад ва тафовут миёни онҳо дар бисёр мавридҳо андак буда, танҳо ҷанбаи маконӣ ва замонӣ дорад. Дар аввалҳои қарни бистум таҳаввулоти шигифтангези саноатӣ дар Аврупо дар Эрон бетаъсир намонд ва равшанфикрону адибони ин кишвар ҳам бо ҳадафи созгорӣ ва ҳамсӯии ҷомеаи ақибмондаи худ бо ҷараёни рушди ҷаҳон даст ба кор шуданд. Ҷолиб аст, ки дар Эрон аввалин нерӯи таҷаддудгаро аз миёни қишри адибон сар баланд кард ва бо саъю талоши фаровон дар пайи наҷоти ҷомеи худ аз ақибмондагӣ ва куҳнапарастӣ шуданд. Омили таъсиргузор дар зуҳури ҷараёни таҷаддудгароӣ дар Эрон монанди он чи дар Осиёи Миёна рух дод, ҳамон падидаи Эҳёи (ренесанс) Аврупо, саноатӣ шудани ҷаҳон аз роҳи дастрасӣ ба илм ва технологияи навин ва ҳаракатҳои инқилобӣ дар Русия буд.

Зарурати тағйир ва таваҷҷуҳ ба дунёи навин дар Эрон аз замоне оғоз гардид, ки дари ошноӣ ва рафтуомад бо берун, бахусус Аврупо, боз шуд. Ин иттифоқ дар асри Фатҳалишоҳи Қоҷор, махсусан, даврони ҳукумати Аббос Мирзо ва ҷангҳои Эрону Рус бармегардад. Шикасти сангини Эрон

дар ҷанг бо Русияи подшоҳӣ чашму гӯши мардум ва масъулони Эронро боз кард ва сабаб гардид, ки аз хоби ҳазорсола бедор шаванд ва барои ақиб намондан аз корвони тамаддуни башарӣ ва овардани имконоти пешрафту таҳаввул талош намоянд.

Аз ин пас ҳама чиз ба навъе бо ҷомеа ва мардум иртибот пайдо мекард, бинобар ин, адабиёт ҳам мисли дигар ҷилваҳои андеша ва фарҳанг ба мардум рӯй овард ва инъикоси арзишҳои иҷтимоиро чеҳраи аслии худ қарор дод. Профессор Олимҷон Хоҷамуродов дар ин робита менависад: “Афкоре, ки дар асари ҷунбиши машрутият дар кишвар падид омад, адабиёти нав ва сабки тозаеро ба вуҷуд овард, ки аз нигоҳи мазмун ва шакл бо адабиёти пешина тафовут дошт” [147, 19].

Ба ҳамин далел аз шеъри ин давра дигар на ба унвони падидаи зинатӣ ва махсуси гурӯҳҳои маҳдуди ҳоким ё баргузидагони фикрӣ, балки ҳамчун амри умумӣ ва мутааллиқ ба гурӯҳҳои васеи ҷомеа бояд сухан гуфт, ки ба ҷои иртиботи мустақим бо дарбор ва гурӯҳҳои воломақом, аз тариқи матбуоти гуногун ва рангоранг бо муҳтавои сиёсӣ ва инқилобии мавриди алоқаи ҳамагон мухотабони худро дар гӯшаву канори шаҳристонҳо ва рустоҳои ин кишвар суроғ мекард. “Таҳаввули иҷтимоӣ–сиёсие, ки аз ҳудуди 1300 ҳ.ш, (баробар бо 1921 мелодӣ) дар Эрон рух дод, ба гунаи ҷадиде аз шеър мунтаҳӣ шуд, ки ба номи поягузори он Нимо Юшиҷ ба “шеъри нимоӣ” номбардор шудааст. Пеш аз ин бояд ёдоварӣ кунем, ки аввалан суннатшиканӣ ва зобитамандии навине, ки Нимо дар шеъри форсӣ падид овард, дар тӯли ёздаҳ қарни ҳаёти адабии форсӣ, пеш ва пас аз ӯ, бенамуна ва мумтоз боқӣ мондааст” [200, 8].

Бояд таъкид намуд, ки яке аз аввалин поягузорони шеъри нав дар Эрон Тақии Рафъат дабири дуюми Ҳизби демократи Озарбойҷони Эрон буд, ки тамоми истеъдоду ҳунари худро сарфи таблиғи андешаҳои инқилобӣ кард ва баъдан умри ҷавони худро низ дар ҳамин роҳ аз даст дод. Тақии Рафъат, ки сардабирии рӯзномаи “Таҷаддуд” ва баъдан нашрияи

“Озодистон”-и марбут ба ҳизби демократро ба уҳда дошт дар саҳифаҳои ин рӯзномаҳо баҳсҳои шадидеро дар мавзӯи адабиёт, бахусус шеър, матраҳ кард. Ӯ дар мақолаҳои хеш ҳамаи бузургони шеъри форсиро мавриди интиқод қарор дода ва шеъри куҳани форсиро мояи рукуд ва ақибмондагии ҷомеаи Эрон муаррифӣ мекард.

Дар муқобили тундгароии бархе аз таҷаддудгароёни инқилобӣ гурӯҳи дигаре аз равшанфикрони миёнарав зери раҳбарии Муҳаммадтақии Баҳор соли 1915 анҷумани адибони “Донишкада”–ро дар Теҳрон таъсис ва равиши созгор кардани шеъри суннатии форсӣ бо ниёзҳои ҷомеаи навинро пеш гирифтанд. Ин гурӯҳ бо ворид кардани мазмунҳои сиёсию иҷтимоӣ ва истилоҳоти тозаворид дар ҷомеаи он рӯзгор дар қолаби ғазал, маснавӣ, қасида ва дигар анвои шеъри суннатӣ дар пайи дифоъ аз шеъри куҳани форсӣ ва созгории он бо таҳаввулоти ҷадиди иҷтимоии замони хеш пардохтанд. Ҷанг миёни куҳнагароён ва навгароён дар ҷомеаи Эрон ба шиддат оғоз ёфт. “Шикоф рӯз ба рӯз амиқтар шуд, аммо авзоъ ба нафъи шоирони ғайрирасмии инқилобӣ пеш мерафт ва воқеият инҳоро таъйид мекард. Пас, ҳар дам бар тарафдорони шеъри авом афзуда шуд ва ҳар замон лояҳое аз шоирони расмӣ ба ҷараёни шеъри навин пайвастанд, то он ҷо, ки пас аз муддате муҳимтарин шоирони замона, шеърашон талфиқе аз ҳар ду гуна шеър шуд ва барҷастагоне чун Ориф, Эраҷ, Ишқӣ, Баҳор ва Лоҳутӣ ба зуҳур расиданд” [192, 38].

Навгароёни эронӣ хостори нақшофаринии адабиёт, бахусус шеър, дар зиндагии рӯзмарраи мардум буданд. Онҳо муътақид буданд, ки шоир набояд чун гузашта дур аз воқеияти зиндагии мардум барои дилхушии аҳли дарбор ва табақаи сарватманди ҷомеа ба лафзбозӣ ва баёни мафҳумҳои зеҳнӣ ва ғайривоқеӣ бипардозад. Онҳо барои шеъру шоир дар тағйир ва таҳаввулоти иҷтимоӣ нақши созандае қоил мешуданд ва таъкид мекарданд, ки шеър бояд дар хидмати мардум бошад.

Зайнулобиддини Мароғаӣ дар тасвири як маҷлиси расмии шеърхонӣ менависад: “Имрӯз мӯи миён дар миён нест. Камони абрӯ шикаста, чашмони оҳу аз бими он раста; ба ҷойи холи лаб аз зуғоли маъданӣ бояд сухан гуфт... Аз домани симинбарон даст бикаш ва ба синаи маъодини нуқраву оҳан биёвез. Бисоти айшро барчин, дастгоҳи қолибофиро паҳн кун. Имрӯз истимои сути роҳи оҳан даркор аст, на навои андалеби гулзор. Ҳикояти шамъу парвона куҳна шуда, аз эҷоди корхонаи шамъ сухан соз кун...” [191, 36]. Дар ин гузориш шиддати баҳси намояндагони гурӯҳи суннатгаро ва навгаро ва бардошти ин ду ҷараён аз шеър ва нақши он дар иҷтимоъ ба хубӣ намоён аст.

Бо вуҷуди ин, шеъри ибтидои асри ХХ-и Эрон бештар ҷанбаи инқилобӣ дошта, шоирон ба арзишҳои ҳунарӣ ва адабӣ камтар таваҷҷуҳ мекарданд. Тақии Рафъат, ки яке аз аввалин суннатшиканони шеър дар Эрон шинохта шудааст, дар шеъри “Эй ҷавони эронӣ” мегӯяд:

Як фасли тоза медамад аз баҳри насли нав,
Як навбаҳори борвар, обастани дарав.
Бархезу ҳирзи ҷон бикун ин аҳди некфол,
Бархезу боз рост кун он қаддӣ таҳмтан.

Бархезу чун камон, ки ба зеҳ кард шасти Зол,
Партоб кун ба ҷониби фардот ҷону тан [191, 59].

Ҷаъфари Хоманаӣ дар шеъри “Ба Ватан” хитоб ба мардуми кишвараш мегӯяд:

Ҳар рӯз ба як манзари хунин бадар оӣ,
Ҳар дам мутаҷаллӣ ту ба як ҷилваи ҷонсӯз.
Аз сӯзи ғамат мурғи дилам ҳар шабу ҳар рӯз
Бо нағмаи нав тоза кунад навҳасароӣ.
Бархез, яке савлати шерона нишон деҳ,
Ё ҷон биситон, ё ки дар ин маърака ҷон деҳ! [191, 61].

Дар ин давра Шамси Касмоӣ низ дар пайравӣ аз шеъри фаронса ашъоре месуруд, ки баробарии мисраъҳо ва қофиябандии маъмулии пешиниён дар онҳо риоят намешуд.

Ба эътирофи аксари муҳаққиқони адабиёти Эрон, ҳатто қабл аз Тақии Рафъат, яъне даҳ сол пеш аз он, аввалин бор Лоҳутӣ пораҳои шеъри навро сурудааст. Бо ин васф ҳеҷ кадом аз шоирони номбурда ба унвони бунёдгузори шеъри нав дар Эрон шинохта нашуданд. Чаро? Зеро ашъори шоирони мазкур ҳаргиз аз сатҳи шиор ва хитобаи хушку холӣ берун нарафт. “Пеш аз ин Ишқӣ ва Лоҳутӣ ҳар як ба саҳми худ гомҳои тозае барои эҷоди шевае нав дар қаламрави шеъри форсӣ бардошта буданд. Аммо на Ишқию Лоҳутӣ ва ҳатто Эраҷ ҳеҷ кадом натавонистанд бо пасу пеш кардани қофияҳо нобиғаи даврони хеш бошанд ва роҳи наве дар шеъри муосири форсӣ бигушоянд. Эраҷ Мирзо ҳатто ҷое иддио карда буд, ки :

Мекунам қофияҳоро пасу пеш,
То шавам нобиғаи давраи хеш” [200, 28].

Ҳарчанд, ки умумиятҳое аз ҷиҳати таърихӣ ва иҷтимоӣ дар солҳои 1907-1920 миёни ҷомеаи Эрон ва аморати Бухоро ба назар мерасад, аз назари адабӣ ин таҳаввул дар Осиёи Миёна бо суръати кундтаре дар ҷараён буд. Дар ин давра миёни адибони тоҷик баҳсҳои шадиди сохторшиканона ҳамчунон, ки дар Эрон дар ҷараён буд, оғоз нашуда буд. Дар аморати Бухоро равшанфикрон ва таҷаддудхоҳон бештар барои тағйири сохтори иҷтимоии ҳоким дар минтақа талош мекарданд ва баҳсҳо дар мавзӯи нақши адабиёт ва ҷойгоҳи шеър дар ин марҳала камтар матраҳ мешуд. Дар он марҳала ҳеҷ шоире дар маҳдудаи аморати Бухоро тавоноӣ ва зарфияти шеъри классикиро барои баёни андешаҳои тозаворид зери суол намебурд ва перомуни ин масъала ҳеҷ гуна баҳсу мунозираи ифротӣ шабеҳи он чи дар ҷомеи он рӯзи Эрон мегузашт, матраҳ нашуд. Ҳатто баъд аз ташкили ҳукумати Шӯроҳо дар Осиёи Миёна баҳсҳо перомуни адабиёти

ҳазорсолаи тоҷик бад–ин шева матраҳ нашуд, балки аксари адибони минтақа дар муқобили ҷараёни инкоргароёнаи пролеткулт истодагарӣ намуда, ба дифоъ аз арзишҳои адабӣ ва ҳунарии гузаштаи хеш бархостанд.

Дар ин давра таҳти таъсири дигаргуниҳои инқилобӣ дар Русия по ба пои адабиёти бедорӣ дар Эрон адабиёти коргарӣ низ шакл мегирифт. “Таваҷҷуҳ ба мардум яке аз вижагиҳои шеър дар асри бедорӣ буд, бад–ин сон шеър ҳам аз ҷиҳати мафҳуму мазмун ва ҳам аз ҷиҳати забону қолаб ва ҳатто тахайюл ба сурате даромад, ки битавонад паёми шоирро ба оммаи мардум бирасонад. Ин вижагӣ баъд аз ошноии гурӯҳе аз эрониён бо ҷараёнҳои адабӣ ва иҷтимоии Русия дар остонаи инқилоби Октябр қавитар шуд” [200, 28].

Намояндагони барҷастаи ин ҷараён, ки аз он ба унвони “адабиёти коргарӣ” дар Эрон ном мебаранд, Фаррухии Яздӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзодаи Ишқӣ ва Насими Шимол буданд. “Буридани шеъру адаб аз хавос ва табақоти мураффаҳ ва дарбор ва рӯй овардани он ба мардуми кӯчаву бозор сабаб шуд, ки дар ин аср бештар аз ҳамеша ниёзҳо ва тамоюлоти оммаи мардум ва табақоти маҳруми ҷомеа дар он мунъакис гардад. Ин хислати зиддибуржуозӣ тақрибан метавонад сифати ғолиби шеъри ин давра бошад” [200, 19].

Ҳарчанд дар шеъри аввалҳои қарни ХХ-уми тоҷик вижагиҳое, монанди рӯ овардан ба мушкилоти иҷтимоии мардум, худдорӣ аз ситоиши табақоти баргузида ва аҳли дарбор, ворид шудани мафҳум ва мазмунҳои ҷадид, монанди зарурати ислоҳот, омӯзиши улуми навин ва эҷоди дигаргунӣ дар сохтори маориф роҳ ёфта буданд, аммо андешаи сохторшиканӣ дар адабиёт ва бахусус шеър камтар дида мешуд ва ҳамаи ин мазмунҳо ҳамчунон дар ҳамон қолабҳои суннатӣ баён мегардид. Барои мисол, Тошхоҷа Асирӣ тазвиру риёи табақаи рӯҳониюни мутаассиб ва куҳнапарастро дар ҳамон қолаби шеъри суннатӣ ин гуна ба тасвир кашидааст:

Оҳ аз ин ҷинси наҷосаттинатони зуҳдкеш,
Ҷуз ба оби теғ натвонӣ мутаҳҳар доштан.
Анкабутонанд, ҳангоме ки гиранд эътикоф,
Сайди мазлуме ғараз дар зери чодар доштан [83, 131].

Бинобар ин, агар дар ин давра шеър дар Эрон чӣ аз назари қолабу тахайюл ва чӣ аз нигоҳи муҳтаво ва дарунмоя дучори таҳаввули ҷиддӣ гардид, ин таҳаввул дар шеъри шоирони тоҷик танҳо ҷанбаи муҳтавоӣ дошт ва аз назари қолаб ва тахайюл шоирони тоҷик ҳамчунон суннатгаро боқӣ монданд.

Дар ҳоле ки аксари шоирони тоҷик дар ибтидои асри ХХ–ум бузургтарин ифтихори шоирии худро дар пайравӣ аз сабки Бедил медонистанд, дар миёни шоирони эронӣ инқилоби адабие рух дод, ки муҳимтарин дағдағаи он зарурати эҷоди як сабки ҷадиди шеърӣ барои посухгӯӣ ба талаботи замони муосир буд. Талош барои дастёбӣ ба ин ҳадаф натиҷа дод ва баъд аз ҳазор соли якрангӣ аз лиҳози сохтор шеъри нав, ё худ сабки нимоӣ ба унвони сабки тозаи шеърӣ дар таърихи адабиёти форсӣ сабт гардид. Як далели аслии равнақи бештари таҷаддудхоҳӣ дар Эрони он рӯз ҳимояти мақомоти сиёсӣ аз ҷараёни навгароӣ дар ин кишвар буд, ки ба ташаккули якпорчаи ҳаракати мазкур мусоидат кардааст.

Сарфи назар аз таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна ин нуктаро бояд пазируфт, ки падидаи навгароӣ дар адабиёт ва ҳунар дар Эрон раванди табиитареро тай кард ва талоши шоирони ин хитта муассир афтод, ки ҳосилаш сабти як сабки нави шеърӣ дар корномаи шоирон Эрон буд. Сабки нави нимоӣ бо вуҷуди мухолифатҳои шадид ҷойгоҳи худро дар ҷомеаи Эрон пайдо кард ва шоирони Тоҷикистон баъд аз 40 сол, яъне дар даҳаи 60–уми асри ХХ ба таври ҷиддӣ ба он рӯ оварданд. Бад–ин тартиб омилҳои таъсиргузор ва умумиятҳо дар таҳаввули шеъри Эрон ва Тоҷикистон дар ибтидои асри ХХ–ум бад-ин шарҳ будааст:

1. Ренессанси Аврупо, ҳаракатҳои инқилобии Русия ва ҷараёни санъатӣ шудани Ғарб ба унвони омили аслии таъсиргузор дар оғози таҳаввулоти навгароӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна.

2. Авҷ гирифтани талоши адибон барои амалӣ шудани андешаҳои таҷаддудхоҳона дар ҳавзаи адабиёт аз назари замонӣ. Яъне, ҷараёнҳои таҷаддудгаро ва озодихоҳ дар Осиёи Миёна ва Эрон дар ибтидои асри XX зуҳур карданд.

3. Ворид шудани мафҳуму мазмунҳои иҷтимоӣ дар шеър, ҷудо шудани шеър аз дарбор ва рӯ овардани шоирон ба мушкилот ва ниёзи тӯдаҳои мардум дар ибтидои асри XX.

4. Омиёна шудани забони шеър ва парҳези шоирон аз корбурди ибораҳои печида ва номафҳуми роиҷ дар ашъори гузаштагон.

5. Пайдоиши санъати чоп ва рӯзнома ба унвони муҳимтарин василаи иттилоърасонӣ.

6. Тарҷума ва нашри китобҳо ва осори фарангӣ ва ошноии бештари навгароён бо пешрафтҳои ҷаҳони Ғарб.

7. Таъсиси мактабу мадраса бо усули нави таълимӣ.

8. Афзоиши раванди рафтуомади мутақобил миёни Шарқу Ғарб ва ошноии бештари ҷомеа бо таҳаввулоти тоза дар перомуни худ.

Бояд гуфт, ки тафовутҳо миёни шеъри ибтидои асри XX-и Эрону Тоҷикистон нисбат ба умумиятҳо хеле камтару ҷузъитар ҳастанд. Бо вуҷуди ин метавон падидаҳои зерро ҳамчун ваҷҳи фарқкунандаи шеъри ин давраи Эрону Тоҷикистон ном бурд. Ин тафовутҳо умдатан бо раванди таҳаввуллоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин ду ҳавза алоқаманд ҳастанд.

1. Мухолифати шадиди дарбори Манғит бо ҳар навъ андешаи таҷаддудхоҳӣ ва эҷоди тағйирот дар сохи сиёсию иҷтимоии аморат ва саркӯби бераҳмонаи равшанфикрон дар Бухоро ва дар муқобил ҳамсӯйи мақомоти сиёсии Эрон бо таҷаддудхоҳони ин кишвар дар бархе мавқеъҳо, ки ба шаклгирии мунсаҷимтари ҳаракати мазкур мусоидат кардааст.

“Эрониён зарурати навҷӯӣ ва навхоҳии илмию фарҳангиро аз замони Аббос Мирзо дар қарни нуздаҳ оғоз карда буданд ва аз тарафе ҳамин тарафдорони таълиму тарбияи навин (Аббос Мирзо, Қоиммақоми Фароҳонӣ, Амири Кабир ва …) худ аз соҳибмансабони ҳукуматӣ буданд” [210, 86].

2. Ноком мондани ормонҳои ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидони Бухоро ва ба самар нишастани талоши шоирони ин давраи Эрон дар офаридани сабки тозаи шеърӣ.

3. Набуди як назарияи мунсаҷим (воҳид) барои эҷоди тағйироти бунёдӣ дар ҳавзаи адабиёт барои дастёбӣ ба як сабки тозаи адабӣ дар Бухоро.

4. Матраҳ кардани мафҳуму андешаҳои ҷадид дар қолабҳои куҳани ҳунарӣ дар миёни адибони Осиёи Миёна ва набуди дидгоҳе равшану ягона бо ҳадафи эҷоди навоварӣ дар ҳавзаи адабиёт дар ин хитта.

5. Камранг будани ҷойгоҳи мафҳумҳои нав, ба монанди давлат, волоияти қонун, озодии занон ва ҳуқуқи маданӣ дар ашъори шоирони Осиёи Миёна дар қиёс бо шеъри Эрон то вуқӯъи Инқилоби Октябр.

6. Нуфузи бештари суннатгароён ва рушди кундтари санъати чоп ва нашри рӯзнома дар Бухоро ба далели мухолифати шадиди дарбори Манғит бо эҷоди ҳар навъ тағйиру навгарой.

7. Ҷалби камтари мухотаб ба ашъори дорои мазмунҳои иҷтимоии ин давраи тоҷик ба далели камбуди имконоти пахш дар қиёс ба ҳамин давра дар Эрон, ки ашъори иҷтимой мавриди истиқболи умумӣ қарор мегирифт.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз умумияту тафовутҳое, ки дар раванди ташаккули шеъри ибтидои асри ХХ–и Тоҷикистону Эрон ба чашм мехӯрад, мавзӯи асосӣ ин аст, ки чаро ибтикоре, ки дар ибтидои ин аср устод С. Айнӣ дар ҷиҳати навсозии қолаби шеър классикӣ пеш гирифта буд, идома наёфт? Ва чаро ҳамин ибтикор дар муҳити онрӯзаи Эрон ба самар нишаст? Мушоҳидот нишон медиҳад, ки вуқӯъи Инқилоби Октябр дар Русия ва

таъсиси сохти шӯравӣ дар Тоҷикистон барои идомаи иқдоми навпардозонаи шоирони тоҷик дар ибтидои асри XX мусоидат накардааст, зеро вазъияти инқилобӣ ва тағйироти бунёдини низоми сиёсию иҷтимоӣ дар ҳар кишваре дар шароити хос ва ҳассосе сурат мегирад ва дар ҷараёни рушди табии фаъолиятҳои адабию фарҳангӣ ҷомеа як навъ таваққуф эҷод мекунад. Даврони гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми дигар табиатан дар ҳар кишвар то муддати муайян як холигоҳи маънавӣ эҷод менамояд. Ҳар навъ тағйир дар зоти худ то замоне ки мардум бо вазъияти ҷадид одат кунанд ва худро бо он созгор намоянд чунин пайомад дорад. Гузашта аз ин, Давлати Шӯравӣ барои нависандагону шоирони советӣ масъулият ва вазифаҳои нав таъйин кард, ки бар асоси он адибони шӯравӣ осори худро бояд бо методи реализми сотсиалистӣ эҷод мекарданд. Илова бар ин, осори адибони пролетарӣ аз назари ғоявӣ бояд бар асоси равияи ҳизбият ва халқияти адабиёт эҷод мешуданд. Бинобар ин низоми нав дар он замон ҳамаро аз боло то поин нав карда буд ва дигар зарурате вуҷуд надошт, ки он ибтикороти адабии устод С. Айнӣ идома ёбад. Аз сӯйи дигар, дар ҳолу ҳавои инкоргароёнаи ҳаракатҳои инқилобӣ ин имкон вуҷуд дошт, ки иқдомҳои навоваронаи адибони тоҷик қабл аз инқилоб ба унвони як ҳаракати зиддиинқилобӣ шинохта шавад. Ҳатто А. Лоҳутӣ, ки дар Эрон аввалин намунаҳои шеъри навро сурудааст, ҳангоми фирор ба Шӯравӣ он равиши навоваронаи худро идома надод. Барои мисол як бахши достони “Тахти хунин”-и П. Сулаймонӣ, ки дар соли 1931 эҷод шуд ва аввалин достон дар назми советии тоҷик ба шумор мерафт, ба ҷурми вуҷуди унсурҳои натуралистӣ аз ин достон ҳазф гардид. Ё худ аввалин достони мукаммали назми советии тоҷик дар бораи В.И. Ленин бо номи “Парии бахт”, ки ба қалами устод А. Лоҳутӣ тааллуқ дорад, ба ҷурми истифодаи тамсилу ривоёт барои кушодани симои доҳии пролетариати ҷаҳон аз сӯйи мунаққидони советӣ мавриди интиқоди шадид қарор гирифт.

Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ ба далелҳои номбурда метавон ба чунин натиҷа расид, ки баъди пирӯзии Инқилоби Октябр, ҳизби коммунисти шӯравӣ дигар ба ин гуна навоварӣ ва навпардозиҳои маҳаллӣ дар адабиёт ниёз надошт ва идеологияи ҳоким барои идомаи ин гуна навовариҳо мусоидат намекард.

Бо ишора ба сайри таърихӣ ва мушкилоте, ки адабиёти тоҷик дар ибтидои асри XX аз сар гузаронид, метавон ба чунин натиҷа расид, ки адабиёти навини тоҷик дар замони шӯравӣ чеҳраи нав аз худ ба намоиш гузошт. Маҳз дар ҳамин давра, адабиёт аз инҳисори дарбору дарбориён ва асорати суннатҳои қадимӣ наҷот ёфта, дар хидмати мардуми оддӣ қарор гирифт. Робитаҳои адабӣ бо дигар миллатҳои ҷаҳон густариш ёфта, асарҳои беҳтарини адибони ҷаҳон ба забони тоҷикӣ тарҷумаву чоп шудаанд. Барқарории робитаҳои адабӣ сабаб шуд то таҷриба ва маҳорати адабии нависандагону шоирони тоҷик боз ҳам ғанитар шавад. Хулоса, адабиёти тоҷик дар ин давраи пурошӯб зимни ҳифзи арзишҳои прогрессивии адабиёти классикӣ ҳамчунин дарҳои навгароӣ ва навпардозиро ҳам ба рӯйи худ боз гузошт ва собит кард, ки забону адабиёти тоҷик тавоноӣ ва зарфияти омезиш (синтез)-и суннат ва навовариро дар жанрҳои гуногуни адабӣ дорад.

БОБИ II. ШОИРОНИ “НАСЛИ КОМСОМОЛ” ВА ШЕЪРИ ХИТОБА

§2.1. Шеър василаи тарғиб ва ташвиқи идеологияи замон

Хусусияти ҷомеаи идеологӣ ин аст, ки инсонҳо зоҳиран дар ин гуна ҷомеа хубу муназзам менамоянд, вале дар асл аз лиҳози маънавӣ сода ва қолабӣ мешаванд.

Пас аз 1930 низоми коммунистӣ дар Осиёи Миёна таҳкиму устувор гардид. Дар ин замон ба дунболи пирӯзиҳои Давлати Шӯравӣ алайҳи мухолифонаш дар арсаи адабиёт ва ҳунар нерӯҳои тозанафас,

таҳсилкардаву тарбиятдидаи мактабҳои навбунёди шӯравӣ, вориди арсаи амал шуданд. Ҳизби Коммунистӣ дар ҳамин давра ба ҳамраъйию ҳамдилии бештари мардум бо сиёсатҳои хеш ниёз дошт. Табиатан барои эҷоди иттиҳоду ҳамдилӣ, беҳтарин восита адабиёт маҳсуб мешавад ва ҳизб аз ин васила ба хубӣ баҳрабардорӣ кард. Чаҳорчӯби адабиёти Шӯравиро хеле пештар аз даҳаи 30-ум В.И. Ленин-асосгузори давлати Шӯравӣ мушаххас карда буд. Ленин бепарда дар мақолаи “Аз чӣ бояд сар кард?” таъкид намуда буд, ки адабиёти Шӯравӣ бояд адабиёти партиявӣ бошад. “Адабиёт бояд партиявӣ бошад. Бар хилофи хулқу атвори буржуазӣ, бар хилофи матбуоти соҳибкорона ва савдогаронаи буржуазӣ…Адибон бояд ҳатман дар ташкилоти партиявӣ дохил шаванд”[84, 13]. Принсипҳои таъйинкардаи доҳӣ бо ҳамин хатм намешуд, балки барои эҷоди адабиёти комилан пролетарӣ методи хоси адабӣ низ мушаххас гардид, ки он “реализми сотсиалистӣ” ном гирифт ва забони баёни ин усул ҳам забони омиёнаи мардум ё худ халқияти адабиёт таъйин шуд. Ҳамзамон бо ин метод вазифаҳо ва масъулиятҳои адабӣ барои адибони шӯравӣ мушаххас гардид ва нишон медод, ки адибону шоирон бо чӣ кайфияте метавонанд осори адабии худро эҷод намоянд. “Методи реализми сотсиалистӣ ба зиммаи нависандагони советӣ ҳам дар масъалаи маданияти баланди нависандагию санъаткорӣ ва ҳам дар интихоби мавзӯъҳои замони ҳозира вазифаҳои бузург мегузорад” [80, 56].

Ба ҳамин тартиб адабиёт дар Шӯравӣ комилан таҳти назорати ҳизби коммунист қарор гирифт ва ҳатто мавзӯъҳои адабӣ бо иҷоза ва риояи меъёрҳои таъйинкардаи ҳизб интихоб ва эҷод мешуданд.

Гарчанде адабиёти тоҷик дар ин давра аз назари мундариҷа ва шакл намуди тоза ба худ гирифта буд, аммо аз назари мавзӯъ ва мазмун дар атрофи як меҳвар мечархид ва онро такрор менамуд. Аз ин рӯ, шоирону нависандагони тоҷик бо илҳом аз барномаҳои ҳизбӣ, бо садоқат фаъолиятҳои эҷодии худро сарфи ормонҳои ҳизб мекарданд.

“Дар ин давра адибони ҷавон, ё ба истилоҳ насли комсомол, ки дар мадориси давраи шӯравӣ таҳсил карда буданд, по ба саҳнаи адабӣ мегузоранд. Ин насли ҷавон, насле буд, ки режими феодалиро ба ёд меовард, лекин ба давраи адабиёти сотсиалистӣ тааллуқ дошт. Аз миёни онҳо метавон бахусус аз М. Турсунзода, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, Т. Пӯлодӣ ва Ҳ. Юсуфӣ ном бурд. Ҳамаи онҳо шогирдони В.В. Маяковский қаламдод мегаштанд вале дар айни ҳол гароише ҳам ба сӯи баёни расмии тамсилӣ доштанд” [148, 122-123].

Ин насле буд, ки мустақиман зери нуфузи ақоиди коммунистӣ қарор гирифта ва истилоҳоти русиро низ ба шакли аслияш дар навиштаҳои худ ба кор мегирифтанд. Аз соли 1930 то соли 1960 дар адабиёти шӯравии тоҷик тақрибан як ҷараён идома дошт, ки мадҳи низоми коммунистӣ, ҳизб ва доҳии онро ба ҳадди иғроқ расониданд.

Интизори ҳизб аз шоирону нависандагони шӯравӣ дар ин байти шоири инқилобии рус В.В. Маяковский ба хубӣ инъикос ёфта буд:

Нависанда он аст дар ин рӯзгор,
Ки марше сарояд, бигӯяд шиор.

В.В. Маяковский муътақид буд, ки шеър супориши иҷтимоист ва шоир бояд дар сафи пеши муборизоти иҷтимоӣ қарор дошта бошад. Бинобар ин, шоирони тоҷик дар пайравӣ аз ин шоири инқилобӣ ҳама гуна мавзӯи иҷтимоӣ ва рӯйдоди сиёсиро вориди шеър мекарданд. Онҳо аз ин тариқ мехостанд вазифаи иҷтимоӣ ва граждании худро дар назди ҷомеа адо намоянд. Фарзи мисол, М. Раҳимӣ ба муносибати чопи аввалин шумораи рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” чунин месарояд:

Кунун газетаи сурх ба Тоҷикистони сурх,
Зи меҳр дидаҳо сурх ба “Тоҷикистони сурх”.
Оилаи ранҷбар, марду зани камбағал,
Ин ҳама рӯзномахон шуд ба дабистони сурх.

Адабиётшинос Х. Мирзозода дар ҳамон айём аз идомаи ин раванд дар адабиёт шиква карда навишта буд: “Акнун кори шеър ба ҷое расидааст, ки дастуроти ҳаррӯзаи ҳукумат, қарорҳои Шӯрои олӣ ва ҳатто ахбори рӯзонаи рӯзномаҳоро ба назм дароварда ва бидуни риояти қавонини адабию ҳунарӣ ба унвони шеър чоп мекунанд. Ин хитобаҳо, ки шеър нестанд. Ин шоирон қабл аз он ки бихоҳанд шуури дигаронро нав кунанд, бояд шуури хешро дигаргун намоянд” [112, 103].

Шеъри ин давра куллан дар як масир ҳаракат мекард, як мавзӯъ, як ҳадаф ва маънии ягона дошт. Дар ин робита Кет Ҳечинский менависад: “Дар авохири даҳаи 1930 насли ҷадиде аз шоирон по ба арсаи вуҷуд гузоштанд, ки асоси фикру ҳунарашон аз инқилоб моя гирифта буд. Онҳо шадидан ба шеъри инқилобӣ ва мардумӣ пойбанд монданд ва муҳтавои ашъорашон таблиғи барномаҳои иқтисодӣ ва аҳдофи сиёсати хориҷии ҳизб буд”[229, 17].

Реализми сотсиалистӣ танҳо вазифаи идеологию таблиғӣ дошт ва мақомот исрор мекарданд, ки ягона нусхаи зебоишиносӣ дар Шӯравӣ ва дигар кишварҳои сотсиалистӣ шумурда шавад.

Барои мисол, тамоми муҳтавои балладаи “Чашмаи Ленин”–и Боқӣ Раҳимзода аз он иборат аст, ки Андреев-муҳандиси рус ба як деҳаи дурдаст ва кӯҳистонии тоҷик меояд ва барои ин рустои “беоб” аз куҷое чашма пайдо намуда, обро ба деҳаи хушку хазонзадаи тоҷик меорад. Мардуми деҳа аз фарти шодмонӣ номи ин чашмаро “Чашмаи Ленин” мегузоранд.

Марду зан бо муҳаббату дили шод
Ҷумла гуфтанд: “Чашмаи Ленин!”
Ин деҳи мо бишуд чунин обод,
Мухтасар, саргузашти чашма ҳамин.”

Соҳиб Табаров-адабиётшиноси тоҷик дар таҳлили балладаи “Чашмаи Ленин”–и Б. Раҳимзода менависад: “Ҳамон тавре ки Боқӣ Раҳимзода қайд мекунад, муҳит ва шароити халқи камбағали тоҷик маҳз бо

ёрии бародарона ва ҳаррӯзаи халқҳои советӣ ва пеш аз ҳама халқи рус беҳтар ва хубтар мешавад.

Шоир ба воситаи ҳамин як факти хурд-мавзӯи кушодани чашмае дар қишлоқи кӯҳӣ ақидаи бузургии дӯстии халқҳои Ватани советиро ҷамъбаст кардааст, ки В.И. Ленин дар сари гаҳвораи ин дӯстӣ ва бародарии халқҳои СССР меистод” [119, 126-127].

Мирсаид Миршакар дар достонҳои худ мавзӯҳои идеологиро моҳирона ба тасвир мекашад. Вай дар достони “Ленин дар Помир” дар ин бора месарояд:

Бар саволи худ:
“чаро ман камбағал?”
Дар ягон ҷое ҷавобе ӯ наёфт,
Аз забони Ленину партияаш
Дар китоби нав ҷавоби пурра ёфт...[27, 14].

Шеъри даврони шӯравии тоҷик умдатан дар хидмати авом аст ва ба ҳамин далел сахт авомона буд. “Равшан аст, ки бисёре аз чеҳраҳои адабии тоҷик, аз ҷумла саршиностарини ишон монанди М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, М. Миршакар ё Б. Раҳимзода тасодуфан ба гирдоварии фарҳанги омма напардохтаанд. Забони адабии навин бар бунёди адабиёти суннатӣ ва адабиёти омиёна шакл гирифт, ба гунае, ки барои дастёбӣ ба моҳияти вижа ва миллӣ, адабиёти омиёна ва суннатӣ пуштивонаи адабиёти навин буда ва ин пайванди наздик бо суннати тудаҳо, аз вижагиҳои миллии адабиёти шӯравии тоҷик мебошад” [148, 118].

Рӯйкарди шоирони даҳаи аввал ва дуюми инқилоб ба мазмунҳое чун озодӣ, инқилоб, дастовардҳои ҷомеаи сотсиалистӣ, ситоиши доҳӣ, ҳизб ва бародариву баробарии миллиятҳои шӯравӣ..., ғолибан хом, эҳсосӣ ва шакл наёфта аст ва бар мабнои ҳаяҷони зудгузар ва рӯзмаррагӣ эҷод шудаанд.

Бе ту дар ҳар сӯ, зи ҳар осор мебинам туро,
Ҳар куҷо чун дидаи бедор мебинам туро.

Бо чароғи Илъичӣ шаҳру деҳотам равшан аст,

Аз замин то қуллаи куҳсор мебинам туро [10, 61].

Шеъри ин даврон дар маҷмӯъ вазифаи шиорро бар уҳда дорад ва ғолибан фориғ аз шӯри шоирона аст. Аз ин рӯ, гоҳ шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин даврaро “Шеъри матбуотӣ” хондаанд ва истидлол мекунанд, ки муборизони инқилоб ночор буданд, ки барои таблиғи андешаҳои навин аз шеър, ки беҳтарин василаи баёни отифаву эҳсосот мебошад, ёрӣ ҷӯянд ва дар воқеъ қисмате аз вазифаҳои матбуотро ба уҳдаи шеър вогузоранд. Ҳукумати Шӯравӣ барои таблиғу ташвиқи барномаҳои худ ба шоирону нависандагон имтиёзоти зиёде дар ихтиёр гузошт. Шояд ҳамин омил, яъне, имтиёзоти таъйиншуда боис шуд, ки шоирону нависандагони тоҷик ба ҷойи эҷоди ашъори ҳунарӣ ва аз диди эстетикӣ зебо саргармӣ эҷоди ашъори публистӣ, умумигӯӣ ва пур кардани маҷмӯаҳои худ бо ашъори шиорӣ шаванд. Барои мисол, метавон ғазали “Бахти ҷовидон”-и М. Турсунзодаро дар он замон ҷузъи ашъори ҳисоботӣ арзёбӣ кард:

Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,

Падар монанди Сталину халқи қаҳрамон дорам [36, 51].

Ҳатто номи шеърҳои шоирони ин давра дар маҷмӯаҳо нишондиҳандаи хусусияти умумигӯӣ ва оморӣ доштани эҷодиёти онҳоро ба равшанӣ ошкор мекунад. С. Ҷавҳаризода дар ин замон барои ашъори худ чунин номҳоро интихоб кардааст: “Ленинизм ҷовидонист”, “Байрақҳо”, “Ташаккур ба партия”, “Телеграмма”, “Вакил аз фабрика”, “Роҳи Ленин ба мо саодат дод”, “Дар Москва”, “Ба шахтёри шуҷоъ”, “Ба хотираи устод Горкий”, “Партияро месароем” [40, 79] ва ғайра, ки ангор бо методи реализми сотсиалистӣ эҷод шудаанд.

М. Раҳимӣ дар ин давра силсила рубоиёт ва дубайтиҳои тозаи худро бо забони наздик ба лаҳҷаи мардуми одӣ ба нашр расонд. Дар ин силсила рубоию дубайтӣ бар хилофи суннати рубоисароӣ дар адабиёти классикии тоҷик, мавзӯъҳои имрӯзӣ ва ҳатто байналмилалӣ матраҳ шудаанд. Аммо аз

назари риояи авзони арӯз, забону баён ва диди эстетикӣ дар ин рубоиёт мушкили зиёде ба чашм мехӯрад, аммо адабиётшиносии шӯравӣ аз назари муҳтавоӣ ба маҷмӯаи рубоиёти шоир баҳои баланд додааст. Раҳимӣ дар яке аз ин дубайтиҳо мегӯяд:

СССР-давлати олӣ-ирода
Ба ҳар сӯи ҷаҳон дасташ кушода.
Ба ҳар мулке ба-ҳам бо халқҳояш,
Муборак нақшаҳо тартиб дода!… [30, 9].

Ё худ:

Зи Фарғона садои ғулғул омад,
Ки як гулдухтаре аз Кобул омад.
Зи Совнархози ӯзбек, Соҷида гуфт:
Маҳи Афғон ба Совхози Гул омад! [30, 30].

Бо ин ҳол, адабиётшиносии шӯравӣ сарфи назар аз мушкилоти вазнӣ, корбурди қофияҳои номуносиб ва забони омиёнаи кӯчагӣ, танҳо ба хотири ҳамараъйии шоир бо барномаҳои партия ба ин рубоиёт баҳои баланд дода, ин намунаҳоро ба унвон навоварӣ дар жанри рубоӣ муаррифӣ мекунад. Ю. Бобоев дар муқаддимаи “Рубоиёт” и М. Раҳимӣ менависад: “Рубоиҳое, ки ҳоло дар ин маҷмӯа дарҷ шудаанд, фақат зоҳиран, яъне, аз ҷиҳати сохт–композитсия ба рубоиҳои анъанавӣ монандӣ доранд, лекин мазмуну идеяи мутараққӣ ва усулҳои нави кушодани мақсаду нияти шоир, ки бо замони мо вобаста аст, равшану фаҳмост…Рубоиҳои иҷтимоӣ-граждани аз доираи васеи маълумот ва завқмандии шоир шаҳодат дода, дар онҳо дар бораи ёрдами дӯстонаи давлати советӣ ба Ҳиндустон, Арабистон, Полша, Чехословакия ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ, дар хусуси сохтмонҳои бузурги умумишарқӣ ва умумиғарбӣ сухан меравад” [30, 4-5]. М. Раҳимӣ ҷои дигаре таҳти таъсири таблиғоти идеологӣ ҳамбастагии мардум бо ҳизби коммунист ва доҳии пролетариати ҷаҳон-Ленинро болотарин нерӯи ҳастӣ медонад:

Дило, на ишқ, на оташ, на офтобу замин
Надорад ин ҳама қувват, ки халқ бо Ленин [31, 42].

Ҳ. Юсуфӣ [42] шоири муборизи тоҷик низ дар ин давра ҳамраъйӣ ва ҳимояти худро аз сиёсати партия бо ашъори “Ба душманони ватан-ҷосусони тротскичӣ”, “Ба Долорес Ибарури”, “Ба пешвози Октябр”, “Ба Шевченко”, “Мубориз бош”, “Ту духтари сталинӣ”, “Духтари ҳавопаймо” ва ғайра иброз кардааст.

Ё худ Мирзо Турсунзода садоқати худ ба ҳизби коммунистро ин гуна тасвир кардааст:

Кистӣ, шоир ? Агар пурсанд: Гӯям коммунист,
Ҳар нафас, ҳар қатра хун, ҳар тори мӯям коммунист!
Сӯи мо танҳо назар андохт чашми коммунист,
Шуҳрати моро баланд афрохт дасти коммунист...
Партия,
Ҳаргиз нагардад ин дили ман аз ту дур,
Пеши чашмонат
Дурахшон аст монанди булӯр.
Ҳастии мо, Партия, бо ҳастиат пайванд шуд,
Зери байроқи ту рафтан, зистан, савганд шуд! [36, 66].

Ташаккули фарҳанг ва ҳувияти ҷадид дар миёни халқҳои шӯравӣ яке аз аҳдофи дастгоҳи идеологии ҳизби коммунист маҳсуб мешуд ва адабиёти ин давра барои таҳаққуқи ин ормон кӯшо буд. Ашъори даҳаи сӣ умдатан атрофи як меҳвар чарх зада, моҳияти комилан тарғиботӣ ва публитсистӣ касб карда буд. “Шеъри солҳои бисту сӣ аксаран соф публитсистӣ буда, мазмуни иҷтимоию сиёсии он бевосита ва ошкоро баён мешуд, хусусияти тарғибию ташвиқии вай рӯирост ифода меёфт”[219, 116].

Қобили зикр аст, ки ситоиши ҳизб, доҳӣ ва низоми сотсиалистӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик ба давраи хос маҳдуд намешавад, балки ин мавзӯъ то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳатто баъд аз он низ

идома дошт. “Дар тӯли даҳаи аввали пас аз поёни ҷанг, ҳамчунон мавзӯоти идеологӣ ғолиб буданд ва озодии нисбии адабиёти давраи ҷанг ҷойи худро ба баррасии мӯшикофона ва дақиқи осори адабӣ аз ҷанбаи идеологӣ дод” [229, 17].

Профессор Р. М. Қубодиёнӣ адабиёти даврони 1926-1950-ро “адабиёти беранг ва қолабӣ” арзёбӣ кардааст. Ба назари диссертант агар ба ҷои таъбири “беранг” таъбири “адабиёти якранг” истифода шавад, муносибтар аст, зеро адабиёти ин давра бидуни шак ранг дошт ва қолабӣ будани онро низ таъбири “якранг” метавонад таъйид кунад. Ба навиштаи профессор Қубодиёнӣ дар ин марҳала “адибон озодии худро комилан аз даст доданд. Ҳамаи он чизе, ки бо сиёсати империтории болшевикӣ мувофиқ буд, дар адабиёт ва ҳунар мунъакис мешуд ва ҳар чизе ки ба сиёсат латма ворид мекард, инъикос намеёфт” [180, 101].

Ягона мавзӯи ҷолиби диққат дар ин даврони сисола мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст, вале боз ҳам мазҳари он васфи ҳизб, доҳӣ, низоми сотсиалистӣ, ситоиши миллати бузурги руси бародар, шикастнопазирии Давлати Шӯравӣ ва бародарию баробарии миллиятҳои ин империтории паҳновар буд. Яъне, ҳудуд ва марзҳои шеъри Тоҷикистон дар ин даврони сисоларо мавзӯъҳои дар боло зикршуда таъйин мекард.

Аммо вижагии боризи ашъори давраи ҷангии шоирони тоҷик ин буд, ки онҳо бори аввал фурсат пайдо карданд, ки барои тарғибу ташвиқи сарбозони Шӯравӣ дар ҷабҳаҳои ҷанг ва ҳамчунин рӯҳбаланд кардани мардум дар ақибгоҳ аз қаҳрамонони миллии худ истифода кунанд. Ин падида дар ҳақиқат барои ҳифзи ҳувият ва вижагиҳои адабиёти миллӣ кумаки зиёд кард. Ба қавли Ҳечинский “Ҷанг мавқеияти хуберо барои халқи осори ибтикорӣ ва бадеъ ба вуҷуд овард ва режим ҳам, ки сахт дар садади ҷалби ҳимояти омма буд, ба нависандагони тоҷик ва дигар ақвоми Осиёи Марказӣ иҷоза дод, ки дар бораи қаҳрамонони миллии гузашта ҳам бинависанд” [229, 18].

Дар тӯли ҷанг адибони тоҷик наздик ба 240 асари адабӣ эҷод ва беш аз 100 баёнияи радиоӣ пахш кардаанд ва 150 мартаба митинг ташкил доданд.

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шароити табиии эҷоди осори адабӣ аз байн рафт ва ҳизб дубора назорати худро дар раванди офаридани осори адабӣ тақвият кард. Пирӯзӣ дар ҷанг коммунистонро бештар рӯҳбаланд кард ва дастгоҳи идеологии ҳизб адибони шӯравиро дастур дод, то дар роҳи расидан ба сотсиализми мутараққӣ ва омода кардани бистари муносиб барои ҳаракат ба сӯйи охирин марҳалаи рушди башарият “коммунизм” талоши хастагинопазир анҷом диҳанд. Акнун коммунистҳо пирӯзӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳониро ба унвони ҳақиқати роҳи интихобкардаи худ тарғиб мекарданд. “Пас аз ҷанг бо ибтикори худи Сталин ҳизб раҳбарии адабиётро худ ба даст гирифт” [228, 276].

Аз ин пас адибон ба инъикоси шахсияти шикастнопазири инсони шӯравӣ пардохтанд, шахсияте, ки аз назари воқеӣ ба инсони табиӣ шабоҳат надошт. Дар тамоми осори манзуму мансур, ҳамин шахсияти фавқуттабиӣ инъикос мешуд. Аз назари илми инсоншиносӣ шинохти “инсони навин”–и шӯравӣ чандон мушкил набуд. Баромади иҷтимоии ин “қаҳрамон” дар ҳама ҷо аз табақаи коргару деҳқон буд ва бидуни доштани вижагиҳои хос дар натиҷаи талоши хастанопазир ба натиҷаҳои фавқулодда даст меёфт.

Ба ҳамин тартиб, аксари ашъоре, ки дар ин давра суруда шудааст, ҷанбаи таблиғотӣ ва публитсистӣ дошта, дар онҳо ба арзишҳои ҳунарӣ ва адабӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Ин равиш ҳудуди сӣ сол дар фазои адабии Тоҷикистон ба унвони як қоидаи собит побарҷо буд. Ҳатто М. Раҳимӣ, ки дар сурудани ғазали суннатӣ маҳорат дошт, таҳти таъсири фазои ҳоким месарояд:

Шахси совету одиям, шуҳрат-шуҳрати ман аст,
Улфатимеҳнат одамам, ҳурмат-ҳурмати ман аст [31, 647].

Дар ин миён як истисно вуҷуд дорад, ки ба ғазалиёти ишқии А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва Б. Раҳимзода марбут мебошад. Ба ибораи дигар танҳо дар ашъори ишқии ин давра аст, ки шоирон тавонистаанд дур аз вобастагии идеологӣ, эҳсоси шоиронаи худро ба хонандагони хеш интиқол диҳанд. Бахусус, А. Лоҳутӣ то поёни умр ба сурудани ғазалҳои дилангез ва пурҳаяҷони ишқӣ идома дода, ҳисоби онҳоро аз дигар ғазалҳои иҷтимоию сиёсии хеш ҷудо кардааст, ки то ҳанӯз ин даста аз ғазалиёти шоир мавриди истифодаи аҳли завқ қарор дорад.

§2.2. Муносибат ба суннатҳои адабӣ ва густариши шеъри хитоба

Дар солҳои 30-уми асри XX ин зеҳният дар бархе гурӯҳҳои сиёсӣ дар Шӯравӣ шакл гирифт, ки чун инқилоб ҳама чизро дигаргун ва нав кард, бояд ин падида шомили бахши фарҳанг ва адабиёти мардумони кишвари паҳновар бошад ва адибон бо даст кашидан аз суннатҳои адабии гузашта ба шеваҳои ҷадиди офариниши осор рӯй оваранд. Дар назари онҳо ҳар чӣ бо гузашта иртибот дошта бошад, куҳнашуда ва зидди инқилоб аст ва адибони инқилобӣ бояд шева ва сабкҳои ҷадиди офариниши осори адабиро дар пеш гиранд. Ин нигариш дар оғоз бархе адибону шоирони тоҷикро ҳайратзада карда буд ва баъзе аз онҳо то муддате муҳри хомӯшӣ бар забон заданд ва иддаи дигар бо ворид кардани мазмун ва мавзӯоти ҷадид дар қолаби ашъори суннатӣ дар садади мутобиқсозии қолабҳои шеъри классикӣ бо мавзӯъҳои рӯзгори худ баромаданд. Ин нигариши ғайриоддӣ баҳсҳоеро дар миёни адибони тоҷик барангехт, ки бар асоси тааллуқоти хотир дар маҷмӯъ метавон онҳоро ба ду гурӯҳ: куҳнагароён ва навгароён тақсим кард. Профессор Иржи Бечка дар мавриди ситези адибони навгаро бо куҳнагароён менависад: “Пас аз инқилоб бархӯрди андешаҳо ва ситезаҳои сахту ҷиддӣ дар мабҳаси ормоншинохтӣ ба адабиёт роҳ ёфта ва дар он мунъакис гардидаст. Аз ҳамон ибтидо нависандагоне, ки реализмро ба манзури ҳамсӯйӣ бо пешрафти замон баргузида буданд, мебоист дар

баробари мавҷе аз куҳнапарастони сарсахт истодагӣ кунанд ва бар онон чира гарданд.

Аз сӯйи дигар, мунодиёни “фарҳанги коргарӣ” ҷабҳаеро алайҳи куҳнагароён ташкил доданд ва бо ишон ситеза мекарданд, чунонки мункири мероси адабӣ ва лузуми вазни шеър буданд ва нисбат ба ашъори “гулу булбул” назари мусоиде надоштанд. Инон низ ба сӯйи дигаре мутамоил шуда ва дар ин роҳ ифрот варзиданд” [148, 146].

Ба дунболи истиқрори Ҳукумати Шӯроӣ дар Осиёи Миёна шиддати ин баҳсҳо дар даҳаи 30 авҷи бештар гирифт. Муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик Кет Ҳечинский баҳси ақидатӣ миёни адибони тоҷик баъд аз инқилобро таъйид мекунад. Ба навиштаи Ҳечинский: “Нависандагони тоҷик ва дигар ақвоми Осиёи Миёна дар мавриди масоил ва мушкилоти халлоқияти адабӣ низ бо якдигар ихтилофи назар ва салиқа доштанд. Дар як сӯ, он идда аз нависандагоне буданд, ки даст аз қолабҳо ва мавзуоти суннатӣ барнамедоштанд ва ҳар гуна навоварӣ дар забон ва адабро рад мекарданд ва дар сӯйи дигар тарафдорони фарҳанги ба истилоҳ пролетарӣ буданд, ки ақида доштанд адабиёт бояд дар хидмати ниёзҳои воқеии ҷомеа бошад. Ин даста мункири аҳамияти шакл ва зарофатҳои ҳунарӣ буданд ва ба манзури ишоаи ақоидашон анҷумани нависандагони пролетарии Тоҷикистонро дар соли 1930 таъсис карданд” [229, 37].

Ин анҷуман барои амалӣ кардани шиори машҳури ҳизби коммунист “Барои адабиёти пролетарӣ” дар он солҳо таъсис гардид. Ҳадафи аслии ин шиор тарбияи насли нави адибону шоирон аз ҳисоби табақаи коргару деҳқон буд. Ба навиштаи Маъруф Раҷабӣ “Ин нияти фирқа дар қарори анҷумани Х111-уми ҲК(б)Р, ки “Дар бораи матбуот” (1924) ном дорад, чунин таъкид шудааст: “Кори асосии фирқа дар соҳаи адабиёти бадеӣ бояд ба эҷодиёти коргарон ва деҳқонон, ки дар ҷараёни афзоиши мадании оммаи васеи Иттиҳоди Шӯравӣ нависанда шудаанд, нигаронида шавад. Мухбирони коргар ва мухбирони деҳот бояд чун заминаи ба майдон

омадани нависандагони нави коргару деҳқон мулоҳиза шаванд” [112, 21-22].

Бидуни шак, дар баҳси муносибат ба суннатҳои адабӣ назарияҳои тунди ҷараёни пролеткулт дар Русия таъсиргузор буд. Профессор Асозода дар ин бора менависад: “Солҳое, ки ҷомеаи сотсиалистӣ дар Тоҷикистон расмият пайдо намуд, бар асари таъсири назарияҳои носолими пролеткултчиёну футуристҳои Русия, ки баробари нав шудани ҷомеа, адабиёту санъати онро низ нав кардан буданд, шоиронеро, ки дар вазни арӯз шеър менавиштанд, ба сифати шоирони иртиҷоӣ муаррифӣ менамуданд ва даъво доштанд, ки вазни арӯз дар шароити нав нолозиму зарарнок аст” [53, 132].

Бар асоси андешаи ифротии пролеткултчиён руҷӯъ ба гузаштаи таърихӣ ва адабии хеш барои аҳли эҷод ҷурм маҳсуб мешуд ва ин гуна афрод бояд ҳамчун аносири вопасгаро ва дисидент аз ҷомеа шинохта мешуданд. Профессор Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ дар ин робита менависад: “Муносибат бо осори адабии замони пешин ва суннатҳои адабӣ низ носолим буд. Қасида навиштан хатарнок шуд, ҳатто номи қасидаро ба забон овардан мамнӯъ буд, он гуна ки дар китобҳои дарсӣ то имрӯз қасидаи устод Абулқосими Лоҳутӣ “Кремл” достон номида мешавад. Баҳси тунде дар бораи арӯз ба по хост, зеро онро аз бақоёи адабиёти феодалӣ медонистанд” [180, 101].

Баҳсҳои пролеткултчиёни ифротӣ арсаро барои адибони дигар халқҳо он қадар танг карда буд, ки танҳо бо дахолати В. И. Ленин ба ин назарияҳои носолим хотима дода шуд. Ленин баъд аз Инқилоби Октябр принсипҳои асосии сиёсати Давлати Шӯравиро дар бахши адабиёту санъат ва барномаи инкишофи ҳамаҷонибаи навъу жанрҳои мухталифи он ва тарбияи завқи бадеии ҷомеаи коммунистиро тадвин кард. Ба ҳамин тартиб “Адабиёти тоҷик пас аз револютсия ба роҳи нав-роҳи реалистӣ даромад, барои ташаккулу тараққии он хусусан муборизае, ки Ленин дар солҳои

аввали инқилоб ба муқобили пролеткулт мебурд, аҳамияти алоҳида касб кард. Таълимоти Ленин дар бораи алоқаи адабиёти пролетарӣ бо маданияти гузашта барои муайян шудани хусусиятҳои хоси реализми сотсиалистӣ дар адабиёти тоҷик, яке аз омилҳои муҳим гардид ва бунёди методологии адабиёти марксистии тоҷикро дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои тараққии адабиёти ҳозира, пеш аз ҳама анъанаву навоварӣ ташкил кард” [234, 68].

Дастурҳои тозаи Ленин дар бораи иртиботи адабиёти пролетарӣ бо тамаддуни гузашта, фишори тундгароён дар бахши адабиётро коҳиш дод ва бисёре аз адибони тоҷик, ки дар марҳалаи аввали инқилоб дучори шакку тардид шуда буданд, дубора бо ҳамон шеваи суннатӣ ба истиқболи низоми ҷадид рафтанд. Дар ин миён гурӯҳи дигаре аз шоирон барои баёни мавзӯъҳои нав дар қолаб ва шеваҳои ҷадид талош мекарданд. “Пас аз инқилоб вуҷуди бархе аз анвои адабӣ (монанди қасида, ғазал, маснавӣ ва мухаммасот) аз паҳнаи адабиёт маҳв гардид, зеро бештари сарояндагон қолабҳои ҷадидро меҷустанд то аз раҳгӯзари он битавонанд ҳаёти навинро бо забоне беҳтар ва муассиртар баён кунанд” [148, 117].

Ин нукта мусаллам аст, ки офаридани сабку шеваи тозаи адабӣ кори якшаба нест ва бо дастуру фармони сиёсӣ ҳам қобили иҷро намебошад. Ҳеҷ таҳаввул ва дигаргунӣ дар адабиёт бидуни доштани заминаи қаблӣ рух намедиҳад ва сабаби аслии шакку тардиди бархе аз фарҳангиёни тоҷик дар бархурд бо вазъияти ҷадид, набуди ҳамон пешзаминаҳо дар рӯҳу зеҳни онҳо буд.

Пас аз 1930 насли ҷадиди шоирони тозанафас вориди арсаи адабиёти шӯравии тоҷик шуд, ки бо дарки бештари зарурати навгароӣ гомҳои устувортар дар ин ҷода бардоштанд. М. Миршакар шоири ҷавони солҳои 30-ум дар шеъри “Шоир, сухани тозатаре гӯй” ин мавзӯъро чунин матраҳ мекунад:

Шоир, сухани тозатаре гӯй, ки айём

Бо тоза бувад ҳамнафасу ҳамдаму ҳамкор.
Чун хонуми танноз бувад асри ману ту,
Ҳар лаҳза либоси наву зебост талабгор.
Бар куҳнафурӯшон бирасонед, ки минбаъд
Дар арсаи айём наҷӯянд харидор [24, 8].

Аз сӯйи дигар, хидмати Лоҳутӣ дар созгор кардани қолабҳои суннатии шеъри форсӣ бо мавзӯъҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоии рӯзгори хеш беандоза зиёд буд. Эҷоди силсилаи ашъор бо қолабҳои суннатӣ дар мавзӯъҳои иҷтимоии рӯз тавассути Лоҳутӣ ин зеҳниятро эҷод кард, ки маънии навгароӣ танҳо дар тарки қолабҳои куҳан нест, балки бо ворид кардани мазмун ва муҳтавои ҷадид метавон ба қолабҳои куҳна ҷони тоза бахшид.

Дар ин марҳала воқеан шоирону адибони тоҷик тавонистанд, ки зимни ҳифзи суннатҳои дурахшони адабиёти гузаштаи худ аз шеваҳо ва сабкҳои тозаи адабии шаклгирифтаи адабиёти рус истифода кунанд ва бар ғанои адабиёти муосири хеш биафзоянд. Ҳарчанд ки дар ибтидо истифода аз ғазал, қасида, маснавӣ, мухаммас ва рубоӣ то ҳадде коҳиш ёфта буд, аммо баъд аз муддати кӯтоҳ дубора ин қолабҳои адабӣ бо шева ва баёни тоза аз нав вориди арсаи адабиёт мешуданд ва ҳассосияту сахтгирии масъулони фарҳангии шӯравӣ низ нисбат ба сабкҳои суннатӣ камтар шуда буд.

Муҳимтарин падидае, ки дар солҳои таҳкими пояҳои Давлати Шӯравӣ дар Тоҷикистон дар арсаи адабиёт мушоҳида мешавад, ҷалби таваҷҷуҳи нависандагону шоирон ба таҳаввулоти азими рухдода дар бахшҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ аст. Адибони ин даврон бо шӯру шавқи васфнопазир дар бунёди кишвари тозатаъсиси сотсиалистии Тоҷикистон мушорикат доштанд ва тамоми дигаргуниҳои суратгирифтаро дар қолаби жанрҳои мухталифи адабӣ ба тасвир мекашиданд. “Дар солҳои пасини ҳамин марҳала (манзур даҳаҳои 20-30

мебошад-Б.З) шоирон Ҳабиб Юсуфӣ, М. Миршакар, Нодир Шанбезода, Тилло Пӯлодӣ, Б. Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Сайидалӣ Вализода, Ҳ. Ризо ва дигарон дар кори эҷодии хеш, пеш аз ҳама аз адабиёти омиёна ва навиштории классикӣ илҳом бардошта, анъанаи адабиёти гузаштаи форсиро идома бахшида, ҳар кадом кӯшидааст, ки дар ҷодаи баёни воқеияти ҷомеаи сотсиалистӣ ҳиссагузор бошад ва аз сухани нав ё тасвири тозае бархурдор бошад" [53, 65].

Дар ин замон достон, повест, роман, драма ва ашъори ҷадид суруда мешавад, ки дар ҳақиқат дар гузашта собиқа надоштанд ва бойгонии адабиёти ҳазоронсолаи моро аз назари танаввуъ ғано бахшиданд. Дар ин давра ба андешаи профессор Иржи Бечка "Шумори достонҳо дар паҳнаи шеър афзоиш ёфт ва ду гунаи адабии ҷадид, намоишнома ва адабиёти кӯдак маъмул гашт. Ин пешрафти адабӣ ба мувозоти таҳкими мабонии иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишвар ҷараён меёфт" [148, 121].

Аз сӯйи дигар ҳамгомӣ ва мушорикати фаъоли адибон дар бунёди ҷомеаи навин аз назари иҷтимоӣ гарчанде падидаи мусбат буд, аммо ҳамсӯйӣ ва ҳамхонии бечунучарои онҳо бо сиёсатҳои рӯз бидуни таҳлилу баррасии амиқи онҳо ба ҷавҳараи шеъри онҳо латмае ворид мекард.

Гарчанде адабиёти тоҷик дар солҳои 1930-1960 аз назари шакл ва мазмун дучори таҳаввули азим шуд, аммо аз лиҳози муносибат ба ҳунари суханварӣ гирифтори буҳрони адабӣ гардид. Таваҷҷуҳи аз ҳад зиёди шоирон ба мавзӯъҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ ва тасаввури ворунаи онҳо аз мафҳумҳои ҷадид, монанди ҳадафи адабиёт ва рисолати адиб боис шуд, ки шеър бештар ҷанбаи публитсистӣ бигирад. Албатта, дар ин амр танҳо шоирон гунаҳкор набуданд ё худ ин нақс бархоста аз заъфи истедод ё ҳунари шоирии онҳо набуд, баръакс шоироне, ки зикрашон дар боло рафт, ҳама дорои табъи саршор ва истеъдоди гуҳарбор буданд, аммо ин тавоноӣ бо назардошти талаботи замон ба ҳамин шакл зуҳур мекард. Ба қавли профессор Худоӣ Шариф: "Ҷомеаи шӯравӣ саросар пойбанди мафкура ё

идеология буд ва сиёсати давлатӣ ва миллии он ҳам аз ин мафкураи ҳамагир барӣ ва ҷудо набуданд” [217]. Бинобар ин, умдатарин омилҳое, ки шеъри тоҷикро дар он солҳо таҳти фишор қарор медоданд, бад-ин гуна метавон зикр кард:

Аввал, иделогияи ҳоким бар ҷомеа, ки барои адабиёт ва фарҳанг марзҳои хосе таъйин карда буд. Ба қавли Раймонд Толис: “Идеология ҳамвора як тафсирро бар соири тафсирҳо тарҷеҳ медиҳад ва танҳо барои ҳамон тафсири мавриди қабули худ арҷу эътибор қоил аст ва ло ғайр. Ва ҳар гуна сӯизанн ё тардидро, мабнӣ бар ин ки умур бояд мутафовит аз ҳам дастабандӣ ё идрок гарданд манкуб месозад” [216, 108].

Дуюм, чаҳорчубҳои хоси эъмолшуда дар бахши адабиёт монанди методи “реализми сотсиалистӣ” ва равияи ғоявии “ҳизбияти адабиёт” ва дигар қарору дастурҳое, ки аз ҷониби ҳизби коммунист барои ҳидояти адибони шӯравӣ содир мешуд ва ҳамаи адибону шоирон маҷбур ба иҷрои ин дастурот буданд. “Онҳо кори адабии ҳизб ва методи реализми сотсиалистиро посухгӯи мақсадҳои мафкуравӣ ва ҷустуҷӯи эҷодияшон дар роҳи амиқбурди ҳунари ҳақиқатнигорӣ медонистанд ва ин ҳама як вазъияти фаҷеъеро ба вуҷуд овард, ки онро ба ҷуз аз бадбахтии адабиёт ва адиб номзад кардан нашояд” [228, 167].

Сеюм, талабот ва интизороти низоми ҳоким аз адибон. Яъне, давлат аз адибон осоре тақозо мекард, ки сарфи назар аз арзишҳои адабӣ бо идеологияи ҳоким ва сиёсатҳои он ҳамсӯ бошад. Дар ин замина дархости давлат аз фарҳангиён барои ҳамкорӣ ва ҳамраъйии бештари онҳо бо қарору тасмимоти ҳизбӣ шароитро барои халлоқиятҳои тоза ва дигаргун тангтар мекард. Ба қавли профессор Худоӣ Шариф: “Дар замони шӯравӣ ба ҳар ҳол барои адабиёти тоҷик чизе, ки дар диди раисон камарзиш ва беқимат буд, ҳамин ҳунар аст ва дар такмили он ба назарам агар тамоюлҳои бозимонанд ва маяковскигароиҳо то ҷое шикастани низоми мисраъҳо ва байтро истисно карда бошем, чизи дигар нест” [227].

Ин монеаҳо боис шуд, ки то аввалҳои даҳаи шасти асри бист шеъри тоҷик натавонад аз марзи шиору таблиғ берун рафта, ба шеъри ҳунарӣ табдил шавад. Адабиёти шӯравии тоҷик дар солҳои 1924-1950 мавзӯъ ва масъалаҳои ба худ хосро мунъакис намудааст. Мавзӯъҳои асосии шеъри ин давра аз ташвиқу тарғиби Инқилоби Октябр, ғояҳои ленинӣ, масоили маорифу макотиби нав, мубориза алайҳи душманони инқилоб ва сохти сотсиалистӣ, озодии занон, мубориза зидди дин ва таассуб, кулакгарӣ, саноатикунонии мамлакат, ҷанг бо фашизм, ақибгоҳи ҷанг, барқароркунии харобиҳои ҷанги ватанӣ ва ғайра иборат буданд. “Мавзӯъҳои фавқ моҳиятан якеанд, зеро ҳамеша аз адибон хоста мешуд, ки пайванди наздике миёни осори худ ва ҳаёти мавҷуда барқарор кунанд. Адабиёт мебоист дар хидмати ормонҳое, ки ҷомеи шӯравӣ дорад, бошад” [53, 65-66].

Гузашта аз ин, ҳар шеъри ин давра бо ҳадафи таблиғу ташвиқи мазӯъи хосе суруда мешуд, ки ин тарз боиси якрангии ашъори аз назари мазмуну муҳтаво шудааст. Тааҳҳуди аз ҳад зиёди шоирони ин давраи тоҷик ба халқи осоре “бо диди муайяне аз сиёсат” гоҳе онҳоро аз масоил ва мушкилоти дохилӣ ва арзишҳои миллӣ дур карда буд. Дар ин робита профессор Худойназар Асозода менависад: “Дар маҷмӯъ шоирони ин даврон то андозае масоили худшиносиро сарфи назар карда, мардумро аз асли хеш дур қарор доданӣ шудаанд. Аз ин ҷост, ки баъзе аз намунаҳои ашъори онҳо қолабӣ ва беранг намудор мегардад” [53, 65].

Илова бар тангноҳои идеологӣ ва фишорҳои сиёсӣ, шоирони ин давра дар арсаи фарҳанг низ бо маҳдудиятҳое рӯ ба рӯ буданд. Онҳо ба далели фишори идеологӣ аз як сӯ имкони истифода аз манобеи ғании гузаштагони худро надоштанд ва аз сӯйи дигар бо маҳдудияти корбурди хазинаи гаронмоя ва фохири забони аҷдодии хеш ҳам рӯ ба рӯ мешуданд. Ҳамин омилҳо боис шуд, ки шеъри даврони шӯравии тоҷик наздик ба панҷ даҳа натавонад худро аз офати якрангӣ, умумигӯӣ ва шиорзадагӣ наҷот

диҳад. “Адабиёти бист соли баъди ҷанги ҷаҳонии дуюм дар рӯҳияи ғалаба бар фашизм ва пайваста ба ҳамин дар боду ҳавои назарияи беконфликтӣ қарор дошт ва табиист, ки он фақат аз муваффақиятҳои “беназир” суҳбат мекард. Чунин ҷараён гирифтан адабиётро ба ҷодаи қолабию берангӣ равона намуд” [53, 94].

Ба ҳамин тартиб тӯлонӣ шудани раванди дахолати давлат дар умури фарҳангӣ, адабиётро оҳиста-оҳиста аз ҷавҳари ҳунарии он дур кард. Ҳамчунон ки шоирони даврони инқилоб шеърро василаи таблиғи арзишҳои инқилобӣ мепиндоштанд, дар даврони суботу оромиш низ шоирони насли баъдӣ бо идомаи ҳамон роҳ натавонистанд шеърро аз иҷтимоъгароии аз ҳад зиёд наҷот диҳанд, балки адабиётро ҳамчун василаи иртиқои мавқеи иҷтимоии хеш истифода мекарданд. Ба ибораи дигар, шоирӣ дар замони шӯравӣ ба як мақоми иҷтимоӣ табдил шуда буд, бинобар ин, ҳар кӣ аз тариқи зинаҳои шеър мехост ба мақоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст ёбад. Ташаккули ин зеҳният дар муҳити адабӣ боиси фосила гирифтани шеър аз ҳунарварӣ шуд ва шоирон низ, ки бо сурудани як манзумаи шиорӣ назари ҳукуматдоронро ба худ ҷалб мекарданд ва мавриди тақдиру таҳсин қарор мегирифтанд, дигар ба халлоқияти адабӣ беэътино шуданд. Аз ин рӯ, “Костагии мантиқи ҳунарӣ, харобии ҳақиқии суханвариро сабаб шуд ва шеър чун воситаи тарғибу ташвиқ қарор ёфт” [227, 54].

Дар ҳақиқат дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоие, ки дар даҳаи 30 ва 40 асри ХХ иттифоқ афтод ва як кишвари кишоварзиро ба як қутби саноатии ҷаҳон табдил дод, кобили ситоиш ва дастгирӣ буд, аммо ба назар мерасад, ки шеъри ин давра аз назари ҳунарӣ ва кайфияти шоирӣ дар шаъни ин ҳама дигаргуниҳо набуд. Устод А. Лоҳутӣ соли 1935 дар мақолае бо номи “Оид ба тараққиёти адабиёт” ба ҳамин мавзӯъ дахл карда, ба шоирони ҷавони тоҷик тавсияҳои хубе додааст. Ба назари устод Лоҳутӣ ҳар иморате таҳкурсӣ дорад ва таҳкурсии адабиёт савод мебошад. Ӯ дар бораи баъзе

осори шоирони тоҷик изҳори назар намуда навиштааст: “Бисёре аз нависандагони мо монанди бачаи хурде мебошанд, ки ба як одами қавиҳайкали баландқомате аз поин ба боло назар кунад. Бача фақат манаҳ ва риши ин одамро мебинад. Бача чир-чиркунон мегӯяд: “Оҳ, амак, шумо чӣ одами калони нағзе будаед!” Ҳамин тавр бисёре аз нависандагони ҷавони мо дар баробари сохтмони сотсиалистӣ истода, бо забони кӯдакона мегӯянд: “Ин сохтмон чӣ сохтмони калони нағзе будааст”. Ин нависандагон техникаро аз худ накардаанд, ҳодисаҳои бинои сотсиалистиро наомӯхтаанд, фанни корро ёд нагирифтаанд. Аз ин чӣ мебарояд? Онҳо фақат ҷузъиётро дида, худи азаматро пурра намебинанд. Аз ин аст, ки асарҳои онон чунон беобутоб ва якнасақ мешаванд, ки гӯё ҳама аз як қолиб баромадаанд” [18, 226].

Ба ҳамин тартиб эроди асосии ворида ба ашъори даҳаҳои 30 ва 40 на бар мавзӯи ашъори эҷод кардаи онҳост, балки ин эрод мутаваҷҷеҳи кайфияти ашъорест, ки дар ин давра аз сӯйи шоирон анбошта шудааст. Яъне, шоирони ин давра беэътино ба ҳунари шоирӣ ва инъикоси шоиронагӣ дар ашъори хитоба ва публитсистии хеш танҳо ба хотири ҷалби назари идеологҳои ҳизбӣ, ба таври оморӣ ашъори худро дар мавзӯъҳои рӯзи он замон нашр мекарданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки равнақи хитоба ва ранги публитсистӣ гирифтани шеъри ин давра чанд сабаб дошт:

1. Камтаҷрибагии баъзе аз шоирон.

2. Дур мондан аз адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири ҷаҳон.

3. Дуруст сарфаҳм нарафтан ба моҳияти низоми сотсиалистӣ ва каммаҳоратӣ дар амри инъикоси дастовардҳои замони хеш. Ба қавли А. Лоҳутӣ: “Ман бисёр шабҳо радио гӯш мекунам. Гоҳо чунон асарҳои “бадеӣ”: ашъор, порчаҳои насрӣ мехонанд, ки аз ҷиҳати бад навишта шуданашон дили касро даҳшат зер мекунад. Агар ман мебудам, хондани ин гуна асарҳоро қатъиян манъ мекардам. Охир, дар адабиёти ҷавони Тоҷикистон чизҳои хубе ҳам ҳаст” [18, 224].

4. Омиёна шудани забони шеър. Устод Лоҳутӣ соли 1935 дар мақолае бо номи “Оид ба тараққиёти адабиёт” дар ин замина гуфта буд: “Бисёре аз мо аз ҷиҳати дигар ифрот мекунанд. Онҳо талаб мекунанд, ки мо нависандагон ва шоирон, кӯр–кӯрона ба забони гуфтугӯии халқӣ пайравӣ кунем. Аммо ин кори мушкилест, на танҳо мушкил, метавон гуфт маҳол аст” [18, 223-227]. Забон назди мардуми авом танҳо василаи интиқоли паём аст ва бештар аз ин корбурд надорад. Албатта, дар бораи фарқи забони шеър ва забони омиёна донишмандон аз рӯзгори қадим то кунун назариёти ҷолибе баён кардаанд. Арасту дар ин бора гуфтааст, ки: “Гуфтор вақте баланд ва орӣ аз ибтизол мегардад, ки алфози он аз истеъмолоти омма дур бошад ва мурод аз алфози дур аз истеъмолоти авом ҳамаи он алфозе аст, ки бо истеъмоли мутадовили омма мухолиф бошад” [164, 152]. Баҳси омиёна шудани забони шеър танҳо хоси замони шӯравӣ набуд, балки ин мавзӯъ дар ибтидои асри ХХ дар Эрон ҳам мавзӯи бисёр баҳсбарангез шуда буд. П.Н. Хонларӣ дар ин робита чунин изҳори назар кардааст: “Баъзеҳо таваққуъ доранд, ки шоирон ҳам бо забони гуфторӣ шеър бисароянд. Гоҳе ҳам далер мешаванд ва бурҳон меоваранд, ки шеър амри иҷтимоист ва шоир агар мехоҳад, ки кораш суде дошта бошад, бояд ба забони иҷтимоъ гуфтугӯ кунад, бояд чизе бигӯяд, ки ҳама дарёбанд, пас, забони ӯ бояд забони гуфторӣ бошад. Хатои эшон аз ин ҷост, ки намедонанд забони шеър чист ва чаро бо забони гуфтор яке нест” [155, 184]. Аммо мавзӯи баҳси омиёна шудани забони шеър дар Эрон ва Иттиҳоди Шӯравӣ аз якдигар фарқи калон дошт, зеро баҳсе, ки перомуни забони шеър дар Эрону Туркия ва дигар кишварҳои арабӣ оғоз шуда буд, таҳти таъсири адабиёти иҷтимоии Аврупо қарор дошт, аммо баҳсе, ки дар адабиёти шӯравӣ матраҳ шуд, як амри партиявӣ буда, иҷрои он ҳатмӣ буд.

§2.3. Таҳаввули лирика дар ашъори шоирони “насли комсомол”

Гарчанде ки ишқ як навъ дард маҳсуб мешавад, дардноктар аз он вазъияте буд, ки шоирони тоҷик то соли 1960 аз назари фарҳангӣ дар доми он гирифтор буданд. Давлати Шӯравӣ аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ корҳои бузургро дар Тоҷикистон анҷом додааст, ки ба баҳси мо марбут нестанд. Аммо дар баробари он сиёсати фарҳангии низоми шӯравӣ барои адабиёти гаронмояи тоҷик дар бисёр мавридҳо чандон судманду корсоз набуд. Дар ин даврон адабиёту фарҳанг таҳти дахолати мустақим ва шадиди давлат қарор доштанд. Шоирону адибон ба ҳар масъалае, ки мепардохтанд, ҳатто мавзӯъҳои тавсифӣ ва ошиқона муваззаф буданд, ки онро бо идеологияи ҳоким ва сиёсати фарҳангии давлат мутобиқ созанд. Бо ин васф, аҳли адаби на офаринандагони андешаву ҳунар ва на муҳаррики фикру назар буданд, балки иҷборан, иҷрокунанда ва мубаллиғи идеология ва сиёсати давлат ба шумор мерафтанд. Дар пиндори онҳо Давлати Шӯравӣ, ки дар тамоми ҷабҳаҳо ба дастовардҳои азим ноил мешуд, метавонад ҳамаи мушкилот ва дардҳои башариро дармон бахшад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ин давра таҳаввули асосӣ дар жанри лирика ва мазмуну муҳтавои осори адабӣ рух додааст. Он навовариҳое, ки шоирон дар қолабӣ суннатии шеър, бахусус ғазал, маснавӣ ва рубоӣ дохил карданд, бештар ҷанбаи идеологӣ дошта, дар партави иҷрои дастуроти ҳизби коммунист сурат мегирифт. Чунин буд, ки Ҳабиб Юсуфӣ-шоири ҷавону шӯридаи тоҷик дар партави ҳидоятҳои ҳизби коммунист мафҳуми ҷадиде аз ишқу ошиқӣ ироа медиҳад, ки чунин бардошт дар адабиёт расмият надошт.

Ман ошиқи ту, валек Маҷнун нашавам,
Аз халқ ҷудо ба кӯҳу ҳомун нашавам.
Ман хоҳ дар ишқ, хоҳ дар кору сухан,
Аз маслаки ленинизм берун нашавам [41, 31].

Ҳарчанд ки дар равиши корбурди қолабҳои шеърӣ чандон тағйироти чашмгир сурат нагирифта буд, аммо шоирон бо бакоргирии мафҳумҳои

нав ашъори худро бо замона созгор менамуданд. Бинобар ин, мафҳумҳои тозаи инқилобию идеологӣ дар ашъори шоирон ҳатто дар қолабҳои суннатӣ, монанди рубоӣ, ғазал ва қасида ба таври фаровон мушоҳида мешавад. Дар эҷодиёти адибон мафҳумҳои интихобот, замони нав, заводу фабрика, колхоз, доҳӣ, коргару деҳқон, пахта, пахтазор, пахтакорҳо, революцсия, Октябр, трактор, тракторчӣ, газета, сурх, мубориза, тараққӣ, ҷумҳурӣ, меҳнат, советӣ, сотсиализм, коммунизм, марксизм ва ғайра корбурди зиёде доранд. Илова бар ин, дар ашъори лирикӣ номи доҳии коргарони ҷаҳон ва дигар раҳбарони сиёсию низомии Давлати Шӯравӣ ва ҳамчунин шахсиятҳои маъруфи блоки сотсиалистӣ ба унвони қаҳрамонони даврони хеш ситоиш мешуданд.

Ба ҳамин тартиб, садоқат ба низоми сиёсӣ ва ҷаҳонбинии ҳоким, таваҷҷуҳ ба доноӣ ва ҳунармандии маъшуқа, кору талоши ӯ барои сохти ҷомеаи навин аз меҳварҳои асосии шеъри шоирони шӯравии тоҷик маҳсуб мешавад. М. Раҳимӣ дар ин бора чунин сурудааст:

Чархишравон ба базми назму низоми давлат,
Ҷоно, ҷавоҳири рақс пеши низом афшон [31, 389].

Дар мавриди пешниҳоди маънии тоза аз ишқу ошиқӣ тавассути шоирони тоҷик профессор Иржи Бечка менависад: “Ҳабиб Юсуфӣ (1916–1945) ба соли 1939 аввалин маҷмӯаи худро таҳти унвони “Таронаи Ватан” мунташир кард, шомили сурудаҳо, баргардони шеърҳо ва беш аз яксад дубайтӣ аст. Яке аз муҳимтарини онҳо шеъри “Такя бар корат кунӣ” (1958) мебошад ва шоир дар он маъное комилан ҷадид аз ишқ арза медорад, ки бо мафҳуми он дар ғазалиёти муқаллидони суннатгаро тафовут дорад. Юсуфӣ маъшуқро ба хотири зебоии гесувонаш наметитояд, балки аз барои некрафторӣ ва хушхулқӣ вайро тақдир ва таҳсин менамояд” [148, 165].

Ин нукта бад-он маънӣ аст, ки зан дар баробари мардон ба унвони инсон ва шахсияти созандаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи навини тоҷик эътироф

мешавад. Шоирон бо парҳез аз лафзбозиҳои романтикаи суннатӣ дар бораи зан-маъшуқ, бо ироаи мафҳуми тоза аз ишқ ва ошиқу маъшуқ барои онҳо ҳуқуқ ва арзишҳои нав қоил шуданд. Бори аввал зан ба унвони шахси дорои ҳуқуқи баробар бо мардон таблиғ мешавад ва аз нақши созандаи ӯ дар ҷомеа ба таври воқеӣ ва амалӣ сухан меравад. Табиист, ки касби ҷойгоҳи ҷадиди иҷтимоии занон ниёманди сифот ва махсусиятҳои тоза низ буд, ки бидуни ба даст овардани онҳо мавқеияти иҷтимоияшон амалӣ намешуд. А. Лоҳутӣ дар шеъри “Ба духтарони Эрон” ин вижагиҳоро батафсил шарҳ додааст:

Баъд аз ин аз хату холат наҳаросад дили ман,
З-он ки бо ҳусни ту корам набувад дигар бор.
То кай аз зулфи ту занҷир ниҳам бар гардан?
То кай аз мижжаи ту тир занам бар дили зор?” [20, 166-167].

Тавре ки мушоҳида мешавад, А. Лоҳутӣ дар ғазали хеш бо муқоисаи ҷойгоҳи занон дар гузашта ва ҳол, сифот ва вижагиҳои зани муосирро ба унвони як унсури созандаи ҷомеаи башарӣ бисёр возеҳ номбар кардааст. Бори нахуст дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ доноӣ ё худ омӯзиши илму ҳунар ба унвони як сифати бартар аз зебоии зоҳирии маъшуқ, матраҳ мешавад. Илова бар ин, маҳз дар ҳамин давра буд, ки зан ҳамчун тарбиятгари миллат муаррифӣ мешавад. Ба назари Лоҳутӣ пешрафту тараққии ҷомеа бидуни ҳузури фаъоли занон ғайримумкин аст.

Бархез зи хоб, эй санами Шарқ,
Бархезу ба по кун алами Шарқ.
Бе шахси ту дар раҳи тараққӣ
Ҳаргиз наравад як қадами Шарқ [20, 38].

Дар адабиёти суннатӣ чун сухан аз ишқу ошиқӣ ва маъшуқ матраҳ мешуд, фазо бо калимоте монанди шаб, танҳоӣ, ҳичрон, хуни дил, бевафоӣ, хилват, ғаму андӯҳ ва ғайра шакл мегирифт, аммо дар адабиёти шӯравии тоҷик мавзӯи ишқу ошиқӣ дар фазои комилан мутафовит шакл

гирифта, ошиқу маъшуқ фориғ аз фазои суннатӣ дар ҳолу ҳавои мусоиду созгор дар пайи таҳаққуқи ормонҳои иҷтимоии худ ҳастанд.

Чу булдозер ронд он гулъузорак,
Ба Норакстрой гуфтам: муборак!
Муборакбодиам нашнид ҷонон,
Чу шавқун беш буду регборак! [30, 72].

Дар воқеъ, ишқ дар осори шоирони шӯравии тоҷик нисбат ба ҳадаф ва кор мавқеи дуюмдараҷаро ишғол мекунад. М. Раҳимӣ дар ин бора чунин месарояд:

Зи кори содаи номоҳирона
Насозӣ кашф дар саҳро хазона.
Ба илми агрономӣ бош машғул,
Биёмӯз техникаро заргарона! [30, 13].

Мавзӯи дигари ҷолиб дар лирикаи ишқии шоирони насли комсомол хостгоҳи иҷтимоии ошиқу маъшуқ мебошад. Маъмулан дар ин гуна ашъор тибқи ҷаҳонбинии ҳоким дар ҷомеа, ошиқу маъшуқ бояд аз табақаи коргару деҳқон бошанд.

Ҷононаи ман, чу ранҷбарзодаӣ ту,
Хуштар зи ту нест баҳри дилдодаи ту.
Бо он ки ба кору меҳнат омодаӣ ту,
Аз ҷумлаи дилбарон ҳам озодаӣ ту [30, 46].

Ваъдагоҳи ошиқу маъшуқ бар хилофи шеъри суннатӣ, ки дар бӯстону чаманзор ва ё қасру кушкҳо сурат мегирифт, дар лирикаи шоирони насли комсомол ба саҳни колхозҳо, саҳрои пахтазор ва дигар иншоотҳои азими иҷтимоӣ интиқол меёбад ва ошиқони давраи советӣ маҳз дар ҳамин маконҳо хӯшбахтии худро ба даст меоваранд.

Дирӯз ба колхози “Ленин”-ат дидам,
Дар гулшани пахта пахтачинат дидам.
З-он ҷо чу баромадам, расидам, ба завод,

Ҳайрони туам, дар он заминат дидам [42, 94].

Ошиқи советӣ барои дидори маъшуқ ба заҳмат намеафтад ва ҳар гоҳ бихоҳад, ки ӯро бубинад, бояд ба колхоз ва ё саҳрои пахтазор муроҷиат кунад ва бо кору талоши пурсамар дили ӯро ба даст биёварад.

Дар пахтазори Мастчоҳ духтари Чоркӯҳӣ,
Мечинад аз саҳаргоҳ духтари Чоркӯҳӣ” [9, 292].

Шоирони насли комсомол тарафдорони сарсахти озодии занон буда, ашъори фаровон дар ин бора эҷод кардаанд. Онҳо дар баробари озодӣ зани тоҷикро донову кордон ва созандаву бунёдкор дидан мехостанд. Аз ин рӯ, ташвиқи занон барои омӯзиши касбу кори гуногун ва тарғиби онҳо барои кор кардан дар заводу фабрика, колхозу корхонаҳо ва дигар иншооти муҳими Ватанӣ аз мавзӯъҳои меҳварии шеъри насли комсомол ба шумор мерафт. Аз ҳамин ҷиҳат буд, ки шоирони насли комсомол саҳнаҳои ошиқона ва маҳрамонаро ба ҳамин арсаҳо интиқол доданд, то ошиқу маъшуқ аз кори хеш ҷудо набошанд. Ҳатто ин насли шоирон ошиқонро даъват мекарданд, ки маросими хостгорӣ аз дӯстдоштаи худро дар майдони корзори меҳнат анҷом бидиҳанд.

Ман бо ту ба колхоз дароям, чӣ шавад,
Андар бағали пахта сароям, чӣ шавад,
Ҳаргоҳ қатори ман мукофот гирӣ,
Пас бар ту талабгор бароям, чӣ шавад? [35, 143].

Аз сӯйи дигар, агар шоирони классик касби ризқу рӯзӣ ва сарнавишти худро ба тақдири пешонӣ ҳавола мекарданд, шоирони шӯравии тоҷик сарчашмаи рӯзии хешро бархоста аз касби ақлу дониш ва зӯри бозуи тавонои коргару деҳқон дониста, хушбахтиро аз пайравӣ ба андешаҳои илҳомбахш ва созандаи доҳии пролетариати ҷаҳон медонистанд.

Бе коргарон ҷаҳон ободон нест,
Деҳқон ба ҷаҳон агар набошад, нон нест.

Гар холиқи ободиву ризқ Аллоҳ аст,
Аллоҳ ба ҷуз коргару деҳқон нест.

Ё худ:

Деҳқон ба таҳияи ғизои ману туст,
Муздур ба заҳмат аз барои ману туст.
Ин ҳастии мо зи зореу коргар аст,
Пас, зореу коргар-худои ману туст [18, 33].

Ба таври куллӣ дар ашъори ин насл Инқилоби Октябр, меҳри Ленин ва садоқат ба ормонҳои партия сарчашмаи аслии хушбахтии одамони советӣ муаррифӣ шудаанд.

Насли Октябри бузургам, зодаи даврони бахт,
Роҳи ман роҳи шараф, ҷавлонгаҳи майдони бахт.
Дар дили ман меҳри Ленин гавҳари қиматбаҳост,
Ӯст бар фарқам ҳамеша кавкаби тобони бахт [18, 30].

Жанри лирикии ғазал дар солҳои 30-60-уми асри XX ба ҳамин минвол ва дар ҳамин сатҳ мутаҳаввил шудааст. Яъне, қолаби суннатии ғазал ҳифз шуд, аммо мазмуну муҳтавои он комилан тағйир пайдо карда, аз маҳдудиятҳои анъанавии худ берун омад. Дар ин давра лирикаи граждани рушд бештар пайдо кард. Шоирон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар қолаби суннатии ғазал, рӯҳи инқилобӣ дамида, ормонҳои давлати бунёдкори шӯравиро васф намоянд. Маҳз сурудани ғазалҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳатто даъватҳои инқилобӣ дар қолаби ғазал бо мавзӯи воҳид суръати бештаре мегирад. Навоварии чашмраси шоирони насли комсомол ин буд, ки жанри маъруфи ишқии ғазалро аз назари мавзӯъ дигаргун карда, мавзӯъҳои инқилобӣ ва сиёсию таърихиро дар андоми ин қолаб ҷой карданд. Ин навъ таҳаввул дар ғазали суннатӣ қабл аз давраи советӣ ба чашм намехӯрд. Дар ин замон як гурӯҳ аз шоирон, аз ҷумла М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода ва З. Ҷавҳарӣ умдатан дар қолаби суннатӣ, аммо бо образҳои

нав ғазал месуруданд. З. Ҷавҳарӣ дар ғазали “Табрики иди Май” чунин саройидааст:

Базми паричеҳрагон ҷӯши сафо дар сафо,
Маҷлиси колхозчиён боғи чаман дар чаман.
Силсилаҷунбони кор кист дар ин рӯзгор?
Партияи ленинист қувваи дил, рӯҳи тан [39, 189].

“Аммо, мутаассифона, дар аксари ин қабил ғазалҳо шоирон асли моҳияти услуби ғазалсароии қадимиро ё пурра дарк карда натавонистаанд ва ё дар офариниши образҳои оригиналӣ оҷизӣ мекашанд, ки дар натиҷа аксари мутлақи ғазалҳо ҳусну таровате пайдо накарда, хусусияти тақлидии хушкро мегиранд” [88, 49]. Дастаи дигари шоирони насли комсомол ба монанди М. Турсунзода ва Ҳ. Юсуфӣ дар пайравӣ аз А. Лоҳутӣ доираи мавзӯъии ғазалро васеътар намуданд.

М. Турсунзода ғазалро дар қолаби суннатӣ, аммо бо мазмуни нав месароид:

Офарин бодо шуморо, паҳлавонон, офарин!
Марду занҳои далери Тоҷикистон, офарин.
Шавқатон моро ба колхози шумо овардааст,
Эй сазоворони меҳру ҳурмату шон, офарин! [35, 279]

Аз навоварии шаклӣ дар ғазали насли комсомол ҳамчунин метавон ба ҳазфи байти тахаллус дар ғазал ва устувор шудани он аз назари композитсионӣ ишора кард. Маҳз дар ҳамин давра ғазал ба таври комил дар мавзӯи хос суруда шуда, алоқамандии байтҳо ба якдигар таҳким ёфт.

Бо мурури ба ғазалиёти солҳои 30-60 метавон ба ин натиҷа расид, ки сарфи назар аз таҳаввули мазмуну муҳтаво боз ҳам ин жанр барои таъсиргузорӣ дар афкори умумӣ чандон муассир набуд.

Падидаи навгароёнаи муҳимтар дар ин давра эҷоди силсилаашъор аз ҷониби М. Турсунзода перомуни мавзӯи хос буд, ки дар гузашта собиқа надошт. Дар даҳаи 30-40 М. Турсунзода силсилаашъори худро зери унвони

“Қиссаи Ҳиндустон” ва “Сайёҳи ҳинд” мунташир кард, ки аз назари мазмуну муҳтаво падидаи комилан нав маҳсуб мешуд. Ин падида баъдан мавриди истиқболи гарми шоирони тоҷик қарор гирифта, ба як анъана табдил шуд. Ба ҳамин тартиб силсилабандии ашъор дар эҷодиёти шоирони тоҷик то солҳои 90-уми асри XX идома пайдо кард. Дар ибтидо тибқи риволе, ки М. Турсунзода асос гузошт, дар силсилаашъор бештар мавзӯъҳои муҳимми минтақавӣ ва байналмилалӣ матраҳ мешуданд. Ин силсилаашъор ҳам аз назари мазмун ва ҳам аз назари муҳтаво дар назми советии тоҷик падидаи нав ҳисоб ёфта, аз назари ҳунари шоирӣ дар сатҳи болотаре қарор доштанд.

Дар даҳаи 30-60-и асри XX дар муқоиса бо ғазалу қасида ва рубоиву дубайтӣ падидаи достонсароӣ равнақи бештар касб карда буд. Достон дар ин давра чи аз назари мазмуну муҳтаво ва чи аз назари шакл дар ҳақиқат дучори дигаргунии тоза гардид. А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, М. Раҳимӣ ва Б. Раҳимзода дар жанри достон бештар аз дигарон дурахшиданд. Қобили зикр аст, ки сарфи назар аз мазмуну мандариҷа достонҳои шоирони насли комсомол дар муқоиса бо ашъори шиорӣ ва публитсистии онҳо аз назари инсиҷоми мавзӯъ ва интиқоли ҳисси шоирона дар сатҳи болотар қарор гирифтанд.

Қисса ва достонҳои М. Турсунзода ба монанди “Қиссаи Ҳиндустон”, “Ҳасани аробакаш”, “Садои Осиё”, “Ҷони ширин” ва “Аз Ганг то Кремл” аз назари вусъати мазмун ва навпардозиҳо дар шаклу муҳтаво таваҷҷуҳи муҳаққиқони адабиётро ба худ ҷалб кард. М. Миршакар дар ташаккули достони лирикию эпикӣ дар назми советии тоҷик фаъолияти пурсамар дошт. Достонҳои шоир “Қишлоқи тиллоӣ”, “Одамон аз боми ҷаҳон”, “Чашма ҳикоят мекунад”, “Ленин дар Помир”, “Дашти лаванд”, “Ишқи духтари кӯҳсор” ва “Исёни хирад” ба мавзӯъҳои муҳимми ҳаёти онрӯзаи халқи тоҷик бахшида шудаанд. Қобили зикр аст, ки рӯй овардан ба достон шоирони дастоннависро аз офати умумигӯӣ ва якрангии шеърҳои

публитсистӣ наҷот медод. Зарфияти достон ва ғояву сюжети ин жанр ба шоир ин ихтиёрро медод, ки ҳатто мавзӯъҳои таблиғотиро бо обуранги бештари шоирона ва дар доираи васеътар ба хонандаи хеш пешниҳод намояд. М. Миршакар барои расондани паёми хеш ба хонанда аз тамсилу масал ва ривоятҳои халқӣ дар достонҳои худ моҳирона истифода кардааст. Намунаи барҷастаи ин равишро дар оғози достони “Ленин дар Помир” метавон мушоҳида кард.

Не хурӯсе ҷеғ зад шаб, бемаҳал,
Не ситора бар замин афтида буд.
Не ба боми хонае чуғзе нишаст,
Не касе дар хоб море дида буд,–
Сол аммо соли ноором буд,
Кори мардум бесару анҷом буд… [27, 7].

Бо ин равиш шурӯъ кардани достони таблиғотӣ, бидуни шак хонандаро барои мутолиаи ҳодисаҳои баъдии достон ҷалб мекунад. Қобили зикр аст, ки равиши корбурди тамсилу ривоёт дар достони “Қишлоқи тиллоӣ” бисёр ҳунармандона ба кор гирифта шудааст. Корбурди ин равиш достонҳои эпикӣ-таблиғотии шоирони насли комсомолро нисбат ба ашъори хитобаи онҳо, ҷаззобу мумтозтар кардааст.

Ба ҳамин тартиб, ҳарчанд ки ишқу ошиқӣ як амри хусусӣ буд, баёни ҳолоти он ба ғалаёни рӯҳ ва отифаи ҳар шоир бастагӣ дорад, аммо бо таваҷҷуҳ ба марзбандии ин мавзӯъ ва таъйини истилоҳот ва мафҳумҳои хоси идеологӣ дар ин арса, ашъори ошиқонаи шоирони насли комсомол ба якдигар шабоҳати наздик доранд. Ин якрангӣ бархоста аз сиёсати ҳокими фарҳангӣ дар ҷомеа буд, ки шоирон ногузир бояд аз он пайравӣ мекарданд. Ҳатто С. Табаров аз умумигӯйӣ ва такрори ин гуна ашъори публитсистӣ хаста шуда менависад: “Дар солҳои бистум, сиюм ва ҳатто баъзан, дар даврaҳои минбаъда ашъори граждани ва иҷтимоӣ, аз ҷумла баъзе шеърҳои ба Октябр бахшидашуда, хеле умумӣ буда, дар тарғибу ташвиқи мавзӯъҳои

революцион аз ҳама гуна санъат ва воситаҳои тасвири бадей, аз ҷумла аз ташбеҳ ва истиораҳо, аз муроҷиат, хитоб ва нидоҳои риторикии маъмулӣ ва ҳатто такрору обшуста берун набаромадаанд…Дар натиҷа дар шеърҳои онҳо ин мавзӯи муҳими таърихӣ хеле хушк тасвиру баён меёбад ва дар шакли шеърии онҳо ягон навоварие ба назар намерасад” [118, 14-15]. Аз ашъори якранги ин давра метавон чунин хулоса кард, ки пайравии шоирон аз сиёсати ҳизб дар ду шакл анҷом шудааст: пайравии ноогоҳона ва итоати тазоҳургароёна. Намунаи боризи шоири маслакӣ ва мактабӣ дар даврони шӯравӣ устод А. Лоҳутӣ буд, ки аз аввал то охири фаъолияти эҷодӣ дар ашъораш шӯру шавқи шоирона ва инқилобӣ ба таври васфнопазир мавҷ мезанад. А. Лоҳутӣ дар ҳақиқат локомотиви шеъри инқилобӣ ва лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар адабиёти даврони шӯравии тоҷик буд ва агар мо ин локомотивро аз қатор ҳазф кунем, муште вагонҳои бетаҳаррук дар биёбон боқӣ хоҳад монд. Ҳамин гуна шӯри шоирона ва садоқати инқилобӣ дар осори М. Турсунзода, М. Миршакар ва Ҳ. Юсуфӣ идома пайдо кардааст. Дар ин замина профессор Х. Шарифов менависад: “Ҳамаи адибон сиёсати давлатиро бе каму кост, дар зоҳир ҳимоят мекарданд. Сиёсат ҳамон мафкураи ҳизби коммунистӣ буд, ки дар кору амали ҷомеа, муносибати иҷтимоӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ амалӣ мегашт. Ҷомеаи шӯравӣ, гуфтан мумкин аст, ки ҷомеаи мафкуравӣ-сиёсӣ буд. Шоирон дар шеърҳои шиорӣ, насрнависон дар тасвири таърих ва тадбиқи амалии ин сиёсату мафкура шеъру достонҳо ва қиссаву романҳо менавиштанд” [218].

Дар поёни боб бо такя ба назариёти муҳаққиқони адабиёти тоҷик метавон натиҷаҳои мусбату манфии давраи сисоларо чунин баршумурд:

–Шеъри тоҷик дар даҳаҳои 30-50 умдатан аз назари шакл ва мазмуну муҳтаво ба таври асосӣ дигаргун шудааст. Маҳз дар ҳамин давра лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри тоҷик ба камол расида, мавзӯъҳои мушаххас дар қолабҳои гуногуни адабӣ баён шудаанд;

–Густараи мавзӯъ дар шеъри тоҷик ба таври бесобиқа афзоиш ёфтааст. Дар ин давра шоирон аз доираи танги мавзӯъҳои ишқӣ ва бечоранолӣ зеҳни худро наҷот дода, таваҷҷуҳи хешро ба мавзӯҳои сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ҳатто мавзӯҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ ҷалб кардаанд.

–Эҷоди достонҳои хурду калон ва силсилаашъор дар мавзӯъҳои муосирро метавон аз падидаҳои тозаи шоирони ин давра донист. Ҳамчунин истифода аз вазнҳои ғайрианъанавӣ, ба монанди вазни ҳиҷоӣ ва корбурди вазнҳои мухталиф дар як достон аз навовариҳои тозаи шоирони насли комсомол маҳсуб мешавад. Корбурди авзони мухталиф дар қолаби як достон боиси амиқтар шудани драматизм дар жанри мазкур гардид.

–Дар ин давра ҳамаи шоирон атрофи мавзӯъҳои воҳид шеър эҷод кардаанд, ки умдатан ҷанбаи публитсистӣ ва шиорӣ дошта, ба ҷанбаи ҳунарӣ, латофати баён ва тақвияти ҳисси шоиронаи ашъор камтар таваҷҷуҳ шудааст.

–Чархиши аз ҳад зиёди шоирон перомуни мавзӯъҳои воҳид ва рӯзмарра боиси густариши якрангӣ, умумигӯйӣ ва қолабӣ шудани ашъор шудааст. А. Лоҳутӣ соли 1934 дар мақолаи “Адабиёти тоҷик” дар бораи кайфияти осори ин давра чунин изҳори назар кардааст: “Бо вуҷуди будани як қатор асарҳои мутлақ шоистаи нависандагони қобил, ҳамаи онҳо як нуқсони умумӣ доранд: маҳорати адабӣ ва саводи умумии онҳо паст аст, доираи назар ва дониши онҳо маҳдуд аст, ки ин ногузир боиси рӯякӣ гирифтани мавзӯъҳо мегардад. Инчунин амиқ ошно набудан бо осори классикии форсӣ боиси кӯр–кӯрона ба асарҳои худ кӯчондани санъатҳои шеърии онон мегардад” [18, 218].

–Талоши онҳо барои наздик шудан ба забони омиёна, ки яке аз дастуроти ҳизб ва ҷузъи вижагиҳои методи реализми сотсиалистӣ маҳсуб мешуд, аз назари балоғати калом ва фасоҳати забон, ҷаззобияти ашъори шоиронро костааст. “Табиияти баёни забони гуфтугӯӣ солҳои охир

диққати аҳли адабро бештар ба худ кашид ва он ҳоло асоси услуби таҳкияи адабиёти муосирро ташкил менамояд…Майли соданависӣ дар ибтидои асри ХХ қувват гирифт ва пас аз инқилоб дар просесси ташаккули насри реалистӣ инкишоф ёфт” [109, 122].

–Аз он ҷо, ки адабиёт дар Шӯравӣ ҳамчун силоҳи таблиғотӣ ва муборизотӣ шинохта мешуд, бо поёни низоми сотсиалистӣ аксари ин ашъори маслакӣ ва публитсистӣ нақши худро дар ҷомеа ба унвони арзиши адабӣ аз даст доданд, аммо ашъори лирикӣ ва достонҳои эпикӣ–лирикии шоирони ин давра ҳамчунон дар хотираи мардум боқӣ мемонад.

БОБИ III. ТАҲАВВУЛИ ШЕЪР ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИ СОЛҲОИ 60–80

§3. 1. Ҳаёти адабӣ дар солҳои 60-80

Солҳои 1960-1980 дар адабиёти тоҷик давраи таҳаррукоти ҷадид, зуҳури андешаҳои тоза ва марҳалаи бозгашт ба асолати хеш буд. Бидуни шак эҳсосот ва авотифи инсониро, ки бештар дар ойинаи адабиёт таҷаллӣ пайдо мекунад, намешавад ба марҳалаҳои хосе тақсимбандӣ кард, зеро эҳсосу отифа амри хусусӣ буда, ҷузъи ҷудоинопазири шахсияти инсон ҳастанд. Бинобар ин марҳалабандӣ бар асоси таҷассуми андешаҳо ва таъсиргузории онҳо дар миёни ҷомеа сурат гирифтааст. Яъне, буғзҳо ҳамеша дар синаи афроди худогоҳ ба таври пинҳонӣ ғалаён мекунанд ва танҳо дар натиҷаи таҳаввули ғайримунтазираи сиёсӣ ва иҷтимоӣ метарканд. Аз ин рӯ, ҷунбиши зеҳнӣ ва бедории фикрӣ, ки дар адабиёт рух дод, пайомади дигаргунии сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаи шӯравӣ буд. Ин даврaро бидун шак, метавон марҳалаи “бедории зеҳнии шоирон” унвон кард, ки бар асари он дар кишвар “ҷунбиши бедории миллӣ” шакл гирифт. Аксари муҳаққиқони адабиёт ошкор ва маҳкум намудани шахсиятпарастии сталинӣ дар Иттиҳоди Шӯравиро оғози таҳаввули ҷадид дар адабиёт арзёбӣ кардаанд. Профессор Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ дар ин

замина менависад: “Дар поёни даҳаи панҷуми асри XX (1956) Никита Хрушёв, раҳбари вақти ҳизби коммунист ва ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ дар бистумин кунгураи ҳизби коммунист бо интиқод аз шахсиятпарастии Сталин, нохудогоҳ парда аз асрори диктатурии низоми шӯравӣ бардошт ва ба дунболи ин иқдоми сиёсӣ, аҳли адабу ҳунар озодии нисбӣ ба даст оварданд ва суханварони тоҷик ҳам тавонистанд даричае ба сӯи адабу фарҳанги Эрону Афғонистон боз кунанд. Дар соли 1958 Тоҷикистон тавонист ҷашни ҷаҳонии ҳазору садумин соли устод Рӯдакиро баргузор кунад” [181, 20].

Адабиётшиноси чех Иржи Бечка ҳамин ҳодисаи сиёсиро оғози таҳаввули тоза дар адабиёти шӯравӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷик медонад. Ӯ дар ин бора мегӯяд: “Ошкор шудани кеши шахсият ва беқонуниҳои даврони диктатурии Сталин аз солҳои 60-ум бар адабиёти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамчунин адабиёти тоҷик бетаъсир набуд. Ин амр дар оғоз ба навъе мудорогарӣ роҳ бурд, ки албатта дар замонҳои баъд тазъиф гардид” [148, 211].

Албатта, маҳкум кардани шахсиятпарастии сталинӣ ҳаргиз ба маънии тағйири мавзеи дастгоҳи идеологии шӯравӣ нисбат ба адабиёт ва фарҳанг набуд, балки бар хилофи интизор ва тасаввури равшанфикрон, назорат аз болои адабиёт ҳамчунон ба шиддат идома дошт, аммо ба ҳар ҳол ҳодисаи мазкур таъсири ғайримустақими худро дар бахши адабиёт гузошт.

Маҳкум намудани шахсиятпарастӣ як навъ тасфияи сиёсӣ дар дохили ҳизби коммунистӣ буд, на тағйири мавзеъ дар идеологияи ҳоким бар ин ҷомеа. Баръакс аз назари идеологӣ назорату сензура дар адабиёт шадидтар шуд. Ба қавли Иржи Бечка “Ба адабиёт ҳамчунон гузашта чун аҳроми идеологӣ нигариста мешуд” [148, 211].

Аммо бар асари ин таҳаввули сиёсӣ адибон бо равишҳои мухталиф ва шарҳи ҳадафҳои худ назароти тозаро вориди арсаи адабиёт карданд.

Дар ин замина Кет Ҳечинский менависад: “Марги Сталин ва раванди сталинзудоӣ нависандагони тоҷикро тарғиб кард, ки танаввуе дар заминаи мавзӯӣ ба вуҷуд ованд ва бештар ба ашкол ва техникҳои ҳунарӣ бипардозанд. Гарчи ҳизб ҳамчунон ба онҳо ёдовар мешуд, ки онон ҳамвора бояд дар сафи муқаддами талош дар роҳи пирӯзии коммунизм анҷоми вазифа кунанд. Дар авохири даҳаи 1950 ва авоили даҳаи 1960, ки дасти нависандагони тоҷик дар халлоқиятҳои ҳунарӣ андаке боз гузошта шуда буд, осори матбӯи бисёре арза шуд” [229, 18].

Маҳз дар ҳамин давра, ҷавонони болаёқат вориди арсаи адабиёт шуданд ва аз вазъияти номатлуби фарҳанг ва забони тоҷикӣ бонги хатар заданд. Ба назари аксари муҳаққиқони адабиёт Муъмин Қаноат, Бозор Собиру Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Гулназар, Зиё Абдулло, Низом Қосим, Камол Насрулло аввалин шоироне буданд, ки дар пайкари рокиди шеъри тоҷик тағйир ва таҳаввули тоза эҷод карданд. Муҳимтарин хидмати шоирони ин давра пардохтан ба андешаҳои миллӣ, матраҳ кардани мавзӯъҳои таърихӣ ва фарҳангии миллат аз дидгоҳи нав, парҳез аз куллигӯйӣ ва шиору хитоба дар шеър ва таваҷҷуҳ ба сабку шеваҳои ҷадиди баён дар осори адабии онҳо буд. Дар ин давра “шеъри форсии тоҷикӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун, услубҳои эҷодӣ бойтар шуд ва аз нигоҳи ҳадафмандӣ ва ҳунармандӣ қавитар гардида, дар маҷмӯъ маданияти он баландтар шудааст. Ба ҳамин хотир, дар шеър мубориза зидди умумигӯйӣ ва саволу хитобҳои урёни риторикӣ, назарияи беконфликтӣ, муқобили аз будаш зиёд ва безиддият тасаввур намудани зиндагӣ ва ғ, хеле ривоҷу равнақ мегирад. Дар натиҷа бозори умумигӯён торафт касод мегардад ва шеърҳои каммазмун камтар мешаванд. Яъне дигар ба он шаклу услуб ва оҳанги пешин шеър навиштан номумкин мегардад” [53,97].

Профессор Иржи Бечка талоши як идда шоирони ҷавони тоҷик дар даҳаи шастро қобили тақдир медонад. Дар ин давра шоирони ҷавон зимни

ин ки дар ҷиҳати эҳёи қолабҳои суннатии шеъри классикӣ талош мекарданд, ҳамзамон дар ҷустуҷӯи қолабҳои ҷадид барои баёни аҳдофи худ камари ҳиммат бастанд. “Ба гунаи куллӣ метавон гуфт, ки шеъри ғиноӣ бештар аз анвои дигар суруда шуда ва равиши суннатӣ дар шеър идома ёфта ва шоирон, бавижа ҷавонони шоир, камобеш бо арӯз ошноӣ доранд ва дар қолаби ғазал, рубоӣ ва дигар анвои шеъри классик чома месароянд” [148, 217-218].

Профессор Р.М. Қубодиёнӣ заҳмати М. Турсунзодаро дар парвариши ин насли огоҳ муассир арзёбӣ мекунад. Вай дар ин бора менависад: “Нигоранда бар ин фикр аст, ки инкишофи шеъри муқовимати тоҷик дар чиҳил соли ахир ба номи устод М. Турсунзода (1911–1977) вобастагӣ дорад” [180, 147].

Ин нукта бисёр муҳим аст, ки ҷунбиши бедорӣ ва хашми фурӯкашидаи миллати тоҷик бо масъалаи асафбори забон оғоз шуд. “Ба ҳар ҳол, ба вуҷуд омадани андак фазои озод дар даҳаи шаст, шоирони тоҷикро бедор кард, то дар ҷустуҷӯи гумгаштаҳои хеш ба тақалло шаванд. Яке аз ин гумгаштаҳо забони форсӣ аст, ки барои эронитаборони Фарорӯдон азизтар аз ин чизе набудааст” [221].

Муъмин Қаноат бар алайҳи ҳамин сиёсати ҳадафманд ва бо ишора ба гурӯҳҳое, ки форсӣ, дарӣ ва тоҷикиро се забони комилан мустақил ва ҷудогона таблиғ мекарданд ва бо ин васила забони бузургро дар маърази нобудӣ қарор дода буданд, дар шеъри “Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ” (1962) чунин посух дод:

Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Лафзи хубӣ дилбарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.

Баҳри ман танҳо забони модар аст,

Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст [43, 81-82].

Бозор Собир эътирози худро ба вазъи мавҷуд бо мавзӯи забон шурӯъ мекунад. Шеъри “Забони модарӣ”-и Бозор дар ҳақиқат баёнгари таърихи дардноки миллати тоҷик дар Осиёи Миёна буд. Порае аз ин шеърро мурур мекунем:

Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.
Суннати волову девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш “Дониш”-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ [44, 43-46].

Нуктаи муштарак дар ин ашъор ин аст, ки аз даст додани забон сахттарин мусибат барои миллат аст. Тоҷикон дар тӯли таърих неъматҳои фаровонро аз даст додаанд, аммо бо ҳифзи фарҳанг ва забони гаронмояи хеш мусибати аз даст додани сарзамин ва давлати худро таҳаммул карданд, аммо бар асари сиёсатҳои Давлати Шӯравӣ ҳоло боарзиштарин неъмати ҳастии онҳо, яъне забон дар ҳоли нобудӣ қарор гирифта буд. Лоиқ Шералӣ дар шеъри “Забонгумкарда” пайомадҳои ҳамин мусибатро мехоҳад ба гӯши афроди ҷомеа бирасонад:

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,
Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гумкардаеву дигаре
Хештанро бенишон гумкардае.

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,
Дигаре ганҷи равон гум кардааст.
Ин яке гар ними нон гум кардааст,
Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст...

Бок не, гар доварӣ гум кардааст,
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Заҳр бодо ширӣ модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст [23, 31-32].

Дар ин шеър бо эҳсоси баланд ва изтироби такондиҳанда тамоми ҷанбаъҳои мусибати аз даст додани забони миллӣ тавассути шоир ба тасвир кашида шудааст.

Хатари аз даст додани забон танҳо унсури таъйидкунандаи асолати шахсӣ ва ҳайсияти миллӣ шоирони огоҳи тоҷикро ба ташвиш оварда буд, аз ин рӯ, ҷунбиши бедорӣ даври меҳвари забон ва фарҳанги миллӣ шакл гирифт. Шоира Гулрухсор дар ин замина мегӯяд:

Эй забони ҷовидони Рӯдакӣ,
Суннату меҳру синони Рӯдакӣ.
Аз даҳони вожагон афтодаӣ,
Дар замони садзабони Рӯдакӣ.

Ман аз ин бозӣ ба маргам розиям,
З-ин забонбозӣ ба маргам розиям.
Доҳии давру замон бо ман насохт,

З-ин замонсозӣ ба маргам розиям [49, 85-86].

Қобили зикр аст, ки то соли 1989 ба ғайр аз ҳизби ҳокими коммунист аҳзоб ва созмонҳои дигар ҳаққи мавҷудият надоштанд, ки аз фарҳанг ва арзишҳои миллии худ дифоъ кунанд. Ин нақшро дар он рӯзгор чанд шоири бедор ифо карданд ва тоҷикон қабл аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1989 бо роҳандозии як ҷунбиши худҷӯш ва мардуми ҳукумати вақти коммунистиро водор карданд, ки забони форсӣ-тоҷикиро ба унвони забони давлатӣ эътироф кунад ва аввалин қонуни забони форсӣ-тоҷикӣ дар ҳамин сол ба имзо расид. Алиасғари Шеърдӯст муҳаққиқи шеъри муосири тоҷик дар бораи сарнавишти забони форсӣ–тоҷикӣ дар Осиёи Миёна менависад: “Дар ин ҷо сухан аз ҳарфҳои нагуфта аст ва фироқе дардолуд, ки дастикам байни ду насл инқитои фарҳангиро боис гардидааст” [48, 17].

Мавзӯи дигаре, ки шоирони огоҳи ин давра ба он посух доданд, ҳимоят аз ҳайсият, ҳувият ва гузаштаи пурифтихори хеш мебошад. Таври маълум, яке аз сиёсатҳои роиҷ дар даврони шӯравӣ, ки бо ҳадафи ҳувиятзудоии ақвоми дигар сурат мегирифт, инкори таърихи гузашта ва бадном кардани собиқаи фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳо ба шумор мерафт. Профессор Қубодиёнӣ дар ин замина менависад: “Устод Қаноат аз ҷумлаи нахустинҳо буд, ки аз шарофату фазилатҳои фарҳанги миллии қавми хеш ҳақиқатеро ишора кардааст. Чунончи, ӯ дар шеъри “Давоми нек роҳатро” (1966) ба шоири шаҳири рус Владимир Логовский, ки ба фарҳанги тоҷикон бо назари ҳақорат нигоҳ кардааст, зимнан танзе муносиб мезанад” [180, 148].

Муъмин Қаноат дар посух ба таҳқиру беадабии ин шоири рус нисбат ба таъриху фарҳанги ғании тоҷикон менависад:

Ту дидӣ Вахшро танҳо,
Миёни кӯҳ дар ғавғо,
Надида дар бисоти ӯ дили дарёи Ҳофизро.

Чу шоир ёд н-овардӣ макони разми Рустамро,
Надидӣ даврагардон ҷоми сесадпораи Ҷамро.
Аҷамро дидаву савти аҷамро лек нашнидӣ,
Дами пирӣ бузургонро ту хору бенаво дидӣ?
Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд,
Ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд ё девони Ҳофиз буд [43, 35-36].

Муъмин Қаноат дар ҳамон айёми авҷи тантанаи сотсиализм зимни ёдоварии гузаштаи пурифтихори миллати хеш ба ин шоири рус ҳамчунин ба таври бисёр маънодор ғосибон ва истилогарони сарзамини худро “дузд” мехонад ва барои ин шоири роҳсоз изҳори таассуф мекунад, ки бо вуҷуди ҳузури физикӣ дар сарзамини адабпарвар аз хазинаи маънавии тоҷикон бехабар ва бебаҳра мондааст.

Дар он рӯзгоре, ки дастгоҳи идеологии давлати Шӯравӣ фаъолияти адабии нависандагонро шадидан зери назар дошт, яке аз шеваҳои шоирони огоҳи тоҷик дар роҳи равшангарӣ ва тақвияти ҳайсияти миллати худ, ручӯъ ба гузаштаи дури таърихии миллат ба таври тамсилу киноя буд. Ин гуна ашъор барои эҷоди худбоварӣ ва рушди худшиносии насли ҷавони Тоҷикистон бисёр боаҳамият буд. Онҳо аз ин тариқ ба дифоъ аз таърих ва фарҳанги дурахшони миллати худ бархостанд. Ин аст, ки Муъмин Қаноат дар ҳамон замон месарояд:

Эй додгоҳи хокиён,
Эй осмони бекарон,
Танг аст ҳоли тоҷикон
Дар зери хоку хокдон.

Тоҷик зи рӯи ростӣ
Аввал заминро кишт кард.
Аз баҳри оташхонаҳо
Аз хоки модар хишт кард.

Кишти нахустинро дуруд,
Яшти нахустинро суруд.
Дар васфи Митро-меҳри пок
Қонуни аввалро навишт,
Дар исмати зояндахок [43, 3-9].

Лоиқ Шералӣ низ дар роҳи бедории миллии тоҷикон хидмати арзанда ва бесобиқа анҷом додааст. Вай бо навиштани шеърҳои “Хоки Ватан”, “Ифтихор ва эътироз”, “Оли Сомон”, “Панҷаҳои Борбад”, “Баъд аз ҳазор сол”, “Узри ланг”, “Араб гӯянд Синоро гурӯҳе”, “Забонгумкарда”, “Вопасин нафаси Хайём” ва силсилаашъори “Илҳом аз “Шоҳнома” яке аз муассиртарин шоирони ҷунбиши бедории нимаи дуюми асри бистум маҳсуб мешавад. Лоиқ дар шеъри “Оли Сомон” дар робита ба ин мавзӯъ месарояд:

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон
Оли Сомон!
Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон
Оли Сомон!
Гӯиё,
Як нафас тоҷикро таърих дод оинае
То дар ӯ ёбад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,
Лек шодикаф шуду оина аз дасташ фитод... [23, 12].

Ин навъ руҷӯъ ба таърихи гузашта ба ҳар шакле ки бошад, тазаккуре барои дилҳои хуфта ва дардҳои нагуфтаи шоир аст. “Муроҷиат ба афкору андӯхтаҳои гузаштагон муносибати ӯро ба таърихи халқ муайян мекард. Лоиқ вазифаи граждании худу қаҳрамонони лирикиашро дар пойдор гардонидани ҳофизаи таърихӣ ва ғанои маънавии халқ ва ба хидмати имрӯз гузоштани он ва бедор кардани эҳсоси худшиносии миллии мардум медонад. Аз ин ҷост, ки Лоиқ ба таърихи гузаштаи дур назари амиқу моҳиятҷӯёна дошта, дар сари қисмати таърихии халқаш пайваста андеша ронда, сабақи таърихро барои имрӯз ҳамчун панди рӯзгор эҳдо мекунад” [229, 102].

Лоиқ дар шеъри “Пуштбонӣ” аз силсилаи “Илҳом аз “Шоҳнома” қасди дамидани рӯҳи тоза дар пайкари ҷомеаи худбохтаро дорад.

Дар ҳама Эрону Турон,
Ҳамнабарди Рустами дастон касе нест.
Ҳамбару ҳамбози ӯ дар рӯи дунё
Аз тамоми зодаи инсон касе нест.

Хомаи Фирдавсӣ то бошад мададгор,
Пуштбонӣ то кунад бо сеҳри неруи сухан,
Ҳеҷ кас бар Рустами дастони ӯ
Ҳеҷ гаҳ фирӯз натвонад шудан...

Пуштибони ҳар касе гар шоире ҳаст,
Ҷовидон бар тораки ӯ афсаре ҳаст.
Пуштибони шоирон гар дар ҳама афлок нест,
Эй бузургон, бок нест! [23, 86].

Аз миёни мавзӯъҳои таърихӣ шоирони ин давра аз ҳама бештар ба мавзӯи Бухоро аввалин пойтахти давлати мутаммаркази тоҷикон ва хостгоҳи аслии таъриху таммаддуни миллат руҷӯъ кардаанд, ки он ҳам бар

асари сиёсатҳои ғаразноки Давлати Шӯравӣ аз дасти мо берун рафт. Хаёли Бухоро мисли як рӯҳи саргардонест, ки ҳамеша хотири шоирони моро озурда медорад. Бухоро дар хобу бедорӣ дар хаёли мардуми огоҳи тоҷик ҳамеша ҷилвагар аст. Гулрухсор мегӯяд:

Шавам бедор аз хоби мадоро,
Ба дастам нимдомони Бухоро.
Худоё! Шоири шуридарӯҳе
Зи хоку дарду дармони Бухоро.
Зарафшон дар Бухоро гар бимирад,
Бимирам ман зи ҳичрони Бухоро! [49, 83-84]

Рӯҳи озода ва пуртуғёни Гулрухсор сарнавишти талхи тоҷикро бисёр муассир ба тасвир мекашад. Ӯ дар шеъри “Пайкари фарсуда” мегӯяд:

Пайкаре фарсуда дидам
Дар дили саҳрои таърих...
Пайкаре садпора дидам
Муҳри шамшери Сикандар дар ҷабинаш,
Устухонаш ларзаи ҷабри араб дошт.
Дар ду чашмаш
Нақши наъли аспи Манғит,
Хоки сардаш
Аз шамоли ҷаҳли Темурланг таб дошт.

Хостам бар хок биспорам тани бемумиёро
Аз нигоҳи гушнаи моҳу ситора
Чун ба чашми холиаш кардам назора
Хешро бишнохтам,
Мурдам дубора [49, 93-95].

Посух додан ба иддаоҳои бегонагон барои аз худ кардан шахсиятҳои бузург ва инкори фарҳанг ва тамаддуни миллати тоҷик аз мавзӯъҳои доғи

осори шоирони ин давра маҳсуб мешавад. Дар ин замина низтоҷикон аз сӯйи болшевикон ва пантуркистон зарбаи ҷонкоҳ хӯрдаанд. Аз ин рӯ, Бозор Собир дар шеъри “Теғи Сино” ҳамин мавзӯъро матраҳ мекунад:

Ину оне ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,
То ба боми шӯҳрати олам гузорад нардбон.
Лек Сино он қадар ин бомро бардоштаст,
Ину он кай метавонад нардбон монад ба он?

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.
Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,
Сӯхтан носӯхтан эҷоди аҷдоди ман аст [44, 160].

Лоиқ Шералӣ ба мавзӯъҳои мазкур хеле ҳассос буд ва бо лаҳне тунд бо ин гурӯҳҳо бархӯрд мекард. Ӯ дар шеъри “Асли Сино” месарояд:

Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,
Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.
Гурӯҳе узбакаш донанду лекин
Китобашро агар сад бор хонанд
Нафаҳманду пайи тафсири ҳар ҳарф
Ҳама муҳтоҷи некӯ тарҷумонанд...

Бухоро пойтахти тоҷикон буд,
Дар он ҷо Бӯалӣ омад ба дунё.
Дарӣ буда забонаш, лек омӯхт
Забони ҷумла давру ҷумла одам...[48, 38-39].

Ҳамчунин дар шеъри шоирони ин давра вижагиҳои хоси миллӣ, монанди содагӣ, хушбоварӣ, меҳмоннавозӣ, садоқат ва эҳсоси башардӯстонаи мардуми тоҷик, ки мавриди сӯистифодаи бегонагони тамаъкор қарор гирифтаанд, матраҳ ва мазаммат шудаанд. Лоиқ ин

мавзӯъро дар шеъри “Эй дарахти безабон” бисёр рамзӣ ва ҷолиб баён кардааст:

Худ табарро даста бидҳӣ,
То бибуррад решаатро.
Мебурандат,
Мебарандат,
Ин чӣ савдо ?
Ин чӣ дунё ?
Аз ту месозанд чӯби дорҳо,
Аз ту месозанд чӯби гӯрҳо.
Эй дарахти безабон!
Баргҳо оё забонат нестанд? [49, 83].

Бозор Собир дар шеъри “Ман худамро кушта-кушта” ба ҳамин маънӣ ишора мекунад:

Бомиёнро сохтам ман,
Бомиёнро сӯхтам ман.
Кофиён пардохтам ман,
Кофиёнро бохтам ман.

Тахти Доро дар раҳи ман буд, ман кардам харобаш,
Ганҷи Қорун дар кафи ман буд, ман додам ба бодаш.
Коҳи бодовардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш.

Дод аз ман, дод аз ман,
Аламон, фарёд аз ман!
Бӯалиро аз Бухорои шариф ман карда берун,
Тирмизиро ман фикандам дӯш бар дарёи Ҷайҳун.
Бар ҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,
Балки хуни мулкро ман рехтам [44, 157-159].

Вижагии мумтози шоирони асаргузор дар ҷунбиши бедории фикрӣ аз шоирони даҳаҳои 30-60 мазмуну муҳтаво ва диди тозаи онон ба масоили перомуни худ буд. Агар дар сӣ соли гузашта шоиру шеър дасту по баста дар ҷиҳати амалӣ шудани аҳдофи идеологии ҳизби коммунист хидмати содиқона анҷом медод, баъд аз даҳаи 60 шоирон ба худогоҳии тоза даст ёфтанд ва бо равишҳои мухталиф ба таблиғи ормон ва арзишҳои поймолшудаи миллӣ мепардохтанд. Ба гуфтаи профессор Р.М. Қубодиёнӣ танҳо дар авохири даҳаи панҷоҳи мелодӣ шоирони тоҷик аз таҳқири гузаштаи таърихии худ ва ҳақиру ночиз шумурдани арзишҳои қабл аз инқилоби Октябр кам-кам даст кашиданд.

Аз назари кайфияти ҳунарӣ шеъри нимаи дуюми қарни бист бо нимаи аввали он фосила мегирад ва тафовути ҷиддӣ на танҳо дар мазмун ва муҳтавои ашъор, балки дар шаклу ғанои ҳунарӣ ба мушоҳида мерасад. Сиёсатзадагӣ, омиёна ва шиорӣ будан дар осори нимаи дуюми қарни бисти тоҷик ҳамчунон боқӣ монд. Аммо дар шеърҳои сиёсӣ ва шиории нимаи дуюми қарни бист ҳадафмандӣ ва падидаи бозгашт ба асолати хеш мушоҳида мешавад. Алиасғари Шеърдӯст дар бораи сиёсатзадагии шеъри ин давраи Тоҷикистон менависад: “Барои онон, ки ҳувияти фарҳангияшон дастхуши тороҷи замон шуд, муҳимтарин чиз бозёфти ин ҳувият аст. Аз ҳамин рӯ шеъри муосири Тоҷикистон ағлаб сибғаи сиёсӣ дорад” [48, 14].

Аммо академик М. Шакурӣ ба далели матраҳ шудани мавзӯъ ва мушкилоти миллӣ дар ин марҳала, шеъри ин давронро шеъри таҳқиқӣ арзёбӣ кардааст. “Банда бар ин боварам, ки аз даҳаи шасти садаи бист то ба имрӯз шеъри тоҷикии Фарорӯд шеъри таҳқиқӣ аст ва таҳқиқи бадеии он бештар таҳлилӣ ва гоҳе тасвирӣ аст” [219, 105-118].

Намунаи ин гуна ашъор дар эҷодиёти Б.Собир, Л. Шералӣ ва Гулрухсор фаровон ба чашм мехӯрад. Шеъри “Хоки Ватан”-и Лоиқ як навъ тозиёнаи бедории фикрӣ маҳсуб мешавад.

Мулк сангистону мо бесангарем,

Сар ба сар сардору мо бесарварем.
Пунба дар гӯшем мову раҳбарон,
Чунки мо халқони пунбапарварем.
Соҳиби сарчашмаему ташнаем,
Соҳиби ганҷинаему абтарем!
Дигаре гирад гиребони фалак,
Мо гиребони худиро медарем.
Дар чаҳи ҷаҳли мураккаб мондаем,
Содапиндорему содабоварем [48, 17].

Агар равиши ҳушдори Лоиқ дар шеър тавассути танзу киноя ва сарзаниш бошад, равиши Гулрухсор аз тариқи ташфиқу тамҷид ва ёдоварии гузаштаи пурифтихори қавм аст.

Зӯри тоҷик дӯстони родмарди ӯ бувад,
Меҳри тоҷик оташи Суғд аст, дар чашмони ӯст.
Фахри тоҷик ҳиммати ӯ, номи ӯ, имони ӯст,
Тоҷи тоҷик давлати ӯ, ишқи ӯ, виҷдони ӯст.

Қасри гулкорӣ надорад, лек соҳибдавлат аст,
Тахти заркорӣ надорад, лек соҳибдавлат аст.
Кӯҳи хоро дораду ҳайкал надорад, бок не,
Ҳайкали ӯ,
қасри ӯ,
ному нишони миллат аст.

Чун Бухоро халқи ман пир асту чун Норак ҷавон,
Ҳамчу Сино оқил асту чун ҳақиқат ҷовидон [49, 57].

Шеъри даврони бедории фикрӣ бо шеъри насли баъд аз инқилоб то ҷое шабоҳат дорад, фақат бо ин тафовут, ки шоирони даҳаи аввал агар тамоми нерӯи худро сарфи таблиғи низоми ҷадид, ҳизби коммунист ва

раҳбарони он карда бошанд дар солҳои 60-ум ба баъд шоирони огоҳ тавони шоирии худро дар ҷиҳати бедории фикрии мардум, бозгашт ба ҳувият ва асолати миллӣ ва посух додан ба тавҳину таҳқирҳои замони қабл аз худ сарф карданд. Бинобар ин “бештарин арзиши ин ашъор дар тавсифоти хоси онҳо аз руйдодҳои ҷорӣ, мушкилот ва ранҷҳои инсони имрӯз нуҳуфта аст ва офоқу арсаҳои каломашон машҳун аз вожаҳое аст, ки бори сангини мазлумият, фурухуфтагӣ ва дарди халқи тоҷикро ба дӯш мебаранд. Агарчи забони онҳо низ дар тавсифи ин вуҷӯҳ ба содагиву бепироягӣ такя дорад ва саҳлпиндорона равону бепарвост, лекин тамоми ҳадафашон интиқоли сареҳи ҳис ва намойиши дардҳост” [230].

Шеъри солҳои 1960-1980 дар адабиёти советии тоҷик шеъри дардҳои ногуфта ва посух ба буғзҳои андӯхта, шеъри мазмуну андеша ва эҳёи арзишҳои фаромӯшшуда аст. Шеъри ревизияи 30 соли якрангӣ ва сукути маънодори ҳамтоёни худ дар баробари масоил ва мушкилоти миллӣ ва худшиносии қавми тоҷик аст. Шоирони ин давра бо истифода аз фурсати ба дастомада таваҷҷуҳи худро аз ҳунари шоирӣ дида, ба баёни дардҳо ва андешаҳои миллӣ бо ҳамон забони маҳдуди роиҷ, бештар маътуф кардаанд. Далели истиқболи ҷомеа аз шеъри шоирони ин насл бештар ба ҳамин вижагиҳои шеъри онҳо бастагӣ дорад ва барҷастагии ашъори онҳо аз ҳамин ноҳия намудор аст. Ин буғз синаи онҳоро ончунон таҳти фишор қарор дода буд, ки мисли хурӯҷи як оташфишон бидуни таваҷҷуҳ ба қавоид ва завобити лозим дар шеър, дарди Лоиқ аз қалби ҳассосаш ин гуна ба садо дармеояд:

Гоҳо
Аз минбарҳо
Дар китобу дафтарҳо
Рӯзномаву маҷаллаҳо
Нотиқи булфузуле,
Қаламкаши гӯле

Бо бонги баланд
Мегӯяд,
Ё менависад:
Халқи тоҷик
Дар гузашта
Бесавод буд
Саросар...” [23, 6-11].

Ба қавли Алиасғари Шеърдӯст-муҳаққиқи шеъри муосири тоҷик: “Вижагии муштараки тамоми шоирони муосири Тоҷикистон руёрӯӣ ва посух додан ба буҳрони ҳувият аст. Шоирони тоҷик ба далели шароити хос шеърро маҳмиле барои ирҷои азҳон ва андешаҳои имрӯз ба таърих ва фарҳанги асили ниёгони худ қарор додаанд. Бад-ин сон онон бад-он андоза, ки дар вафодорӣ ба мавориси фарҳангӣ исрор меварзанд, дар пойбандӣ ба мавозин ва меъёрҳои ҳунарӣ ва адабии муосир чандон муссир нестанд” [173, 137].

Ашъори шоирони ин даврараро метавон ба унвони шеъри даврони бозгашт ба асолати хеш номид. Академик М. Шакурӣ ба далели матраҳ шудани мавзӯъ ва мушкилоти миллӣ дар ин марҳала, шеъри ин давронро шеъри таҳқиқӣ арзёбӣ кардааст. “Шеър воқеияти иҷтимоии дирӯзу имрӯзи миллат, ҳастии маънавии инсон ва гоҳ бемаънавиятии ӯ, дурахшишҳои нозуки андеша ва эҳсосро ба таҳқиқ гирифта аст ва аз ҳар сӯ онро санҷида ва озмуда мехоҳад ба ниҳонхонаи дили инсон роҳ ёбад. Шоироне ҳастанд, ки масоили бузурги иҷтимоӣ ва маънавии замонро ба таҳқиқ кашида ва дар ин роҳ комгор ҳам шудаанд” [219, 105-118].

Таҳаввули мундариҷавие, ки дар солҳои 1960 ба баъд дар шеъри тоҷик рух дод, мунҷар ба дигаргунии лафзӣ дар шеър шуд. Дар маҷмӯъ шеъри солҳои 1960-1980 як навъ эътироз ба вазъияти фарҳангию адабии шаклгирифта баъд аз инқилоб то даҳаи 60-ум, эътироз ба маҳдудиятҳо дар ҳавзаи фарҳанг, забон, адабиёт, таърих, хати ниёгон, андешаи миллӣ,

ҳуввият, худшиносӣ ва арзишҳои миллӣ буд. Ин маҳдудиятҳоро беш аз дигарон адибону шоирони тоҷик дарк карда буданд ва дар садади фурсате муносиб барои руҷӯи дубора ба масоили сарнавиштсози миллӣ буданд. “Дар адабиёти то соли 1956 қаҳрамони асари бадеӣ агар роҳбари муассиса ва аъзои ҳизби коммунист мебуд, ҳеҷ хел камбудӣ надошт, балки тамоми пешравиҳоро дар ҷомеа ба номи вай иртибот медоданд. Нависанда Ҷ. Икромӣ боре қисса карда буданд, ки солҳои сӣ як нависандаи тоҷик занро ба хати сужа дохил намуда, ҷое вақти чеҳраи зоҳирии ӯро тасвир кашидан, қиёфаи ӯро доғдор нишон додааст. Ин ҳодиса боиси кашмакашиҳо шуда, нависандаро маломат карданд, ки “ ба ту кӣ ҳақ дод, ки зани озоди советии тоҷикро доғдор тасвир намоӣ” [53, 94-95].

Ба ҳамин тартиб дар якрангии шеъри тоҷик дар он замон маҳдудиятҳои номбурда таъсиргузор буданд ва ин буғз солҳо дар синаи шоирону нависандагон маҳбӯс монд, то замоне ки шахсиятпарастии Сталин маҳкум шуд ва ба дунболи он озодиҳои нисбӣ дар ҷомеа шакл гирифт. Идомаи ин раванди хастакунанда ва афзоиши ашъори шиорӣ ва публитсистӣ худи шоирони огоҳро ба сутӯҳ оварда буд. Аз ин рӯ, Мастон Шералӣ баъдан фарёд бар меоварад:

Дилам сармояи дарду алам шуд,
Ки чанде беқалам соҳибқалам шуд.
Киро гӯям, кадомин дар бикӯбам,
Сафи шоир фузуду шеър кам шуд!

Бинобар ин, шоирони ҷавоне, ки дар солҳои 60-ум вориди саҳнаи адабиёт шуданд, бо шинохти масоил ва мушкилоти мавҷуд дар бахши адабиёт ба таври ҷиддӣ дар пайи ислоҳи ин умур баромаданд. Дарки ин воқеияти талх, ки дар рубоии Мастон Шералӣ ба сароҳат зикр шудааст, ҷунбиши зеҳниро дар тафаккури ин насл эҷод кард, ки боиси таҳаввули мундариҷа ва лафз дар шеъри онҳо гардид. Бо муқоисаи ашъори ин ду давраи

мутаззоди адабиёти советии тоҷик, махсусиятҳои забонии шоирони солҳои 1960-1980- ро ин гуна метавон дастабандӣ кард.

1) Ҳаракат ба самти истифода аз захираҳои ғании забони модарӣ бо ҳадафи покизагӣ ва саломати забон.

2) Шикастани қолабҳо ва нормаҳои забоние, ки дар шеъри шоирони баъд аз инқилоб шакл гирифта буд.

3) Парҳез аз умумигӯйӣ ва таркиботи қолабии мавҷуд дар ашъори шиорӣ ва таблиғотии пешиниён.

4) Рӯ овардан ба забони фохири классикӣ ва омезиши он бо забони гуфтугӯйии роиҷ дар миёни мардум.

5) Ҷойгузин кардани вожа ва таъбирҳои шеъри классикӣ ба ҷойи таъбироти сохта ва калимоти бегона.

6) Дурӣ аз корбурди вожаҳои хашин дар сохтори калом ва таваҷҷуҳ ба латофати сухан дар шеър.

7) Худдорӣ аз корбурди васеи забони муҳовара ва омезиши он бо забони адабии гузашта

8) Таваҷҷуҳ ба забони ҳамосӣ дар сурудани шеър.

9) Гароиш ба эҳёи сабкҳои фаромӯшшудаи шеъри классикӣ бо забони муносиби рӯз.

Бояд таъкид кард, ки манзур аз зикри вижагиҳо ин нукта нест, ки шоирони ин давра якшаба ба забони матлуби шеърӣ даст ёфта бошанд, балки онҳо бо таваҷҷуҳ ба дарки мушкилот ва маҳдудиятҳои мавҷуд дар шеъри шоирони пешини худ бо ҳадафи раҳойӣ аз буҳрон ба ин самту сӯ ҳаракат карданд. Дар ин масир, аз назари дастёбӣ ба як забони баёни муассир ва шоирона теъдоди андаки шоирони ин насл то ҷое муваффақ шуданд, аммо аксарияти онҳо мавзӯъҳои тозаро ҳамчунон дар қолаби забони роиҷ матраҳ мекарданд.

Ба ҳамин тартиб, ҳаёти адабӣ дар солҳои 60-80 асри XX бо нигарише тоза нисбат ба таъриху тамаддун ва ҳувияти миллии хеш оғоз шуда, асари

ин таҳаввули фикрӣ ба вузӯҳ дар ойинаи ашъори шоирон дар шаклҳои гуногун инъикос пайдо кардааст. Вижагиҳои ин давраи адабӣ ва хусусиятҳои мумтози ин давра дар қиёс бо дигар даврaҳои адабии адабиёти советии тоҷик дар фаслҳои баъдӣ ба таври мушаххастар баён хоҳад шуд.

§3.2. Мавқеи шеъри нав ва жанрҳои суннатӣ дар эҷодиёти шоирони ин давра

Истилоҳи “шеъри нав”, “шеъри сафед” ё “арӯзи озод” дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар ибтидои асри XX пайдо шуд. Муҳаққиқони адабиёти се кишвари ҳамзабон-Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон дар ин бора иттифоқи назар доранд, ки сабки нав дар пайи таҳаввулоти азими саноатӣ ва зуҳури андеша ва мактабҳои ҷадид дар Аврупо ва баъдан андешаҳои инқилобии Русия вориди кишварҳои Машриқзамин шудааст. Ба далели наздикии ҷуғрофиёӣ аввалин кишвари Шарқ, ки таҳти таъсири андешаҳои таҷаддудгароии ғарбӣ қарор мегирад Туркияи Усмонӣ буд ва мавҷи дуюми ин ҷараён ба Эрон ва дигар кишварҳои арабӣ нуфуз мекунад. Мардумони Осиёи Миёна бо каме таъхир умдатан аз тариқи Русияи подшоҳӣ, Тотористон ва Туркия таҳти таъсири ин ҳаракат қарор мегиранд. Ҷараёни навгароӣ ба сабаби наздикӣ ва вуҷуди имконоти бештар ва бистари муносиб дар Эрон иқболи бештар пайдо мекунад ва дар натиҷа шеъри нав ба номи Нимо Юшиҷ-шоири номовар ва навпардози ин кишвар сабт мешавад.

Бинобар ин муҳаққиқони эронӣ бо назардошти ҳамин вижагиҳо Ниморо ҳамчун бунёдгузори шеъри нави форсӣ эътироф кардаанд ва ашъори парокандаи дигар шоирони пешгоми навгароиро ба унвони муқаддимаи шеъри нав қабул доранд. Қобили зикр аст, ки шеъри нав дар Эрон ба осонӣ мавриди пазириши мардум қарор нагирифтааст, балки ин амр дар пайи шурӯи баҳсҳои шадиди назарӣ дар миёни маҳофили адабии

кишвар, иродаи қотеъ ва истеъдоди халлоқи шоирони навпардози ин хитта оҳиста-оҳиста мавриди истиқболи оммаи мардум қарор гирифтааст. Нимо дар муқаддимаи “Афсона” дар мавриди сохмони шеъри худ менависад: “Ин сохтмон, ки “Афсона”–и ман дар он ҷо гирифтааст ва як тарзи муколамаи табиӣ ва озодро нишон медиҳад, шояд барои дафъаи аввал писандидаи ту набошад ва шояд ту онро ба андозаи ман написандӣ. Агар баъзе сохтмонҳо, масалан маснавӣ ба воситаи вусъати худ дар шарҳи як саргузашт ва ё васфи як мавзӯъ ба ту каме озодӣ ва раҳоӣ медиҳад, то битавонад қалби ту ва фикри ту бо ҳар зарбати худ ҳаракате кунад, ин сохтмон чандин баробари он воҷиди ин навъ мазият аст” [191, 101].

Ҳарчанд ки нишонаҳои заифе дар мавриди талоши шоирони тоҷик дар ибтидои асри бист барои сурудани шеъри нав ба назар мерасад, аммо ҳамчунин таҳаввуле шабеҳи он чи дар Эрон перомуни зуҳури шеъри нав иттифоқ афтод, дар миёни шоирони тоҷик мушоҳида нашудааст. Гузашта аз ин, баҳси шеъри нав дар адабиёти тоҷик, ки баъд аз пирӯзии Инқилоби Октябр матраҳ шуд ва ба далоили мухталиф идома наёфт, хориҷ аз баҳси тахассусиест, ки дар Туркия ва Эрон матраҳ буд. Ашъори инқилобие, ки шоирони тоҷик дар пайравӣ аз В.В. Маяковский дар як марҳалаи муайяне ба таври пароканда эҷод карданд ва баъдан худ аз идомаи он даст кашиданд ба ҳеҷ ваҷҳ бо ҷараёни навгароие, ки дар он замон дар Эрон дар ҳоли рушду такомул буд, қобили муқоиса нест. “Дар мавриди фаъолияти ин “навпардозон” устод М. Турсунзода изҳори ақида карда, аз ҷумла гуфтааст: “Дар ёд дорам, солҳое ҳам буданд, ки шоирони ҷавон аз рӯи соддалавҳӣ ҳама худро “пайрави Владимир Маяковский” эълон карданд. Дар шеърҳои онҳо на вазн боқӣ монду на қофияи оҳангдор. Онҳо дуруст намефаҳмиданд, ки бо шикастани вазнҳо ва ба зинаҳо бемавқеъ тақсим кардани мисраҳо шеъри нав, ё дурусттарашро гӯем, Маяковскии дигаре ба амал намеояд” [53, 133].

Агар ҷараёни навгароӣ дар шеъри тоҷик замина ва собиқаи табиӣ медошт, бидуни шак баъд аз пирӯзии инқилоб ин гароишҳо ба самар менишаст ва мо бо сабки ҷадиди шеър ба маънои як системаи комили зебоишиносӣ даст меёфтем, зеро дар он марҳала давлати тозатаъсиси Шӯравӣ худ хоҳони офаридани осор ба сабку шеваи ҷадид буд ва бешак аз ин гуна ҷараён пуштибонӣ мекард. Бинобар набудани ҳамин пешзамина 40 сол тӯл кашид то шоирони тоҷик дар соли 1960 ба шеъри нав ба унвони сабки ҷадиди шеърӣ дар адабиёт рӯй оваранд.

Дар миёни шоирони шӯравии тоҷик Муъмин Қаноат аз ҷойгоҳи вижа бархӯрдор аст, зеро падидаи навгароӣ ва ҷунбиши бедории фикрӣ дар адабиёти нимаи дуюми қарни ХХ ба фаъолият ва осори ӯ марбут мебошад. Муъмин Қаноат бо сабк ва салиқаи хос ё худ мутафовит аз суннати роиҷ дар замони худ вориди адабиёт шуд. Аксари муҳаққиқон бар пештоз будани Муъмин Қаноат дар эҷоди таҳаввули тоза дар адабиёти нимаи дуюми асри ХХ-и Тоҷикистон иттифоқи назар доранд. Профессор Р. М. Қубодиёнӣ дар ин замина менависад: “Дар даҳаи 1950 адабиёти шӯравии тоҷик ҳеҷ чизи ҷолибе надорад: ҳамон вазну қофияи ҳазорсола, ҳамон ситоишҳои забонзадаи ҳизбӣ, бартарии кишвари Шӯравӣ ва бузургии халқи рус ва... Миёни зумраи шоирони ҷавон (ҳамчун Ғаффор Мирзо, Файзулло Ансорӣ, Мастон Шералӣ, Муҳиддин Фарҳат, Қутбӣ Киром, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулҷеҳра Сулаймонова, Мавҷуда Ҳакимова, Басир Расо, Ашӯр Сафар, Убайд Раҷаб...) Муъмин Қаноат бо табъе кӯшо ва қалбе ҷӯё мумтоз гашт” [180, 170].

Шеъри Қаноат як навъ синтези шеъри муосири рус ва шеъри нав дар Эрон аст. Сохтмони бархе ашъор ва достонҳои Қаноат ба шеваи нигориши П. Сулаймонӣ ва шеъри зинадори ӯ, ки дар пайравӣ аз Маяковский менавишт, шабоҳат дорад. Адабиётшиносони тоҷик шеъри “Марав қӯи сафед”-и Қаноатро оғози таҳаввулоти тоза дар адабиёти нимаи дуюми асри 20-и тоҷик медонанд.

Бозор Собир аз шоирони навпардози ин давра муътақид аст, ки маҳз аз солҳои 1960 ба баъд шоирони тоҷик ба шеъри нав рӯй овардаанд. Вай зимни гуфтугӯ бо Милан Токар (M. Tokar) гуфт: “Аз солҳои даҳаи шаст ба шеъри истилоҳан нав даст ёфтем, ки аз шеъри қоидаёфтаи пешин ҷудо мешавад ва монанди он пойбанди арӯз ба масобаи танҳо шакли ифодаи шеър нест. Дар гузашта шоир тобеи шакл мешуд, имрӯза шакл аз шоир табаият мекунад” [148, 217].

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ бо истинод ба “Тазкори ашъор”-и Садри Зиё ҳарчанд муътақид аст, ки истилоҳи “шеъри нав” дар адабиёти тоҷик дар ибтидои асри ХХ мутадовил шудааст, аммо ба унвони як сабки шеърии ҷадид танҳо дар солҳои 60-ум дар миёни шоирон тоҷик марсум гардид: “Солҳои шасту ҳафтод ва баъд шеъри нав, арӯзи озод, шеъри сапед, шеъри бевазн ва беқофия дар адабиёти тоҷикӣ роҳи худро ёфт, анвои шеър ва имконоти фикри ҷӯяндаи шоирон афзӯд ва диди вижаи шоирона тақвият ёфт” [219, 105-118].

Ба назари аксари адабиётшиносон падидае, ки дар раванди тағъйиру таҳаввулоти тоза дар адабиёти нимаи дуюми асри ХХ асаргузор буд, эъзоми гурӯҳе аз аҳли адаб ва ҳунарӣ тоҷик ба Афғонистон ба ҳайси мутарҷим ҳамроҳи мутахассисони шӯравӣ мебошад. Тайи ин сафарҳо бештари мутарҷимони тоҷик, ки худ шоиру нависанда ва рӯзноманигор буданд барои аввалин бор аз наздик ба манобеи адабӣ ва ҳунарии ҳамзабонони худ дастрасӣ пайдо карданд.

Ин фурсати муғтанам дубора алоқа, эҳсосот ва гароиши онҳоро ба гузаштаи хеш бедор кард ва табъан дидгоҳашон дар мавриди бисёре аз масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи худ дигаргун шуд. “Аз даҳаи шашуми мелодӣ, гурӯҳе аз аҳли қалами тоҷик ба унвони мутарҷими русӣ ба Афғонистон рафтанд ва дар зимн бо муҳити адабии Афғонистон, ҳамчунин ғайримустақим бо муҳити адабии Эрон низ ошно шуданд ва дар

бозгашт осори адабии ин кишварҳоро бо худ ба Тоҷикистон оварданд” [180, 19-20].

Ин ҳодиса бетаъсир намонд ва оҳиста-оҳиста шоирон ва нависандагони тоҷик бархе навовариҳо дар сабк ва муҳтавои осори худ ворид карданд. Ба навиштаи М. Шакурӣ “Аз даҳаи шаст робитаи адабии Тоҷикистон бо Эрону Афғонистон андаке ҷон гирифт; шеъри нав аз Эрон омад. Истилоҳи “Шеъри нав” шояд ба сабаби ин ки “Тазкори ашъор”–и Садри Зиё чоп нашуда буд; дар Тоҷикистон то он вақт ба кор намерафт ва робитаҳои рӯзафзуни адабӣ дар солҳои шаст онро дубора зинда кард” [219, 105-118].

Падидаҳои дигари таъсиргузор дар заминаи таваҷҷуҳи шоирони ин давра ба шеъри нав баргузории ҷашни 1100- солагии устод Рӯдакӣ дар Тоҷикистон дар соли 1958, тарҷумаи баъзе осори манзуми шоирони ҳамзабон ва барқарории иртиботи мустақим ва ғайримустақим миёни адибони форсизабон буданд.

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти боло метавон ба натиҷа расид, ки шеъри нави Тоҷикистон умдатан аз шеъри Эрон таъсир пазируфтааст, на Русия, зеро агар шеъри тоҷик таҳти таъсири шеъри русҳо қарор мегирифт, дар тӯли 40 соли гузашта шоирони тоҷик ҳоло ба як сабку баёни собит ва пазируфташуда даст меёфтанд. Дар ин бора профессор Худойназар Асозода менигорад: “Агар (шеъри нав) дар муҳити фарҳангии Эрону Афғонистон дар даҳ соли аввали асри XX мавҷудият дошта бошад, дар адабиёти форсии тоҷикӣ, дертар, яъне солҳои 60-ум арзи вуҷуд намудааст, ки ҳатман дар ин бахш таъсири шеъри нави Эрону Афғонистон барои шеъри нав дар адабиёти тоҷик мусоидат намудааст” [52, 132].

Яке аз далоили муҳиме, ки то кунун муҳаққиқон ба он камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, гароиш ва алоқаи шадиди тоҷикон ба фарҳанги гузаштаи хеш аст. Ин дилбастагӣ ё худ вобастагии мардуми тоҷик ба суннат ва арзишҳои волои миллии хеш дар соҳаи адабиёт ба таври

барҷаста инъикос ёфтааст, бинобар ин ҳеҷ як аз таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии рухдода дар қарни ХХ барои тоҷикҳо чандон ҷолиб набуд. Равшанфикрони тоҷик таҷаддуд ва пешрафтро ба шарти ҳифзи суннат ва арзишҳои миллӣ ва мазҳабии хеш қабул доранд. Аз ин рӯ, дар замони таҳаввули ҷадид, ки баъди маҳкумияти шахспарастии сталинӣ дар Шӯравӣ падид омад, шоирони тоҷик бар асоси ҳамин таассуб сабки шеъри навро аз шоирони ҳамзабони эронӣ бо назардошти махсусиятҳои ҷомеаи худ қабул карданд ва аз он пайравӣ намуданд.

Нуктаи муҳимми дигар дар ин робита ин аст, ки шеъри нав дар солҳои 60-ум ба ҳеҷ ваҷҳ ба унвони як падидаи ғолиб дар адабиёти тоҷик матраҳ набуд, балки шоирони ин давра барои баёни андешаҳои хеш аз дигар қолабҳои шеъри форсӣ ба таври фаровон истифода мекарданд. Аз ин ҷост, ки шоирони ҷавони солҳои 60-ум на аз сабки нимоӣ, балки аз сабки нима суннатӣ бо гароиши навгароёнаи Н. Нодирпур пайравӣ мекарданд. Ба қавли Муҷиби Меҳрдод пажӯҳишгари шеъри тоҷик дар Афғонистон: “Шеъри Тоҷикистон ин бозгаштро дар басо маворид ба тамомӣ анҷом дод ва як бори дигар дар доми шеъри классик гирифтор омад...” [243].

Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки яке аз ҳадафҳои асосии шоирони ин давра бозгашт ба асолати хеш ва эҳёи арзишҳои миллӣ буд, онҳо барои таҳаққуқи ин амр ба дигар анвои шеъри классикӣ рӯй оварданд ва дар он қолабҳо шеър суруданд. Бинобар ин шеърҳои нави шоирон як навъ шеъри шогирдона ва муқаллидона буда, аз назари зебошинохтӣ дурахшиши чандоне пайдо накарданд. Мушоҳидаҳо баёнгари ин нукта аст, ки ҷилваҳои ҳунарӣ дар шеъри муосири тоҷик бештар дар қолабҳои суннатӣ ва пазируфташудаи адабиёти муосири тоҷик ба чашм мехӯранд. Аммо дар шеъри нав ё худ нимоӣ ба далели заъфи забонӣ, истеъдоди шоирони тоҷик чандон шукуфо нашудааст. Ба назари доктор Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ “Заъфи умумии шеъри нимоии Тоҷикистон албатта чизе нест, ки битавон нодида гирифт, дастикам то он миқдор, ки мо ошноем, ҳукм ҳамин аст.

Бидоват, фуқдони ҳисси шеърии жарф, дурушт̄ ва ноҳамвории забон ва беинсиҷомӣ вижагиҳои ошкори он аст, ки умед меравад, аз он фосила бигирад” [201, 221].

Ин ки шеъри нави тоҷик аз назари ҳунарӣ заъиф ба бор омадааст, реша дар мушкилоти забонӣ дорад, зеро забони омиёна зарфият ва тавоноии халқи осори ҳунариро надорад. “Аз нигоҳи Лоиқ камбуди асосии шеъри мо дар солҳои ҳафтодум “харобии забону мантиқ аст... вазни хароб, мантиқи ланг, сактаи қабеҳ, сабки заъиф, зинаҳои бепоя, таркибу таъбироти номутаносиб, саноати берангубор, ифодаҳои бемаънӣ, ташбеҳҳои нодилписанд, истиораҳои нохушоянд, иборапардозиҳои бебунёд, надонистани табиати калима ва ҳиҷо, суннатшиканиҳои бесуннат, истифодаи бемавриди шева, дурушт̄ ва “шутургурбаҳо” дар баён ва ғайра қариб дар шеъри ҳамаи мо дучор меояд” [209, 164].

Эроди дигари ворида ба шеъри сапеди тоҷик набуди истеҳком ва инсиҷом дар маъно ва заъфи сохтори забонӣ мебошад. “Шеъри нави Тоҷикистон-чи Нимоӣ ва чи сапед-ҳанӯз ба истеҳком ва анҷоми шоиста нарасидааст. Аҳамият надодан ба сохтмони шеър боис шудааст, ки баъзе аз шоирони навпардози тоҷик дар шеъри нав ҳам гоҳ ба қолабҳои суннатӣ баргарданд. Тақтеъ ва нигориши пилаконии ашъори суннатӣ ба маънии тавлиди шеъри нав нест. Ин корро танҳо метавон ситез бо қолаби куҳан таллақӣ кард ва на хидмат ба шеъри нав” [173, 233].

Бо вуҷуди ин, шеъри даҳаҳои 1960-1980-и советии тоҷик дар муқоиса бо шеъри ибтидои асри ХХ ва ашъори насли комсомол бо хусусиёти хоси худ, фарқ мекунад. Баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи ин даврароро метавон ба ин шакл номбар кард:

–ҳаракат ба самти истифода аз захираҳои ғании забони модарӣ бо ҳадафи пос доштани асолати забон;

–шикасти қолабҳо ва нормаҳои забоние, ки баъд аз инқилоб дар шеър роиҷ шуд;

–парҳез аз умумигӯйӣ ва таркиботи маснӯии мутадовил дар ашъори хитоба ва таблиғии пешиниён;

–рӯ овардан ба забони шеъри фохири классикӣ ва омезиши он бо забони муҳовараии расмиятёфта дар шеъри инқилобӣ;

–ҷойгузин кардани вожаҳо ва таъбироти шеъри классикӣ ба ҷойи таъбироти сохта ва калимаҳои воридотии бегона;

–дурӣ аз истифодаи калимаҳои хашин дар каломи мавзун ва таваҷҷуҳ ба латофати сухан дар шеър;

–гароиш ба эҳёи жанр ва равияҳои адабии фаромӯшшудаи шеъри классикӣ бо забони муосир;

–пардохтан ба руҳиёт ва отифаҳои фардӣ;

–ғалабаи умед ва ояндагарии миллӣ бар эҳсосоти пучи инқилобӣ;

–ғалабаи андешаву тафаккур ва дарди миллӣ дар шеър бар эҳсосоти фаромиллӣ ва зудгузари сиёсӣ;

–дурӣ ҷустан аз мазмунҳои обшуста, такрорӣ ва шиоргуна;

–авҷ гирифтани лирикаи ошиқонаи романтикӣ ва ватандӯстона;

–тарғиби андешаҳои миллӣ ва ташвиқи худшиносӣ бо ҳадафи эҳёи арзишҳои фаромӯшшуда.

§3.3. Муносибати шеър ба арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ

Воқеият собит кардааст, ки дар ҷомеае, ки нависандагон дар офаридани осори адабӣ аз озодии амали бештар бархурдор бошанд, осори офаридаи онҳо пойбандтар ба усули адабиёт ва боарзиштар аз осори ҳамтоёни худ дар дигар ҷомеаҳо аст. Вазифаи адабиёт фаротар аз баёни воқеият аст. Воқеъгароии ҳоким дар ҷомеаи шӯравӣ ҳаргиз ба маънии инъикоси воқеияти рӯзгори одамони ин кишвари паҳновар набуд, балки ҳамраъйӣ ва таблиғи дархостҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳизби коммунист буд. Сарнавишти Ҷумъа Одина, ки талош кард воқеияти рӯзгори худро ба тасвир бикашад, барои ҳамаи мо ошност. Нависандагони бузурги ҷаҳонӣ

воқеънигориро вазифаи рӯзномаҳо ва гузоришгарони расонаҳои хабари арзёбӣ кардаанд, на рисолати адабиёт. Натали Сарут дар ин бора менависад: “Баёни воқеият кори рӯзноманигор аст, аз навъи санад ва гузориш аст. Ин қаламраве нест, ки кӯшиши халлоқи романнавис маътуф ба он шавад.

Воқеият барои романнавис чизест, ки ҳанӯз шинохта нест ва бинобар ин наметавонад дар суратҳо ва қолабҳои мустаъмал ва ошно дарояд ва ба ибдои шеваҳои тозаи баён ва шаклҳои ҷадид ниёз дорад”. Пол Клӣ наққоши олмонӣ гуфтааст: “Ҳунар маъриро бозгӯ намекунад, балки номаъриро маъӣ мекунад” [193, 85].

Бархе дигар аз нависандагони бузурги ҷаҳон мухолифи таъйини чаҳорчӯби хос барои адабиёт ҳастанд. Ба назари онҳо адабиёт ва ҳунар марз намепазирад, зеро таъйини ҳудуд ба маънии марги адабиёт ва ҳунар аст. Рисолати адабиёт ва фарҳанг марзшиканӣ аст на эҷоди маҳдудият. Ба назари онҳо адабиёт монанди модарест, ки ҳамаи фарзандони худро сарфи назар аз ҳусну қубҳашон яксон дӯст медорад. Ю. Бергер фармудааст: “Адабиёт ба ман эҳсоси зиндагии ҳақиқӣ мебахшад. Китобҳо, вожаҳо ва тасвирҳо зиндагии ҳақиқианд. Адабиёт инқилоб намекунад, сангар намесозад. Адабиёт воқеият нест ва наметавонад бошад ва нотавониаш дар ҳамин аст” [192, 178].

Дахолати аз ҳад зиёди Давлати Шӯравӣ дар умури фарҳанг ва адабиёт анҷоми рисолати адабиро ба мушкил гирифтор карда буд, бад-ин маънӣ, ки ба далели сиёсатзадагии шадид, онҳо ҳавзаи адабиёт ва сиёсатро бо ҳам омезиш доданд ва дар натиҷа адабиёт қурбонии сиёсат шуд. Ба дунболи ин раванд маънавияти ҷомеа рӯ ба таназзул ниҳод ва мардумони огоҳу худшинос барои тағзияи рӯҳӣ ва маънавии худ ба осори нависандагони хориҷӣ рӯй оварданд. Дар ин замина Ҷон Гуитисоло навиштааст: “Ҳангоме, ки озодиҳои сиёсӣ вуҷуд надошта бошанд, ҳама чиз

сиёсӣ мешавад ва тафовут миёни нависанда ва шаҳрванд аз миён меравад” [147, 227].

Албатта, чунин вазъ бархе нависандагони озодандеши ҷомеаи сотсиалистиро ба сутӯҳ оварда буд. Горка Лукоч мутафаккири сотсиалист ва озодандеши маҷористонӣ дар ҳамон замон садои эътирози худро алайҳи коммунизми расмӣ баланд карда буд. Вай дар ин бора менависад: “Ман бо он дастгоҳи идорӣ, ки вазифаи адабиётро таъйин мекунад, мухолифам. Дар замони иқтидори Сталин, ки инҳирофе буд аз равиши марксизм, ман дар гуфтори ақоиди худ диранг накардам. Ман бо озодии нависанда мувофиқам” [147, 104].

Дар воқеъ таҳмили чаҳорчӯби “Реализми сотсиалистӣ” ва “ҳизбияти адабиёт” дар Шӯравӣ ба маънии таъйини усул ва шариатсозии ҷадид барои адибони кишвар буд. Нависандагони рус ба далели доштани огоҳии бештар аз воқеияти рӯз ва равобити густардатар бо адабиёти ҷаҳонӣ дар халқи осори боарзиши адабӣ ва ҳунарӣ тавфиқи бештар пайдо карданд, аммо адабиёти перомун шадидан сиёсӣ буд. Сояи сангини идеология то солҳои ахири фурӯпошии Шӯравӣ дар фазои адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо қудрати тамом барқарор буд. Дар ин даврон милоки арзёбии осори адабӣ ва ҳунарӣ ҳам меъёрҳои сиёсӣ буданд. Фишорҳои сиёсӣ ва дастгоҳи тафтиши ақоид, адабиётро ба як пайкари берӯҳ табдил карда буд.

Парвиз Хонларӣ адабиётшиноси Эронӣ зимни пазириши идеяи тааҳҳуди иҷтимоии адибон дахолати сиёсат дар умури фарҳангро рад мекунад. Ӯ ҳамгомӣ ва ҳамрайъии адабиёт ва сиёсатро ба зиёни адабиёт медонад. Яъне, адиб ба таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии рӯзгори худ набояд бо айнаки сиёсатмадорон нигоҳ кунад. Ба назари Хонларӣ: “Сиёсат амре гузаранда ва нопойдор аст ва ба иқтизои замон тағйир мекунад. Қобилияти таҳаввул ва таносуб ёфтан бо вазъ ва мавқеъ шарти лозими сиёсат аст. Сиёсате хубу дуруст аст, ки чунин бошад, аммо чунин ҳунаре писандида

нест ва агар дар замоне мавриди писанд буд, дар замони дигар ин сифатро нахоҳад дошт” [155, 82-83].

Шоир наметавонад ба масоили рӯзи замонаи худ бетафовут бошад, аммо он ҳаводисро бояд тибқи меъёрҳо ва арзишҳои адабӣ ба тасвир бикашад, на бар асоси дидгоҳи сиёсии ҳоким. Ба назари Муҳаммади Ҳуқуқӣ: “Шеъри воқеӣ ҳаргиз ҷудо аз замонаи шоир набудааст. Мунтаҳо фарқ аст миёни шоире, ки аз роҳи “шеър” мавқеияти худро дар замонаи худ нишон медиҳад ва шоире, ки аз роҳи “шиор” [153, 340].

Сиёсати идеологии Давлати Шӯравӣ дар бахши фарҳанг, қабл аз ҳама бар зарари офарандагони осори адабӣ тамом шуд, зеро ҳар адибе мехоҳад, ки осори ӯ мондагор бошад, аммо чаҳорчӯбҳои танги сиёсӣ ва назорати шадиди давлат аз болои осори адабӣ ва фарҳангӣ дар даврони шӯравӣ ин имтиёзро аз офарандагони адабиёти ин ҷомеа рабуд ва осори камтар касоне аз офати рӯзмаррагӣ дар амон монд. Ба қавли Ж. П. Сартр: “Пеш аз ин шоир худро паёмбаре медонист. Ин ифтихоре буд. Пас аз он шоир малъун ва матруд маҳсуб шуд. Мо намехоҳем, ки аз он чи менависем, шармгин бошем ва моил нестем, ки қалами худро дар хидмати “ҳечу пуч” ба кор андозем” [147, 66].

Ба ҳамин тариқ, бо мутолиаи дидгоҳҳои нависандагон ва шоирони бузурги ҷаҳонӣ ба ин натиҷа мерасем, ки аксари онҳо дахолати сиёсат дар умури адабиёт ва фарҳангро маҳкум кардаанд. Онҳо тааҳҳуд ва рисолати нависанда ва шоирро як амри зарурӣ медонанд, аммо таъкид доранд, мизони тааҳҳуд ва илтизоми адибонро набояд аҳли сиёсат муайян кунад. Албер Камю дар ин бора менависад: “Аз ҳунарманд таваққуъ он нест, ки дар бораи масоили ҷузъӣ чизе бинависад ва на баръакс таваққуъ он аст, ки дар баробари ранҷи дигарон сукут кунад. Мо ба унвони ҳунарманд шояд ниёзе ба дахолат дар масоили қарн надошта бошем, аммо ба унвони башар, чаро. Мо набояд табъи ҳунарии худро фидои хитобаҳои иҷтимоӣ кунем. Бе

вуҷуди фарҳанг ва озодии нисбӣ, ки лозимаи фарҳанг аст, иҷтимоъ ҳарчанд такомулёфта бошад, ҷуз ҷангале нест” [147, 13-14].

Ба ҳамин тартиб, масъалаи дахолати ошкори сиёсат дар умури фарҳангӣ ва адабӣ дар даврони шӯравӣ аз бузургтарин ва ҳассостарин мушкилоти адибону шоирон маҳсуб мешуд. Намунаи эътироз ва ё мухолифати бархе адибони шӯравӣ нисбат ба сиёсатҳои фарҳангии ин кишвар дар тамоми марҳалаҳои мавҷудияти ин абарқудрат ба мушоҳида расидааст, аммо баёни ин гуна эҳсосот баъд аз маҳкумияти сталинпарастӣ дар шӯравӣ бо шева ва равишҳои мухталиф афзоиши бештар доштааст. Адибон ва шоирони тоҷик низ аз ин ноҳия ранҷи зиёде дидаанд. Бо ин васф, танҳо аз солҳои 1960 ба баъд бархе шоирони тоҷик дар ашъори хеш нозукона ва эҳтиёткорона дар бораи баъзе аз мушкилот ва камбудҳои мавҷуд дар бахши фарҳанг изҳори назар мекарданд. Бузургтарин ташвиши шоирони ин давра нигаронӣ аз вазъияти забон ва аз байн рафтани суннатҳои миллӣ буд. Профессор Худоӣ Шариф дар ин бора менависад: “Чунин ба назар менамояд, ки як ҷараёни зериобии камаёни ихтилоф дар масъалаҳои миллият ва сиёсат дар миёни адибони аҳди шӯравии тоҷик мудом мавҷуд будааст. Азбаски миллият манофеи халқеро дар дохили ин давлати бузург ҳимоят мекард, табиатан ба сиёсати умумидавлатӣ мухолифат ё носозгорие дошт” [218].

Дар нимаи дуюми асри ХХ дар канори ҷунбиши бедории фикрӣ бо падидаи дигар рӯ дар рӯ мешавем, ки аз назари муҳтавоӣ мумтоз аст. Ин падида дар ҳақиқат фарзанди ҷунбиши зеҳнӣ аст. Мо ин падидаи адабиро адабиёти эътироз номидем.

Агар дар ибтидои шурӯи ҷунбиши фикрӣ паёмҳо, аҳдоф ва андешаҳои созанда дар қолаби киноя, ишороти пинҳон, истиора, масал ва рӯ овардан ба таҷрибаҳои таърихи гузашта сурат мегирифт, ин раванд оҳиста-оҳиста ошкортар ва ҳадафмандтар мешуд.

Бозор Собир соли 1973 бо навиштани шеъри “Пас аз мо” дар ҳақиқат тамоми идеологияи сотсиалистиро зери суол мебарад, ки баёни ин гуна андеша дар он замон ва дар он муҳит як навъ бутшиканӣ маҳсуб мешуд. Ин шеър аз назари муҳтаво комилан бар хилофи суннати роиҷ дар адабиёти шӯравии тоҷик буд. Порае аз шеъри “Пас аз мо” чунин аст:

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки дасташро ба рӯи шонаи хуршед хоҳад бурд.
Ба мо аҷдодҳои соддааш ҳам фахр хоҳад кард,
Ҳам афсӯс хоҳад хӯрд.
Ки мо ҳам чанд дар дунё
Гаҳе пайғамбарӣ кардем,
Барои худ пайафкандем ҳайкалҳову минбарҳо
Ва дар ҳукми худое зиндагӣ кардем...
Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Замину осмонро мекунад тармим,
Уфуқҳои дигаргун мешавад пайдо
Пас аз мо! [44, 7].

Дар воқеъ муҳтавои шеъри “Пас аз мо” дар таззод бо идеологияи марксистӣ-ленинӣ буд, зеро бар асоси фалсафаи мактаби марксистӣ-ленинӣ, коммунизм охирин марҳалаи форматсияи иҷтимоӣ буда, ҳамаи миллатҳо дар пайи инкишофи вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии худ ногузир ба ин марҳала хоҳанд расид ва дар ҳамин марҳала аст, ки башарият ба хушбахтии воқеии худ даст меёбад. Аммо Бозор Собир шоири шӯравии тоҷик бо тарҳи мавзӯи ҷадид ҳамаи назарияи поягузорони сотсиализм ва коммунизмро зери суол мебарад ва ба қавли онҳо, худро дар муқобили ҷараёни таърих қарор медиҳад.

Осори сиёсӣ ва иҷтимоии Бозор Собирро ба се даста метавон тақсим кард:

1. Ашъори дар мавзӯи таърихӣ ва иҷтимоӣ иншошуда, аммо киноя̆ҳои сиёсие дар онҳо вуҷуд дорад, ки ба мушкилоти замони шоир далолат мекунанд. Шеърҳои “Забони модарӣ”, “Бухоро”, “Ман худамро кушта–кушта”, “Фирдавсӣ”, “Китоби “Тоҷикон”, “Аҳмади Дониш”, “Ғазои Восеъ”, “Духтари деҳқон”, “Пас аз мо” ва ғайра...

2. Ашъори дастаи дуюми сиёсии Бозор Собир шеърҳое ҳастанд, ки ба муносибате эҷод шудаанд, аммо дар онҳо киноя̆ҳои нешдори сиёсӣ ба чашм мехӯранд. Ба ин даста шеърҳое назири “Духтари деҳқон”, “Ёдкарди Ҷумъа Одина”, “Ёдат ба хайр, Муаззама”, “Барои Акбар Турсун” ва ғайра ҳастанд.

3. Ба дастаи сеюм ашъори комилан сиёсии Бозор Собир ба монанди: “Зани тоҷик ва пахта”, “Тифлис”, “Депутат”, “Дар бунёди Растохез”, “Шеъри ғарқи хун”, “Солномаи 1990”, “Коммунист-ҳоҷӣ”, “Бетарафҳоро бironед”, “Қасамия”, “Биё, ба намози баланд бархезем”, “Ҷанги Рустам бо деви сафед”, “Ордро ба хун машӯед” ва ғайра дохил мешаванд.

Аммо вижагии шахсиятии Бозор Собир чунин буд, ки ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ҳамеша бо эҳсоси содаи шоирона бархӯрд кардааст на аз мавқеи як сиёсатмадор, назарияпардози сиёсӣ ё идеологи хушку холӣ. Дидгоҳ ва арзёбии ӯ аз ҳаводиси сиёсӣ агарчӣ решаӣ набуд, аммо содиқона ва бидуни ғараз буданд. Бозор Собир ягона шоири форсизабон аст, ки пас аз муҳоҷират ба Амрико ва ошноӣ бо низоми сиёсии Ғарб танаффури худро ба шиддат аз сохти сармоядорӣ баён кардааст. Демократияе, ки ин шоири эътирозгари тоҷик қаблан, ба он иродат дошт ба сароб табдил шуд. Озодии муфрит, зиндагии сарду хашин, бебандубории ахлоқӣ, набуди отифа ва эҳсоси ҳамнавъӣ дар ҷомеаи сармоядорӣ шоири ҳассоси тоҷикро зуд озурдахотир кард. Вазъияти ҷадид барои Бозор Собир чунон ғайри қобили таҳаммул буда, ки шоирро дубора ба ёди рӯзгори орому осудаи даврони шуравӣ меорад. Ин ҷост, ки шоир аз сари ангезаву эҳсос Давлати Шӯравиро-

беҳтарин давлат, Ҳизби коммунистро-беҳтарин ҳизб ва Ленину Сталинро-беҳтарин шахсиятҳои сиёсии ҷаҳон мехонад.

§3.3.1. Инъикоси мавзӯъҳои воҳид аз диди ҳунари суханварӣ

Сиёсати Давлати Шӯравӣ дар соҳаи фарҳанг ва адабиёти тоҷик куллан харобиовар набуд. Он чи дар бобҳои гузашта ба он ишора шуд, сиёсати хоси тарроҳишуда алайҳи фарҳанг ва адабиёти тоҷик набуда, балки барномаи ҳадафманди идеологии Давлати Шӯравӣ дар баробари тамоми ақалиятҳои миллии ин кишвари паҳновар буд, ки ба таври яксон тавассути дастгоҳҳо ва ниҳодҳои давлатӣ амалӣ мешуд, вале таъсирпазирии фарҳангҳо ва адабиёти ҳамаи ақвоми шӯравӣ дар баробари ин сиёсати воҳид яксон набудааст. Ҳамчунон, ки нури хуршед ба ҳамаи ашё яксон метобад, аммо ашё ба қадри истеъдоди фитрии худ аз он таъсир мепазиранд. Сиёсати фарҳангии Давлати Шӯравӣ бо назардошти зарфиятҳо, мавқеияти ҷуғрофиёӣ, имконоти дохилӣ ва вижагиҳои равонии ҳар қавм дар онҳо таъсири мутафовите бар ҷой гузоштааст. Ин сиёсат ҳамон қадр ки барои миллатҳои дорои таърих ва тамаддуни қадимӣ харобиовар буд, барои бархе қавмиятҳои заиф шояд ҳам созанда буд. Роиҷ шудани бархе анвои адабӣ ва ҳунарӣ монанди роман, повест, очерк, драманависӣ, фелетон, санъати чоп, рӯзноманигорӣ, навъҳои тозаи ҳунарӣ чун театр, оперо, балет ва ғайра аз дастовардҳои фарҳанг ва адабиёти тоҷик дар даврони шӯравӣ маҳсуб мешаванд. Аз назари сиёсӣ ташкили Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон барои шаклгирии андешаву арзишҳо ва эҳёи ғурури миллии тоҷикон дар як сатҳи муайян дорои аҳамияти вижа буд. Хадамоти Давлати Шӯравӣ дар Тоҷикистон аз назари иҷтимоӣ бештар аз дигар бахшҳо машҳуд аст. Билохира давлати мустақили Тоҷикистони имрӯза бо ҳама зерсохтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мероси боқимондаи шӯравии собиқ аст. Ба қавли профессор Худоӣ Шариф: “Ҳаёти ҳафтодсолаи халқро мавҷудияти кур-куронаи роҳи номатлуб ва ғалат пиндоштан дуруст нест. Қариб ду насли тоҷикон ҳаёти худро барои ободии

кишвари азими Шӯроҳо ва сарзамини худ сарф кард, ободиҳо дар шаҳру деҳот, коргоҳҳо, тариқи нави кори деҳқонӣ, маориф ва фарҳанг ба вуҷуд овард” [226, 48].

Мутаассифона, асри XX дар маҷмӯъ, қарни ситез ва ҷадали андешаҳо буд. Ин офати азим саросари ҷаҳонро фаро гирифта буд.

Алберт Камю дар ин замина менависад: “Зиндагӣ бидуни гуфтушунид мумкин нест ва имрӯз дар қисмати аъзами ҷаҳон ҷои гуфтушунидро ҷадал гирифтааст” [193, 228].

Ин нукта қобили тааммул аст, ки ба далели дахолати дастгоҳи сиёсӣ ва идеологии ҳизби коммунист дар раванди эҷоди осори адабӣ, дар адабиёти шӯравӣ як маҷмӯаи собит аз мавзӯъ ва мазмунҳои бо ҳам шабеҳ шакл гирифт. Адабиёти шӯравии тоҷик ҷузъе аз ин шабакаи воҳид буда, аз ин қоида истисно нест. Монандии муҳтаво ва мазмун дар адабиёти ин давра барои зеҳни хонанда малолатовар аст. Дар ин адабиёт фақат ному шахсияти нависандагон мутафовит аст, аммо муҳтаво ва мазмуни осор бисёр ба ҳам монанд мешавад. Ин мавзӯъҳоро ба осонӣ метавон дастабандӣ кард:

–Ашъори дорои собиқаи таърихӣ-миллӣ, ки шоир дар ҷустуҷӯи ҳувияти гумшудаи хеш мегардад;

–Мавзӯи зан-модар;

–Васфи Ватан ва табиат;

–Ёди айёми кудакӣ ё худ бачагии шоир;

–Ошиқонаҳо;

–Мавзӯи ҷангу сулҳ;

–Мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ.

Воқеият ин аст, сарфи назар аз фишору маҳдудиятҳои идеологӣ, шоирону нависандагон бо ҳар роҳу равиш барои халқи осори ҳунарӣ талош мекарданд. Бархе нависандагони номдор бо ҳадафи ҳифзи осори худ аз таъсири идеологӣ ва рӯзмаррагӣ бо равишҳои гуногун заминаи мондагории

осори худро фароҳам мекарданд. Адибони тоҷик барои офаридани осори худ аз назари шакл ва қолаб мушкилӣ надоштанд, аммо маҳдудиятҳои идеологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мавҷуд дар низоми шӯравӣ рӯҳи озодагӣ ва бадеияти ин осорро камранг мекард. Бо вуҷуди ин аз солҳои шастуми асри XX шоирони тоҷик бо таваҷҷуҳ ба ошноии онҳо бо шеъри нави роиҷ дар кишварҳои ҳамзабон ва таъсирпазирӣ аз шеъри ҷаҳонӣ, ки тавассути тарҷумаи ин осор вориди ҷомеаи тоҷик мешуд ба аносири бунёдии шеър, монанди хаёл, тасвирпардозӣ ва шеваи корбурди забон ба рангомезии осори худ пардохтанд. Дар оғози ин марҳала талошҳои Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ натиҷаи дилхоҳ ба бор оварда.

Муъмин Қаноат бо навиштани як даста ашъор дар шакл ва муҳтавои мутафовит бо суннати роиҷ дар адабиёти шӯравии тоҷик дар миёни шоирони нимаи дуввуми қарни XX ҳаракати тозае эҷод кард. Шеърҳои “Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ”, “Марав, қуи сафеди ман” ва “Ману шабҳои бехобӣ”-и Қаноат дар фазои қолабии шеъри тоҷик ғулғула ва таҳарруки тоза барангехтанд. Ин ашъор аз назари шакл, муҳтаво, хаёлангезӣ ва тасвирпардозӣ падидаи нав маҳсуб мешуданд. Барои намуна шеъри “Ману шабҳои бехобӣ” чунин оғозу анҷом дорад:

Ба ёди мӯи шабранги ту
Шабро то саҳар бурдам,
Нанолидам
Агарчи умри булбулро ба сар бурдам.
Сарам дар бистари қу,
Гӯӣ дар гирдоб меғӯтид,
Ки шояд дар лаби дарё
Туро ёбам тани танҳо
Бигӯям бо лаби хомӯш дар гӯшат
Диламро, достонамро,

Супорам дар таҳи боли ту ҷонамро…

Бирафтӣ, монд афсона

Ҳамон болин, ҳамон хона

Туву шабҳои маҳтобӣ,

Ману шабҳои бехобӣ [43, 100-101].

Сохтор, банду басти маънӣ, унсури хаёл ва тасвир дар ин шеър чунон бо ҳам созгор афтодаанд, ки ҳазфи як байти он ба маънии фурӯ рехтани як сохтмон аст. Корбурди мувофиқ ва муносиби “масолеҳ”- и ҳунарӣ монанди мантиқ, забон, муҳтаво ва шакл дар ин шеър ҳусни онро дучандон афзудааст.

Корбурди дурусти маҳорати шоирӣ ҳатто дар мавзӯъҳои мушаххас ва ҷузъии зиндагӣ, шеърро хонданӣ ва дилнишин мекунад. Лоиқ бо истифода аз унсури хаёл ва тасвир айёми бачагии хешро бисёр зебо ба тасвир кашидааст:

Баччагиям бекасу танҳо гузашт,

Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,

Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.

Дар сари санге ҳама рӯз интизор,

Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,

Баччагиям бо қатори турнаҳо якҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар рӯди маст,

То бияфтад моҳии тилло ба даст,

Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт [23, 38].

Ҷолиб аст, ки ҳар пораи ин шеър ба танҳои истиқлоли маъноӣ ва сохторӣ дорад. Пораҳои баъдӣ аз назари мантиқ такмилкунандаи якдигар ҳастанд. Шоир бо маҳорати баланд дар ҳар банди ин шеър лаҳзаҳои ширини баччагии худро ба тасвир кашида, дар баёни мавзӯи мавриди назари хеш муваффақ гардидааст. Бояд эътироф кард, ки тавоноии Лоиқ

дар сурудани ашъори ошиқона дар шакли ғазал, чаҳорпора ва рубоиву дубайтӣ бештар шукуфо шудааст. Вай бо такя ба ҳамин тавоноиҳои фардии худ бештарин хонандаро дар нимаи дуюми асри XX барои ашъори худ ҷалб карда буд.

Баъзе падидаҳо дар зиндагии инсон таъсири муштарак мегузоранд. Бисёр ҳолатҳое дар зиндагии воқеӣ рух медиҳанд, ки одамони оддӣ дар баёни онҳо оҷиз ҳастанд, аммо шоир бо қудрати тахайюл, отифа ва бо истифода аз дигар маҳоратҳои адабӣ онҳоро лаззатбахш ва таъсиргузор мекунад. Барои мисол ба ин шеъри Лоиқ, ки мавзӯи он барои ҳамаи инсонҳо ошност, диққат намоед:

Баъди чанде, ки басо об зи сарҳо гузарад,
Баҳри ту хотирае беш нахоҳам будан.
Гар аз он манзараҳо гоҳ- гаҳе ёд кунӣ,
Пораи манзарае беш нахоҳам будан.

Байни кӯҳу дараҳо чун биравӣ сайри баҳор,
Гули бодом бубиниву маро ёд кунӣ.
Зери он шаршара оӣ, ки маро медонист,
Даст бар гарданаш андозию фарёд кунӣ [23,39].

Пардохтан ба мавзӯъҳои хос ва мушаххас аз вижагиҳои шеъри даврони шӯравии тоҷик аст, ки дар натиҷаи ошноӣ бо адабиёти рус ва ҷаҳон ба даст омадааст. Касрати мавзӯъ ва истифода аз қолабҳои гуногуни шеърӣ аз дигар тозагиҳои шеъри муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Бо ишора ба ҳамин хусусиёт Нимо Юшиҷ-бунёнгузори шеъри нави Эрон дар мавриди шеъри муосири Тоҷикистон гуфтааст: “Тоҷикҳо хеле аз афғонҳо ҷилавтаранд. Дар адабиёти афғонӣ ба далели таъсирҳои хориҷӣ баъзе мавзӯъҳои тозае ҳаст, ки шуарои он сарзамин натавонистанд бо баёне, ки дархури он бошад, он мавзӯъҳоро баён кунанд, дар сурате, ки дар адабиёти форсии баёншудаи тоҷик, матлаб иваз мешавад. Ҳарчанд ки аз лиҳози

ҳунарӣ адабиёти он сарзамин самараи норасест, ки саъй дорад, то дар баёни худ муваффақ шуда бошад, аз ҳайси мавзӯъ қобили тавақҷуҳ аст” [196, 78].

Бинобар ин, бо тавақҷуҳ ба вазъияти мавҷуд дастовардҳои шоирони даврони шӯравии тоҷик дар эҷоди шеър бо забони омиёнаи халқӣ, як навъ муъҷиза аст. Эҷоди осори адабӣ бо забони омиёна баёнгари нубӯғ ва халлоқияти шоирони шӯравии тоҷик аст. Ин вазъиятро Гулрухсор дар порае, ки мазмуни сиёсӣ дорад, бо бадеият ва назокати шоирӣ ба хубӣ ба намоиш мегузорад:

Дар ҳисори нотавонӣ нотавон шуд нанги ман,
Гирди чашми номуродӣ гул кунад ожанги ман.
Бас накардам нағмапардозӣ ба сози дигарон,
Аз ғами танҳоӣ таркад оҳ дар оҳанги ман [49, 201].

Таъбири “таркидани оҳ дар оҳанг”-и шоири озода бисёр шоирона ва зебост. Дар шеъри поин низ Гулрухсор воқеияти содда, вале ҷолиберо аз зиндагӣ ба тасвир кашидааст:

Ду соя
Бо ману бе ман равон аст,
Яке пиронасар,
Дигар ҷавон аст.
Ду соя,
ду шабаҳ,
ду хеши душман,
Яке рафта,
Дигар ояндаи ман [49, 303]

Гулрухсор дар ин шеъри кӯтоҳ ду марҳалаи мутаззоди зиндагии инсонро ба соя ташбеҳ мекунад. Гузашта ва оянда ду гавҳаре ҳастанд, ки дар ихтиёри инсон нестанд, бинобар ин ташбеҳи онҳо ба соя дақиқ ва моҳирона аст. Аз сӯйи дигар ҷамъ кардани ин ду гавҳари мутаззоду ноёб дар як ибораи

“ду хеши душман” бисёр дилнишин ва созгор афтодааст. Забони шеър ба шоир имкон медиҳад, ки бо диққати хос ба зиндагӣ, ҷаҳони тозае биофаринад.

Дар миёни шоирони нимаи дуюми асри XX Бозор Собир аз назари корбурди ҷилваҳои ҳунарӣ дар шеър мумтоз аст. Бозор дар воқеъ завқ ва диди амиқи шоирона дорад. Ӯ беш аз дигарон ба ҷилваҳои ҳунарӣ дар шеър таваҷҷуҳ кардааст. “Бозор Собир аз оғози фаъолияти худ аз шоиронест, ки аз эҳсоси бисёр қавӣ ва назаргоҳи ангезаёфта нисбат ба инсон ва ҷаҳони ҳастӣ бархурдоранд; барои инон шеър ҷавлонгаҳи фалсафаи зиндагонии инсонӣ аст. Шеъри ӯ муттасиф ба навоварии бориз дар шакл аст” [148, 218].

Яке аз тавфиқоти Бозор Собир ин буда, ки аз оғоз ба шеър бо диди ҳунарӣ нигаристааст. Бозор Собир, ки аз ӯ ба унвони шоири эътирозгар ёд кардем, ашъори латиф ва тасвири ғайримаъмулии зиёд дорад. Бештари тасвири вай дар мавриди шабҳои маҳтобӣ, манзараи русто ва табиати бикри кӯҳистон аст.

Ду чашмаш дар шаби мӯяш,
Чу чашми гург равшан буд,
Шаби мӯяш чу шабҳои зимистон хилвати ман буд.

Шоир дар ин шеър наққошӣ кардааст. Нақши хеле зебо, нафис, латиф ва шоирона офаридааст. Дар ин шеър, ки “Гург ва барф” ном дорад, тасвирҳои зебоӣ нотакрор ба монанди: “танаш чун барфи навборида”, “паи дандон”, “саҳаргоҳон чу нақши пои гургон”, “шаби мӯяш”, бозии “гурги чилла” бо “барфи андомаш”, “хорбанди мижжа” ва “занҷири нигоҳ” истифода шудаанд, ки ҳама бикр ва шоиронаанд. Бозор Собир дар пораи охири ин шеър ба авҷи тасвирпардозӣ мерасад:

Дигар ман мекашам як умр занҷири нигоҳашро,
Ба монанди қалам дар хат,
Ки ҳар дам мекашад занҷири пояшро.

Чунин умқи нигоҳ ва таваҷҷуҳи нозук ба ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ аз ҷониби Бозор Собир воқеан тасхиркунанда аст.

Инъикоси манзараи русто дар шеъри Бозор бо тасовири нотакрор пайваста ба чашм мехӯрад. Ҳар кӣ ашъори ӯро мутолиа кунад, фикр мекунад, ки шояд шоир тамоми умр дар русто зиндагӣ карда бошад. Мо шоирони рустонишин ё сокини вилояту ноҳияҳо зиёд дорем, аммо чунин тасвирҳои зебо ва чунин истифодаи воло аз суннатҳои маҳаллиро дар ашъори онҳо камтар мебинем.

Мурғҳоро дар ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро бурида,
Подаҳои бодҳояш сабзаву гулро чарида,
Тирамоҳи тира бар кӯям расида.

Селаи гунҷишки тар
Дар зери борон мезанад пар,
Ашки борон мечакад аз мижаи сабзи санавбар,
Ҳамчу аз мижгони духтар [11, 20].

Дар ин банд таъбирҳои “тӯри борон”, “ҷомаи дарахт” ва “подаи бодҳо” тасвирҳои тозаест, ки хоси ин шоири ҳассос ва бозавқи тоҷиканд. Ё худ:

Қатраҳо аз шишаҳои хонаи ман метарованд,
Мерасад ин лаҳза чашми модари пирам ба хотир.
Ҳар қадар обе, ки ӯ дар зиндагонӣ хӯрда буд,
Зиндагӣ баргашта онро рехт аз чашмонаш охир [11, 20].

Алиасғари Шеърдӯст муҳаққиқи эронии шеъри муосири тоҷик менависад: “Устод Бозор Собир ба маънии шоирона эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ӯ тасвири шоиронаро ба манзалаи ҷони шеър медонад” [44,5].

Тасвирҳои Бозор Собир танҳо тасвири хушку холӣ ва суханбозии бемаъно ё худ аз назари мантиқӣ беиртибот нестанд. Тасовири офаридаи ӯ бори сангини ҳунарӣ ва ҳатто сиёсиву иҷтимоӣ доранд.

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор,
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр. [11, 26]

Шоир дар ин банд “чаппагардон шудани косаҳои чашм”-ро дар иртибот бо боди Файзобод меорад, ки ҳам зоҳиран ва ҳам мантиқан мувофиқ афтодааст. Тавре ки зикр кардем, дар шеъри Бозор деҳ ва тасвири марбут ба манзараҳои деҳ инъикоси фаровон дорад. Бозор ҳамчунин зимни ба бозӣ гирифтани калимаҳо ва такрори ибораву таъбирҳои дилнишин ба шеър ҳусну таровати тоза мебахшад. Ӯ санъати такрорро дар ашъораш ҳунармандона ба кор мегирад:

Борони найсон мезанад дар боғҳо, дар боғҳо,
Сар то ба по гул кардаам аз доғҳо, аз доғҳо,
Ин лаҳза борон асту ман, борони найсон асту ман,
Дар зери борон ҳар тараф як нахли гирён асту ман.

Охир туро якто кунам, якто кунам, якто кунам.
Дар ҷои ҷонам ҷо кунам, дар ҷои ҷонам ҷо кунам.
Аз мӯӣ то зонуи ту як мӯ набахшам бар касе,
Аз хоки поят заррае дору набахшам бар касе [11,156].

Такрори калимаву ибораҳо дар ин шеър на танҳо шакл ва ҳусни шеърро коҳиш надодааст, балки боиси тақвияти маънӣ ва мантиқ ва дилнишинтар шудани шеър шудааст. Диди Бозор Собир ба табиат, зиндагӣ ва муҳити атрофи худ амиқ ва корбурди ҷанбаҳои пинҳони перомун дар шеъри ӯ фавқулода аст. Бояд эътироф кард, ки аз назари бархӯрди шоирона ба ҳаводис ва падидаҳои табиат ва тасвири онҳо дар шеър Бозор Собир аз

қавитарин шоирони нимаи дуюми асри ХХ-и Тоҷикистон аст. Ҳатто дар ашъори сиёсӣ ва таърихии ӯ тасвирҳое вуҷуд дорад, ки аз назари ҳунарӣ шигифтангез мебошанд. Барои намуна як банд аз шеъри “Ғазои Восеъ”-ро мисол мезанем:

Пираш баромад аз дара бо риши ҳамчун шаршара,
Ҳамчун миёни дарзааш деҳқон миёнашро бубаст.
Қошуқтарошашро набуд фарқ аз тароша он қадар.
Қошуқтарошаш низ ҳам бо як тароша зуд хест.

Ҳатто ятими лучакаш афшурд мушти кучакаш,
Ҳатто баромад мурдааш чӯби сари гӯраш ба даст.
Бархост, яъне мардуми берахт бо шохи дарахт,
То тахтро яксон кунад, яъне кунад бар хок тахт... [44, 298]

Шоир дар ин шеър шоир дар ҳақиқат наққошӣ кардааст. Бо хондани ин пораҳо, ба ғайр аз дарки мазмуни мавриди назари шоир ҳамчунин тасвири видеоии қиёми Восеъ низ дар пеши чашми хонанда ҷилвагар мешавад. Таъбирҳои “риши ҳамчун шаршара”, “бастани миён ҳамчун дарза”, набуди фарқи “қошуқтарошу тароша” қиёми “ятими лучак бо мушти кучак” ва ташбеҳи “мардуми берахт”-у бенаво ба “шохи дарахт” ҳама тасвирҳои нобу тоза ҳастанд. Гузашта аз ин, таъбири “баромадани мурда бо чӯби сари гӯраш” барои мубориза бо золимони давр дар таърихи адабиёти форсу тоҷик беназир аст. Ҳатто дар шеъри Афғонистону Эрон чунин таъбири ғайримаъмулӣ ба чашм намехӯрад. Ин намунаҳо баёнгари қудрату тавоноии шоир ва халлоқияти ӯ дар офаридани осори адабӣ мебошад. Албатта ҷилваҳои ҳунарӣ дар ашъори дигар шоирони нимаи дуюми асри ХХ-и шӯравии тоҷик мушоҳида мешавад, аммо дар симои ҳамин чаҳор шоири пешгоми ин давра мавзӯъро хулоса мекунем.

Мушоҳидаҳо баёнгари ин нукта аст, ки ҷилваҳои ҳунарӣ дар шеъри муосири тоҷик бештар дар қолабҳои суннатӣ ва пазируфташудаи адабиёти

муосири тоҷик намоён шудаанд. Аммо дар шеъри нав ё худ нимоӣ ба далели заъфи забонӣ, истеъдоди шоирони тоҷик чандон шукуфо нашудааст. Бо вуҷуди талошҳои содиқонаи шоирони нимаи дуюми асри ХХ барои раҳо кардани адабиёт аз чанголи хашини сиёсат ва ҷуброни заъфҳои гузашта, боз ҳам ба далоили гуногун, бахусус, маҳдудиятҳои замон, шеъри ин давра бо мушкилоте рӯ дар рӯ буд. Ба қавли Саъиди Ҳушангӣ-муҳаққиқи эронӣ “бо диде фаронигар метавон гуфт сарфи назар аз осоре, ки дар гузари ин солҳо ба зуҳур даромадаанд, дигар осор костиҳои боризеро ба дӯш мекашанд, ки бидуни тардид осеби захми дерсоли буридан аз арзишҳо ва фазоҳои фикрии ҳоким бар шеъру адаби имрӯз аст, чунон ки шеърҳо гоҳ суратҳое аз ин костиҳо ба назар меоянд: насрҳои шиоргуна, пардохтҳои бепуштивонаи фикрии қавӣ, нигаришҳои навпардозона бо вуҷӯҳе тасбитнаёфта ва бе пешина, муҳтавоҳои берамақ ва ҳатто дерёб ва пурдиранг, ҳолу ҳавои хушку берӯҳи ҳоким бар каломи шеър, хатоҳои фаннии комилан ошкор, гароиши сирф ба сохтмони табии ва гуйишии забон, содагӯӣ, такя бар андешаҳои оддӣ ва на чандон дур аз одат ва...” 230, 68].

Нуктаи ҷолиб дар бораи ҷилваҳои ҳунарии шеъри солҳои 60-80 ин аст, ки таваҷҷуҳи шоирон пеш аз ҳама ба масоили миллӣ ҷалб шуда буд ва онҳо бедории миллиро ҷузъи муҳимтари рисолати адабии хеш медонистанд. Аз ин рӯ, нерӯи шоирон бештар ҷиҳати барангехтани эҳсос ва отифаи хонандагон ба мавзӯъҳои матраҳшуда сарф мешуд, то ҷалби онҳо ба самти суханбозии шоирона тавассути корбурди санъатҳои ҳунарӣ. Аз ин ҷиҳат, ба назар мерасад, ки шоирони нимаи дуюми асри ХХ ба ҳадафи худ даст ёфтаанд. Аммо дастёбӣ ба ин ҳадафи миллӣ дар баробари қурбонӣ кардани бархе арзишҳои ҳунарӣ дар шеър имконпазир шудааст. Аз сӯйи дигар, шоирони нимаи дуюми асри ХХ ҳам мисли шоирони насли гузашта, шеърро як падидаи иҷтимоӣ медонистанд, ки ҳадафи он инъикоси афкору ормонҳои мардумӣ бо забони қобили фаҳм буд. Бо ин васф, аз

миёни шоирони нимаи дуюми асри XX иддае тавонистанд, ки дар баробари сурудани ормонҳои миллӣ вижагиҳои ҳунариро низ дар ашъори иҷтимоӣ муроот намуда, ашъори марғуб барои хонанда пешниҳод намоянд. Дар миёни шоирони ин насл беш аз ҳама ашъори М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир ва Гулрухсор аз маҳбубияти болотар бархурдор шуданд. Ин чаҳор шоир ба унвони чаҳор рукни шеъри нимаи дуюми асри XX мақому ҷойгоҳи худро дар адабиёти муосири тоҷик мустаҳкам намуда ва ашъори онҳо мавриди истиқболи гарми мардум қарор гирифтааст.

§3.3.2. Таҳаввули мундариҷавию шаклии жанри достон

Дар даврони шӯравӣ дар муқоиса бо дигар жанрҳои шеърӣ беш аз ҳама жанри достон дучори таҳаввули асосӣ шудааст. Анъанаи достонсароӣ дар адабиёти классикии тоҷик собиқаи дерина дорад. Мо дар ганҷинаи адабиёти гузаштаи худ намунаҳои фаровоне аз достонҳои ҳамосӣ (“Шоҳнома”), ишқӣ (“Хусраву Ширин” ва “Вис ва Ромин), ишқӣ–романтикӣ, ахлоқӣ (“Калила ва Димна”, “Саодатнома” ва “Рӯшноинома”) ахлоқию фалсафӣ (маснавиҳои Саноӣ, Аттор, Мавлоно ва Бедил)-ро дорем, ки далолат бар вуҷуди собиқаи тӯлонии достон дар адабиёти тоҷик дорад. Аммо дар асри XX таҳти таъсири достонсароёни рус, аз ҷумла В. Маяковский, А. Блок ва Б. Пастернак дар адабиёти советии тоҷик жанри достони инқилобӣ–қаҳрамонӣ ва достонҳои лирикӣ дар ҷомеаи адабӣ мавқеи асосӣ пайдо карданд. “Баъзе адабиётшиносон солҳои шастумро ба эътибори мавқеъ ва нақши достон дар назми имрӯзаи советӣ “солҳои достон” номидаанд. Дар бораи адабиёти тоҷик низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Достони тоҷик дар ин солҳо сифатан тағйир ёфт. Агар дар солҳои чилум ва панҷоҳум дар адабиёти тоҷик бештар достонҳои эпикии сюжетнок ба вуҷуд омада бошанд, солҳои шастум достони лирикӣ бо суръат инкишоф ёфт ва ба ҷои аввал гузашт” [111, 83].

Дар ин давра достонҳои лирикии М. Турсунзода (“Чароғи абадӣ”, “Ҷони ширин”), Ғ. Мирзо (“Тоҷи давлат” ва “366 паҳлӯ”) ва М. Қаноат (“Мавҷҳои Днепр”, “Достони оташ” ва “Суруши Сталинград”) дар пайкари ин навъи достон ҷони тоза дамиданд. Дар даҳаи 30-40 асри XX аввалин шоироне, ки достонҳои лирикӣ-инқилобӣ ва лирикӣ суруда, аз назари мазмуну мундариҷа дар ин навъи достон таҳаввули тоза эҷод карданд, А. Лоҳутӣ ва М. Турсунзода буданд. Баъдан, дар даҳаи 50 ин анъана идома пайдо кард ва Ғ. Мирзо достони лирикиро дар шаклу муҳтаво дигаргун намуд. Бахусус, достони “Тоҷи давлат”-и Ғ. Мирзо аз назари сохтор ва композитсия падидаи тоза ба шумор мерафт. Ҳар бахши достон дар шакл ва авзони мухталиф суруда шудааст, ки ин шакл аз достонсароӣ дар назми тоҷик камсобиқа буд. Дар ин достон сохтори достонҳои Маяковский, рӯҳияи муборизотии достонҳои Лоҳутӣ ва маснавиҳои классики тоҷик бо ҳам омезиш ёфтааст.

Ними шаб, вақте
шағоли водии мо мегирист,
Шеру бабр аз даҳшаташ
дар хеш пинҳон мешуданд.
Олами пур аз ятими
гушна гӯё мегирист,
Гӯшҳо кар, синаҳои санг
бирён мешуданд.
–Ман ба ин коре надорам.
Аз кадомин миллатӣ?
Гӯши ман аз одамӣ
дӯғу даға нашнида буд!
–Тоҷикам. Дар ёд дорӣ,
бо ҳазорон савлате
Модарат дар базми

назми Рӯдакӣ рақсида буд. [12, 9-10]

Бад-ин тартиб ҳар қисмате аз достони “Тоҷи давлат” аз назари шакл сохтори мустақил дорад, ки бахшҳои ҷудогонаро мундариҷа ва композитсияи воҳиди достон ба ҳам васл мекунад. Сохтори достон баёнгари ин нукта аст, ки Ғ. Мирзо дар ҷо ба ҷогузории мисраъҳо ва рукнҳои шеър дар шакли нав маҳорати зиёд дошта, аз ин тариқ хостааст дар зеҳни мухотаб таъсири бештар бигзорад. Ғ. Мирзо ҳунари худро дар қисмати “Мазори духтари ноком” ҳангоми чидани рукнҳо ин гуна ба намоиш мегузорад:

–Балам, ин на ҳадиси даври Ҳурмуз аст,
На як афсонаи тороҷи Искандар.
Бачам, ин нақли ҷонсӯз аст,
Пур аз хун доғи дирӯз аст,–
Ҳамин дирӯзи пур аз шӯру пур аз шар. [9, 23]

Тарзи ҷо ба ҷогузории мисра ва рукнҳои достон яке аз навпардозиҳои халлоқонаи шоир аст, ки пеш аз он собиқа надошт.

Анъанаи достонсароӣ дар адабиёти советии тоҷик ҳамчунон бо қудрати тамом идома дошт. Байни солҳои 1961-64 чаҳор достон аз М. Миршакар бо номҳои “Дашти лаванд”, “Ишқи духтари кӯҳсор”, “Чашмаи Ленин” ва “Одам офаридгор” пайи ҳам ба табъ расиданд, ки ба мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти одамони ҷомеаи сотсиалистӣ бахшида шудаанд.

Сарфи назар аз ин ки достонҳои хурду калони эпикӣ ва лирикӣ-эпикии шоирони давраи советӣ дар бораи ҳодисаҳои мушаххас ва мавзӯъҳои муҳими замонаи хеш бахшида шудаанд, аммо рӯҳияи пешқадами мавҷуд дар ин достонҳо, тасвири ҳаёти воқеии инсонҳо, пафоси ватандӯстонаи онҳо ва қудрати созандагии қаҳрамонони ин дастонҳо метавонад барои шоирони даврони истиқлолият, ки дар фазои бозтар кору фаъоилият доранд, намунаи ибрат бошад.

Дар миёни шоирони достонсарои шӯравии тоҷик Муъмин Қаноат аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст, зеро падидаи навгарой ва ҷунбиши бедории фикрӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XX бо фаъолият ва осори ӯ марбут мебошад. Муъмин Қаноат бо сабк ва салиқаи хос ё худ мутафовит аз суннати роиҷи достонсарой дар замони худ вориди адабиёт мешавад.

Бар хилофи тасаввури маъмулӣ, аксари шахсиятҳое, ки мақоми баланд дар системаи сиёсии шӯравӣ доштанд, бо таваҷҷуҳ ба огоҳӣ ва шинохти воқеияти замон дар арсаҳои гуногун хадамоти арзандае барои миллати худ анҷом додаанд. Аммо дар муқобил осори афроде, ки дар сатҳи миёна ва маъмулӣ қарор доштанд шояд бо ҳадафи расидан ба мақоми болотари иҷтимой бештар таҳти таъсири идеология қарор гирифтаанд. Барои исботи ин намуна метавон зиндагӣ ва фаъолияти Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратуллои Махсум ва Бобоҷон Ғафуровро мисол зад. Муъмин Қаноат бо таваҷҷуҳ ба мавқеияти иҷтимой ва сиёсие, ки дар даврони шӯравӣ дошт, аз назари эҷоди осори боарзиши адабӣ дар радифи ҳамин гуна шахсиятҳо қарор дорад. Дар ҳавзаи адабиёт аксари муҳаққиқон бар пештоз будани Муъмин Қаноат дар ҷиҳати эҷоди таҳаввули тоза дар адабиёти нимаи дуюми қарни 20–иасри XX-и Тоҷикистон иттифоқи назар доранд.

Шояд бо таваҷҷуҳ ба огоҳӣ ва шинохте, ки Қаноат аз воқеияти замони худ пайдо карда буд ва бо ҳадафи эмин доштани осори худ аз офати сиёсатзадагӣ, рӯзмаррагӣ ва идеологияи хушку холӣ, рӯ ба достонсарой меовард. “Муъмин Қаноат тавассути ақли даррок ва хаёломезаш байни замону маконҳои мухталиф хати пайванд кашид, зеро нек медонад, ки имрӯз бе дирӯз вуҷуд надорад. Аз дастоварду андӯхтаҳои пешиниён барои ҳалли мушкилоти имрӯзиён натиҷаҳо бардошт ва ба онҳо маънои тоза ва ҷилои ҳаминрӯзӣ бахшид” [233, 394].

М. Қаноат дар муқоиса бо шоирони замони худ шеъри кӯтоҳ камтар сурудааст ва куллан ба камгӯйӣ маъруф аст. Сабки мутафовит ва хоси

Қаноат бо интишори авалин ашъори ӯ аз чашми адабиётшиносон пинҳон намонд. “Нахустин дафтари шеъри Қаноат “Шарора” (1960) ном дошт, он ба хонандагон писанд омад, аҳли қалам низ хуб арзёбӣ карданд. Аз он китоб бӯи умед медамид, ки шоир сухане тоза хоҳад гуфт ва орзуву умеди мухлисони шеъри форсӣ-тоҷикиро бароварда кард: Шеъру достонҳое суруд, ки ҳам аз назари дарунмоя, ҳам дар шакл, тозагӣ ва ҷаззобият доштанд. Ҳар як шеъри Муъмин Қаноат, бавижа достонҳои манзумаш ҳодисае дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буданд ва ҳастанд” [181, 121].

Шеърро Қаноат бо диди тоза шурӯъ кард. Ӯ бо ҳифзи ҳувият ва суннати шеъри форсӣ бо каму зиёд кардани рукнҳо дар ашъори худ рӯҳи тоза дамид. Нуктаи ҷолиб ва боаҳамият ин аст, ки шеърҳое, ки шоирони даҳаҳои гузашта ба пайравӣ аз шакл ва муҳтавои ашъори Маяковский суруданд, дар шеъри даврони шӯравии тоҷик мутадовил нашуд, аммо равиши Қаноат мавриди истиқболи бештар қарор гирифт. Ба эҳтимоли зиёд иллати ин амр ноошно будани сабки Маяковский ва бараъкс иртибот доштан қолабшиканӣ ва навпардозии Қаноат бо суннатҳо ва арзишҳои шеъри ҳазорсолаи форсу тоҷик бошад. Адабиётшиносони тоҷик шеъри “Марав, қуи сафед”-и Қаноатро оғози таҳаввули тоза дар адабиёти нимаи асри ХХ медонанд.

Муҳаққиқони адабиёт рӯ овардани Муъмин Қаноат ба мустазодро аз далоили асли муваффақияти вай дар эҷоди таҳаввули тоза дар шеъри муосири тоҷик арзёбӣ кардаанд. Ба навиштаи профессор Қубодиёнӣ “Муъмин Қаноат бештар мустазод гуфт ва аз ҳамин роҳ ба адабиёт ворид шуд. Равшан аст, ки мустазод ба шоир имкон медиҳад, навҷӯи кунад ва ҳадду марзро дар лавозимоти шеърии худ эҷод намояд” [180, 170]. Аммо бо вуҷуди ин Муъмин Қаноат дар таърихи адабиёти тоҷик ба унвони шоири достонсаро машҳӯр аст.

Достон ва достонсароӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик сайри яксон надошта, бо назардошти таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар

сарзаминҳои Эронӣ дар шаклҳои мухталиф зуҳур кардааст. Агар мо аз назари таърихӣ Фирдавсиро сарояғози наҳзати достонсароӣ дар адабиёти порсӣ бидонем, ҳамчунин бояд эътироф кард, ки пас аз он устоди бузургвор ҷараёни достонсароӣ, бахусус дар шакли ҳамосии он ҳамроҳ бо Фирдавсӣ ба поён расид. Ба назари диссертант зуҳури достонҳои ҳамосии “Шоҳнома” аз баракати вуҷуди давлатдории миллии тоҷикон дар аҳди Сомониён буд ва бо суқути ин давлати мутамарказ бозори достони ҳамосӣ дар як замони бисёр тӯлонӣ рокид шуд.

Адабиёти ин даврони тӯлонӣ, умдатан дар қолаби шеър ҷилва карда, бештар пироҳани ирфонӣ ба бар карда буд. Достон ва достонсароӣ аз ин раванд бетаъсир намонд. Мавзӯъҳо дар қолаби гуногун, вале атрофи як меҳвар чарх мезаданд. Кофист, ки эҷоди беш аз сӣ достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-нома ва дигар қиссаҳои шабеҳи онро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба унвони далели ифроту тафрит дар таърихи адабиёт мисол бизанем. Ин вазъиятро Сайидои Насафӣ бо эҷоди осори дорои мазмуни иҷтимоӣ муътадил кард, агарчи қабл аз ӯ шеър ва адабиёти мансури иҷтимоӣ эҷод шудааст, вале ин миқдор дар баробари он ҷараёни аслӣ ночиз ба назар мерасад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин муқаддима метавон иддао кард, ки Муъмин Қаноат бо иродаи росих ва тавоноиву ҷаҳонбинии хоси худ жанри достони ҳамосиро дар асри ХХ дубора эҳё кард. Ин фурсатро барои устод зарурати замон ба вуҷуд овард. Ӯ достони ҳамосиро дар шакли нав зинда кард. Яъне, замоне, ки ба қавли бону Гулрухсор “ақл андар шиор ях баста” буд, Муъмин Қаноат бо зиракии сиёсӣ ин жанри ифтихорофаринро эҳё ва мавзӯъҳои мавриди ниёзи замонро дар ҷомеа матраҳ кард. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки гарчанде Шӯравӣ як давлати шадидан идеологӣ буд ва адабиёти он дар ҷаҳорчӯби мушаххас эҷод мешуд, достонҳои Муъмин Қаноат чандон идеологӣ нестанд. “Зоҳирбинӣ, воқеанигорӣ ва оҳанги публитсистӣ ба табиати шоирии ӯ хос нест. Муъмин Қаноат шоири андешаҳо, баёнгари

ҳолатҳои қалбии инсон ва афкори амиқу хаёлангези ӯст ва дар шеъраш аз боби зиндагӣ ва қисмати инсон сухан меронад” [233, 394].

Сарчашмаи аслии достонҳои ӯ таърихӣ ва ҳамосӣ мебошанд, ҳол чӣ аз “Сурӯши Сталинград” бигӯем, чӣ аз “Тоҷикистон-исми ман”. Дар мавриди достони “Гаҳвораи Сино” ҷойи шубҳа нест. Мавзӯи аслии достонҳои Муъмин Қаноат тавсифи иғроқомези замон аз дидгоҳи идеологӣ набуда, балки мутобиқ ба талаботи жанри достон воқеа ва ҳаводиси рӯзгор ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд. Агар аксарияти офарандагони осори адабӣ дар даврони шӯравӣ талош карда бошанд, ки ба таърих аз даричаи идеология нигоҳ кунанд, баръакс Қаноат бо убур аз чаҳорчуби идеологӣ бар асоси воқеият, таърих сохтааст. “Муъмин Қаноат аз ин ва ё он санади замони гузашта ёд карда, манзарае месозад ва он воқеаро зимни хаёли шоириаш чунон устодона зинда месозад, ки хонанда ба дурустии он имон меовард ва ин ҷиҳат дар аксари шеърҳои лирикии шоир ба назар мерасад. Тасвиркорию суратгарӣ дар шеъри Муъмин Қаноат ба дараҷаест, ки ба бисёр кам шоирон ин дараҷа маҳорат насиб шудааст” [215, 122].

Фоҷиаи Сталинград як воқеияти таърихӣ буд, ки адибони саросари ҷаҳон, аз ҷумла Шаҳрёр, шоири номдори Эрон ба ин мавзӯъ пардохтааст, аммо “Сурӯши Сталингарад” дар навъи худ беназир аст. “Муъмин Қаноат дар роҳи ба даст овардани мақсад дар “Сурӯши Сталинград” асосан ба санадҳои воқеӣ такя кардааст. Дар достон ҳатто қаҳрамонон бо номи худ амал мекунанд. Қаноат муддате дар архивҳо кор карда, бо иштирокдорони ҷанги Сталинград суҳбат ороста, панҷ бор ба Волгоград сафар карда, арзу тӯли кӯчаҳо ва хонаҳоро қадам зада, муайян намуд, то ки ҳарфе хато наравад” [233, 296].

Ин достон аз назари сохтор ва мавзӯъ низ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик падидаи тоза ба шумор меравад. Достон бо муқаддимае ҳакимона дар мавриди ҷойгоҳи сухан ва модар оғоз мешавад:

Суханро вазну тамкини замин бояд,

Суханро қудрати ҷонофарин бояд,
Дили сарбозу мисли ту камин бояд,
Замини ман,
Ки дастони туро хонад.

Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,
Дуои модарони пирро гирад,
Ки бо ҳикмат дами шамшерро гирад.
Ба ним овоз эъҷози туро гӯяд [43, 177].

Хондани ин гуна муқаддимаи таъсиргузор хонандаро барои огоҳӣ аз фоҷеаомезтарин ҳодисаи таърихи башарият дар асри ХХ, яъне Ҷанги ҷаҳонии дуюм омода мекунад. Шоир дар ин муқаддима билофосила зимни арҷгузорӣ аз мақому манзалати сухан, ки аз суннатҳои адабиёти форсӣ ба шумор меравад ҳамчунин аз суннати дигари миллӣ ва мазҳабии тоҷикон, ки дуои хайр гирифтан аз модар ва куллан бузургони қавм барои оғози коре муҳим аст низ ёддоварӣ мекунад.

Сурӯши аввали ин достон бо мавзӯи замин-тимсоли модар парваришгоҳи ҳаёти башар шурӯъ мегардад. Монологи сарбози олмонӣ ҳам дар оғози ҳар бахши ин достон падидаи тоза дар суннати достонсароии порсӣ буда, банду басти онро қавитар кардааст.

Сурӯши дувуми достон ба мавзӯи дарё-рамзи ҳаётбахши ҳастӣ бахшида мешавад. Ин достон ҳамчунон ки бо муқаддимае ҳикматомӯз ва ҳаяҷонбарангез оғоз мешавад бо авҷе аз он баландтар ба поён мерасад.

Ситоиш мекунам кӯҳи баланди рӯҳи инсонро,
Фуру меоварам ман қуллаи кӯҳи Бадахшонро
Ба пои ту,
Аё гултеппаи бори ҷаҳонбардӯш,
Аё сайёраи сокит, аё гаҳвораи хомӯш [43, 217]

Муъмин Қаноат бо истеъдоди баланди шоирӣ ва огоҳии таърихии худ ба хубӣ аз уҳдаи инъикоси фоҷиаи Сталинград-хунинтарин муҳорибаи ҷанги ҷаҳонии дуюм баромадааст. Ҷанг ва фоҷиаи он барои тамоми ҷомеаҳои башарӣ асароти яксон дорад ва тақрибан ҳамаи миллиятҳои кураи замин дар тӯли таърихи мавҷудияти худ ин фоҷиаи талхро таҷриба кардаанд. Бинобар ин ба тасвир кашидани аҳволи бону Анна, модари сарбози шаҳиди рус баёнгари сарнавишти талхи ҳамаи модаронест, ки фарзанди худро аз даст додаанд.

Биё модар!
Ба пояш мегузорам шеърҳои зинадорамро,
Замини беканорамро, самои беғуборамро,
Ки онҳоро ҷигарбанди ту аз мурдан раҳо кардаст.
Заминро ӯ ато кардаст,
Саморо ӯ само кардаст.
Бихон аз ин баландӣ достони қаҳрамононро,
Ҳидоят кун ба сӯи қуллаи фарзандҳоят
Навҷавононро,
Бичунбон хокро, гаҳвораву тобути инсонро,
Бикун бо умри худ пайванд умри рӯзгоронро! [43, 223]

Вижагии бориз дар достонсароии Муъмин Қаноат ба кор гирифтани вожаҳои калидӣ назири нур, сурӯш, мавҷ, нақш ва мушкилот ба унвони сарогози достонҳои хеш аст. Ин вожаҳои калидӣ дар достонҳои Қаноат қидосат доранд ва бархе ҳам дар фарҳанги миллӣ ва мазҳабии мо аз ин мартаба бархурдор ҳастанд.

Аз дигар хусусиятҳои достонҳои Қаноат устухонбандии онҳост. Сохтор, дид ва шакли баррасии мавзӯъ дар достонҳои ӯ бо он чи дар урфи адабиёти гузаштаи мо мутадовил буд, фарқ дорад. Дар достонҳои Муъмин Қаноат рӯҳи ориёӣ ва маънавияти фарҳанги исломӣ бо ҳам омезиш ёфта шакли воҳидеро ба намоиш гузоштаанд. Устод Қаноат ҳамчунин ба ирфон

ва равиши орифон таваҷҷуҳ ва иродат дорад, ба тавре ки таъсири он дар достонҳои эшон ба гунаи раднопазир ошкор аст ва куллияи достонҳои ӯ дорои панҷ, ҳафт ё нуҳ қисмат буда, дар ҳар қисмат калидвожаҳо такрор мешаванд. Ин марҳалабандб моро ба ёди водиҳои ирфонӣ мебарад бо ин тафовут, ки ин ҷо мавзӯъ таърихӣ мебошад.

Достони “Гаҳвораи Сино” бошад аз ҳар назар, ки матраҳ кунем, дар воқеъ шоҳкори нимаи дуюми қарни асри ХХ-и адабиёти шӯравии тоҷик маҳсуб мешавад. Матраҳ кардани чунин мавзӯе дар он замон ба ҷасорати адабӣ, халлоқияти ҳунарӣ, эҳсоси масъулиятшиносӣ ва тааҳҳудӣ шоир нисбат ба ҳунар ва арзишҳои миллӣ бастагӣ дорад.

“Пухтагии андешаю тааммуқ, тамкину хаёлангезии сухан ҷиҳати муҳими равияи эҷодии Муъмин Қаноат аст. Минбаъд тасвири ҳолату манзаранигорӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат мақоми хос пайдо кард. Муъмин Қаноат аз қабили адибонест, ки шеърашон аз сарчашмаи шеъри классикӣ, шеъри кунунии форсизабонон, ашъори шифоҳии халқ ва шеъри шоирони пешқадами ҷаҳон об хӯрдааст” [233, 394].

Дар ҳақиқат, Муъмин Қаноат дар асри ХХ танҳо шоири тоҷик аст, ки дар мавзӯи ҳувият ва асолати миллӣ, ифтихор аз таърихи гузаштаи хеш ва муаррифии шахсиятҳои бузурги фарҳангии халқи тоҷик ба таври систематкӣ пардохтааст, ки ин амр дорои аҳамияти бузурги таърихӣ аст. Достонҳои ӯ зимни ривояти ҳодисаҳои таърихи миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчунин аз назари тасвиргароӣ ва ҷилваҳои ҳунари шоирӣ низ мумтоз ҳастанд.

Ба ҳамин тартиб, Қаноат дар ҳар “Мушкилот”-и достони “Гаҳвораи Сино” як маврид ё ҳодисаеро аз зиндагии он бузургвор бо ҳифзи иртиботи қавии мантиқӣ байни онҳо мисол мезанад ва чеҳраи дурахшон, мақому ҷойгоҳ ва хидматҳои Ибни Сино дар илми ҷаҳониро моҳирона ба тасвир мекашад. Қисмати поёнии ин достон, ки “Ҳалли мушкилот” ном дорад нуқтаи авҷи фалсафаи шоир дар пайванд задани дирӯзу имрӯзи башарият

аст. Дар осори Қаноат нигоҳи шоир идеологӣ нест, балки ӯ ба қазияҳои рӯзгор, ҳаводиси табиат ва ҳастӣ, дуруст мисли гузаштагони ҳакими худ назар меандозад.

Миёни асри мову асри пуршӯри шумо, устод,
Ҳазорон қабрҳо бархост,
Ҳазорон қасрҳо уфтод.
Ҳазорон шаҳрҳо ҳамчун Бухоро шуд мазори мо,
Ҳазорон шаҳрҳо рӯйид аз меҳри канори мо...
Ту мерафтиву тобути ту чун сайёра меҷунбид,
Бухоро–модари зорат сари гаҳвора меҷунбид.
Сароғозат Бухорову саровози ту Алванд аст,
Миёни ин ду манзил банд–банд, пайванди пайванд аст. [43, 324]

Дар ин банд ба таври ошкор шоир назарияи идеологҳои Шӯравиро, ки мегуфтанд тазоду ихтилоф бо даст ёфтани миллатҳо ба ҷомеаи сотсиалистӣ аз байн хоҳад рафт, инкор намуда, фалсафаи воқеъгароёнаи Мавлоноро, ки гуфта буд “Зиндагонӣ оштии зидҳост” матраҳ мекунад.

Ин достон бо таъкид бар ягонагии фарҳангӣ ва тамаддунии мардумони ориёитабор ба поён мерасад. “Муъмин Қаноат дар достони “Гаҳвораи Сино” кӯшидааст, ки набарди ҷовидонаи ақлу ҷаҳл, адолату разолат, ҳақиқату батолат ва нерӯи давронсози ақлу хирадро ба ҳама беадолатию ҷаҳолат ба тасвир кашад ва арзишҳои маънавию ахлоқии пешравро дар хидмати имрӯзиён қарор диҳад” [233, 396].

Бар иловаи сохтори ҷадид, сабки тоза ва вуҷуди композитсияи қавӣ дар достонҳои Қаноат ҳамчунин тарзи баёни матолиб аз вижагиҳои дигари достонсароии шоир мебошад. Ҳамаи достонҳои Қаноат дорои устухонбандии маҳкам буда, шоир бо тасаллути комил бар мавзӯъ, ҳар пораи достонро бо натиҷагирии ҳадафманд ба поён мерасонад. Достонҳои Қаноат зимни ин ки умдатан ба баррасии мавзӯъҳои таърихӣ мепардозанд,

бо пирояи ҳунарӣ низ ороста шудаанд. Шоир дар тасвирпардозии ҳолатҳои ҷангӣ, воқеан, маҳорати баланд дорад. Барои мисол ба ин пора аз бозгарди сеи достони “Ситораи Исмат” таваҷҷуҳ намоед:

Чӣ асроре, ки пеш аз ҳамла хандақ ҳамлу хомӯш аст,
Вале хандақ ҳама ҳушу ҳама чашму ҳама гӯш аст.
Ва хоби аскари омода ҳамчун хоби заргӯш аст,
Хурӯши қалби инсон зери сарпӯш аст.
Ва мегардад замин пора ба вақти ҳамла якбора,
Ва одам мебарояд аз замин монанди истора...
Даме, ки ҳамлаи мо бо имое бесадо сар шуд
Ва мо наздик рафтему ба мо наздик сангар шуд,
Замини барфпӯши бе гияҳ монанди дафтар буд:
Ки дар он як ҳиҷо як нақши пое нест,
Ба ғайр аз шарфаҳои по садое нест... [43, 358-360]

Дар ин пора шоир ба таври шигифтангезе ҳолати омодабоши сарбозон дар хандақро бо шароити хоси маконии ҷабҳаи ҷанг ба тасвир кашидааст, ки дар зеҳни хонанда низ он манзара шабеҳи экрани телевизион намоён мешавад. Қаноат дар достонҳои ҷангӣ ва таърихии худ инсонро дар ҳолат ва мавқеиятҳои мухталиф ба тасвир мекашад.

Дар ҳамин достони “Ситораи Исмат” дар ҳолат ва мавқеияти дигар боз ҳам тасвире ҷолиб меофаринад:

Ситора мепарад аз осмони субҳи симобӣ,
Ва меборад зи чашми осмон ашки ятим обӣ.
Замини намкашида аз барои ҷуфт нобоб аст,
Замири ғамкашида дар шаби наврӯз нотоб аст.
Замини лойҷуфт аз баҳри неши дона зиндон аст,
Ки аз зиндони лоӣ саркашидан ғайри имкон аст.
Замини рӯзи наврӯзӣ ба мисли синаи раҳм аст,
Сабоҳ ойинаи раҳмат, само ойинаи ваҳм аст[43,329].

Қаноат дар осори худ аз санъатҳои бадеӣ, бахусус, муқобила, таҷнис, ташбеҳ, истиора ва мақолу ҳикматҳои мардумӣ моҳирона истифода мекунад. Дар пораи боло агарчи шоир манзараи пушти ҷабҳа ё ғайриҷангиро ба тасвир мекашад, аммо калимаҳо, таъбирҳо ва санъатҳои адабии хосеро ба кор мегирад, ки хонанда аз мавзӯи аслӣ яъне ҷанг фориғ намешавад, балки таъсири фарогири ҷанг дар ҷомеҳои башариро ба хубӣ эҳсос мекунад.

Бо тавваҷҷуҳ ба ҳамин вижагиҳо Алиасғари Шеърдӯст менависад: “Ба ҷуръат метавон гуфт, ки дар миёни шоирони муосири тоҷик ҳеҷ як ба андозаи Муъмин Қаноат ба қавоиди арӯзи шеъри порсӣ пойбанд нест ва дар сурудаҳои хеш бад-он иноят надорад. Забони шеъри устод Муъмин Қаноат имрӯзӣ аст ва доираи вожагоне, ки дар сохтмони шеъри хеш ба кор гирифта, мутанаввеъ. Манзумаҳои баланди вай намоёнгари тавоноӣ ва иқтидори шоир дар бакоргирии қолабҳои шеъри куҳан ҷиҳати халқи мазомини ҷадид аст” [172, 468].

Осори Қаноат муаррифи шаҳомат, тамкин, салобат ва каломи мавзуни рӯҳбахши шахсиятест, ки дар домони фарҳанг ва тамаддуни порсӣ ба камол расида ва бо он ифтихор мекунад. Воқеан, шоир то охир ба қавли худ, ки замоне суруда “суханро вазну тамкини замин бояд” содиқ мондааст. Ба ин пора таваҷҷуҳ намоед:

Ба тунди хашми дарёям,
Ба тамкин сабри саҳроям.
Ба нармӣ чун дили ошиқ,
Ба сахтӣ санги хороям.
Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям
Макун дигар ту савдоям,
Ки дар савдои ту аз даст додам сусту сахтамро,
Ки Доро будаму аз даст додам тоҷу тахтамро [43,113].

Вижагии дигари осори Муъмин Қаноат ин аст, ки агар осори аксари шуаро таҳти таъсири шадиди ангезаи эҳсос эҷод шуда бошанд, дар осори Қаноат ангезаи ақлоният, фалсафа ва мантиқ нисбат ба эҳсос чиратар аст. Ба қавли Алиасғари Шеърдӯст, “Дар ҳақиқат, шеъри Муъмин Қаноат ҳамонанди шахсияти ӯст: асил, бомаҳобат, орому амиқ ва ба ҳангоми зарурат мамлу аз шӯру шавқ ва ҳамоса. Муъмин Қаноат ҳамчун дигар шоирони тоҷик дарди ҳувият дорад ва ҳувияти худро дар таърихи ниёгон ҷустуҷӯ мекунад” [43, 4].

Хадамоти шоир ба адабиёти шӯравии тоҷик ба таври шоиста арҷгузорӣ шудааст. Муъмин Қаноат барои эҷоди достони “Мавҷҳои Днепр” ба Ҷоизаи комсомоли ленинӣ (1966), барои достонҳои“ Сурӯши Сталинград” ва “Тоҷикистон-исми ман” бо мукофоти давлатии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (1977) ва барои достони “Гаҳвораи Сино” бо Ҷоизаи адабии ба номи устод Рӯдакӣ сазовор гардидааст.

Дар поёни фасли сеюм ва баррасиҳои анҷомшуда дар ин боб метавон ба чунин натиҷа расид:

–Аксари адабиётшиносони дохиливу хориҷӣ, дар бораи ин ки дар охири даҳаи 50 адабиёти тоҷик вориди марҳалаи нав шудааст, тавофуқи назар доранд ва оғози ин даврaро ба маҳкумияти шахсиятпарастии Сталин дар Шуравӣ муртабит медонанд. Дигаргунӣ дар ин марҳалаи адабӣ ҳам дар шакл (форма) ва ҳам дар муҳтавои осори шоирони тоҷик рух додааст. “Марги Сталин ва равандҳои сталинзудоӣ нависандагони тоҷикро тарғиб кард, ки танаввуе дар заминаи мавзӯӣ ба вуҷуд оваранд ва бештар ба ашкол ва техникҳои ҳунарӣ бипардозанд” [229, 18]. Қобили зикр аст, ки навовариҳое, ки дар охири даҳаи 50 дар шеъри тоҷик ба чашм мехӯрад, мисли як ҳодисаи табии якбора рух надода, балки заминаи он дар солҳои қаблӣ тавассути шоирони насли комсомол гузошта шудааст.

–Дар даҳаи шаст шоирони тоҷик бо ҷуръати бештар дар авзони собити арӯз рахна ворид карда, шакли нави шеъриро барои сурудани

ашъори худ интихоб карданд. Шеърҳои М Қаноат “Марав, қуи сафеди ман”, “Мавҷи обӣ” намунаи боризи суннатшиканӣ дар ашъори шоирони ин давра ба шумор мераванд.

–Шеъри солҳои 57-80-и тоҷик аз назари шаклу муҳтаво дар сатҳи болотаре қарор мегирад. Дар ин марҳала шоирон шеърро аз офати публитсистика наҷот дода, дар паҳлуи инъикоси мавзӯҳои рӯзмарра мавзӯҳои таърихӣ, фалсафӣ ва худшиносии миллиро низ тараннум мекарданд. Албатта ин нукта маънои онро надорад, ки шоирони ин давра куллан аз сурудани ашъори суннатӣ даст кашида бошанд. Балки аз назари ҳаҷм мизони ашъори эҷодшуда дар қолабҳои маъмули суннатӣ нисбат ба шеърҳои нав бештар буда, аммо ашъори суннатӣ низаз назари кайфияти ҳунарӣ ва шеваи баён тозагии бештаре доштанд. “Дар адабиёти охири солҳои 50–ум ва 60–70–уми тоҷик, махсусан дар назми он, чун дар дигар қисматҳои он дигаргуниҳои куллӣ ва сифатан тоза ба вуҷуд омаданд” [116, 64].

–Шеъри даврони 60-80-и тоҷик аз назари муҳтаво ва мазмун тақрибан дар муқобили ашъори солҳои 30-ум ва 50-ум қарор дорад. Шеъри ин даврaро аз назари шаклу муҳтаво метавон шеъри бозгашт ба асолати хеш номид. Дар шеъри ин давра дар баробари мазмуну муҳтавои нав, ҳиссиёти шоирона, тасвиргароӣ ва таблиғи арзишҳои миллӣ бештар ҷилва мекунад. Шоирон дар ин давра дар ашъори хеш мавзӯъҳое матраҳ мекарданд, ки қаблан сухан гуфтан дар бораи онҳо мушкилсоз буд. Дар ин давра шоироне ба монанди М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир ва Гулрухсор беш аз ҳама дурахшиданд ва барои равнақи шеъри нав талош карданд.

–Дар баробари шеър, жанри достон дучори таҳаввули тоза шуд ва аз назари шаклу муҳтаво ба камолот расид. Дар ин давра беш аз ҳама достони лирикӣ ва лирикӣ-эпикӣ навишта мешуд, ки дорои композитсия ва сюжети мушаххас буда, камтар рангу бӯи идеологӣ бо худ дошт. Вижагии хоси достонҳои даврони шӯравӣ ин аст, ки дар сюжети ин достонҳо бори нахуст

дар таърихи адабиёти форс-тоҷик масоил ва мавзӯъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва миллию таърихӣ матраҳ мешавад ва қаҳрамонони ин осор афроди маъмулӣ ва мухталиф аз табақаҳои гуногуни ҷомеа ҳастанд, ки нақши онҳо дар ташаккули як миллат ва давлати воҳид сарнавиштсоз будааст.

Хулоса

Таҳқиқи раванди таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики замони шӯравӣ нишон медиҳад, ки ҳамзамон бо тағйироти шигифтангези сиёсиву иҷтимоӣ, ки боиси тағйири низоми сиёсӣ дар аморати Бухоро шуд, дигаргуниҳои тозаи адабиву фарҳангӣ дар минтақа рух додааст. Адабиёти тоҷик, бахусус шеър, аз инҳисори дарбору табақаи ашроф хориҷ шуда, дар хидмати халқ ва ормонҳои миллию мардумӣ қарор мегирад. Ин тағйироти сиёсию иҷтимоӣ ҳамчунин дигаргунии шаклу муҳтавои осори адабиро ба дунбол дошт. Бори нахуст жанрҳои нави адабӣ, ба монанди роман, повест, драма, намойишнома, опера ва ғ. дар адабиёти тоҷик роиҷ мегардад. Ҳамчунин, бори аввал мафоҳумҳои нави сиёсию ҳуқуқӣ, ба монанди давлат, миллат, ҳуқуқи зан, таҳсил, кор ва озодиҳои инсон вориди фарҳанги шеъри тоҷик мешавад. Маҳз дар ҳамин давра бо таъсиси Иттифоқи нависандагон бахшҳои дигари адабӣ, ба монанди адабиёти кӯдак, бахши тарҷума ва накди адабӣ ба таври бесобиқае равнақ пайдо мекунад. Анъанаи романнависӣ, достонҳои миллӣ, намоишнома ва драма, ки қаблан дар адабиёти тоҷик собиқа надошт, рушду шукуфо мешавад. Дар баробари ин дастовардҳо, ба далели дахолати давлат дар умури фарҳангию адабӣ, маҳдудият ва монеаҳои дигаре сари роҳи адибон ба вуҷуд меоянд. Таҳқиқу омӯзиши ин давра аз адабиёти тоҷик моро ба натиҷагирии зерин расонид:

1. Устод Садриддин Айнӣ дар рушди бедории фикрӣ ва ташаккули адабиёти навини тоҷик нақши барозандае иҷро кардааст. Эшон аз аввалин шоирони тоҷик аст, ки дар ибтидои асри XX бо падидаи навгароӣ дар шеър ошно шуд ва бо шикасти қолаби анъанавии шеъри классикӣ, дар тағйири

шакл ва мазмуни шеъри муосир нақши асосӣ бозидааст. Бисёре аз муҳаққиқон бархе ашъори ӯро, ки дар ибтидои садаи 20 сароидааст, ба унвони “муқаддимаи шеъри нав” эътироф мекунанд. Бо ин ҳол, таҷрибаи навгароёнаи устод Айнӣ, ба иллати вижагиҳои хоси сиёсию иҷтимоии ҳоким дар аморати Бухоро ва тасаллути суннатгароён дар ҳаёти ичтимоии ибтидои асри ХХ мунҷар ба зуҳури як сабки тозаи адабӣ нашуд. Дар муқобил ба далели таъсирпазирии бештари ҷомеаи эронӣ аз дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии Аврупо ин таҳаввул дар шеъри муосири Эрон рух дод ва сабки ҷадиди шеър ба номи Нимо сабт шуд.

2. Омадани А Лоҳутӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ дар таҳаввули шеъри маслакии тоҷик нақши басазое доштааст. А. Лоҳутӣ аввалин муборизе буд, ки асосҳои шеъри маслакӣ ва сиёсиро дар Тоҷикистон поягузорӣ кард. Ӯ бо такя ба таҷрибаи муборизотии хеш алайҳи системаи шоҳаншоҳии Эрон ва баъдан, ошноии наздикаш бо мактаби марксистӣ-ленинӣ заминаи сурудани ашъори сиёсиву иҷтимоиро дар ҷомеаи суннатгарои тоҷик фароҳам кард. А.Лоҳутӣ ва устод С. Айнӣ на танҳо дар тағйиру таҳаввули адабиёти муосири тоҷик нақши асосӣ бозидаанд, балки аз ҷумлаи меъморони Ҷумҳурии мухтори сотсиалистии Тоҷикистон низ ба шумор мераванд.

3. Сарфи назар аз мухолифати ҷараёни пролеткулт бо арзишҳои адабии аквоми дигар ва талоши онҳо барои аз беху бун дигаргун кардани адабиёти коргарӣ, бо талоши С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ суннатҳои шеъри форсии тоҷикӣ дар замони муосир бо тағйири мазмуну муҳтаво аз нобудӣ ҳифз шуданд. Ду маротиба тағйир ёфтани алифбо дар як даҳсола зарбаи сахте ба пайкари адабиёт ва фарҳанги як ҷомеа маҳсуб мешавад, аммо адибону шоирони тоҷик аз ин раванди сиёсӣ рӯҳафтода нашуда, чароғи адабиёти ҳазоронсолаи тоҷикро бо саъю талош ҳамчунон зинда нигаҳ доштанд.

4. Шеъри насли комсомол, ки дар солҳои 1930 то 1960 идома дошт, дар хидмати таҳаққуқи ормонҳои ҷомеаи сотсиалистӣ ва иҷрои дастуроти Ҳизби коммунист, барои расидан ба як ҷомеаи ормонӣ камар баста буд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки маҳз дахолати мустақими Давлати Шӯравӣ дар умури адабиёту фарҳанг ва ҳамчунин, таъини милок ва методҳои хоси адабӣ, шеъри ин даврараро ба хитоба ва шиорҳои қолабӣ табдил дода буд. Бо вуҷуди ин, адибони тоҷик дар ҳамон давраи ба шиддат сиёсатзада барои берун кардани адабиёт аз ин тангно талош кардаанд. Аз ҷумла, рӯ овардани шоирони ин давра ба сурудани достонҳои эпикӣ ва лирикӣ-эпикӣ муҳтаво ва шакли назми ин даврараро аз маҳдудаи хитобаҳои публитсистӣ наҷот дод. Ҷанги бузурги Ватанӣ фурсате буд барои таблиғи арзишҳои миллӣ ва тақвияти рӯҳияи ҷанговарони тоҷик дар ҷабҳаҳои ҷанг ва шоирони точик аз ин фурсат ба хубӣ истифода кардаанд.

5. Пас аз маҳкумияти шахспарастии Сталинӣ дар Шӯравӣ аввалин бор дар фазои ин кишвар имкони матраҳ кардани афкори нав ва таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ дар миёни ақвоми сокини Давлати Шӯравӣ ба вуҷуд омад ва таҳти таъсири ҳамин раванд, дар шеъри тоҷик низ шарораҳои бедорӣ мушоҳида шуданд. Насли ҷавони шоирони даҳаи 60 дар осори худ мавзӯъҳое, ба монанди эҳёи забони модарӣ, таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ ва тақвияти худшиносии миллиро дар меҳвари фаъолиятҳои адабии худ қарор медиҳанд. Аз ин рӯ, таҳти таъсири ҳамин тағйирот ҷараёни бедории фикрӣ дар адабиёти муосири тоҷик шакл гирифт.

6. Тағйироти фикрии бавуҷудомада дар солҳои 60-уми асри XX ҳамчунин дигаргуниҳои адабиро низ ба дунбол дошт. Аз ҷумла, дар ин давра, шеъри сапед ва озод дар адабиёти муосири тоҷик мутадовил шуд. Муҳаққиқон бар ин бовараанд, ки шеъри нав дар натиҷаи равобити мустақим ва ғайри мустақими шоирони тоҷик бо ҳаммаслакони худ дар кишварҳои ҳамзабон ба вуҷуд омадааст.

7. Аз даҳаи 60 ба баъд дар тамоми анвои шеър таҳаввули тоза ба чашм мехӯрад. Шеъри тоҷик шонаи худро аз бори шиорзадагӣ ва публитсистика сабуктар карда, ба самти тафаккур ва ошкор кардани ҷаҳони ботинии қаҳрамонони худ ҳаракат мекунад. Шеъри даҳаи 60 ва 80-и тоҷикро метавон шеъри бозгашт ба асолати хеш номид, зеро дар ин давра шоирон дар қолабӣ ғазалу рубоӣ (дар мисоли Л. Шералӣ), достонҳои ҳамосӣ (М. Қаноат) шеъри тасвирӣ (Б. Собир) ва шеъри сафед бо такъя ба зарфиятҳои шеъри классикӣ, мавзӯҳои муҳими фарҳангӣ ва таърихиро дар меҳвари муҳтавои ашъори худ қарор доданд. М. Шакурӣ шеъри даҳаи 60 ва 80–и тоҷикро шеъри таҳқиқӣ унвон кардааст [219, 105-118].

8. Вижагии дигари ашъори шоирони даҳаи 60-80-и тоҷик, рӯ овардан онҳо ба забони фохири классикӣ ва дурӣ ҷустан аз истифодаи забони муҳоварағ дар эҷоди шеър буд. Дар баробари ин иқдом, шоирон дар шеърҳои ҷудогона аз вазъи нобасомони забони модарӣ изҳори нигаронӣ карда, мардум ва хонандагони худро барои гиромидошти мақоми забони миллӣ даъват мекарданд. Бинобар ин, гароиши шоирон ин давра ба самти забони классикӣ танҳо ба хотири ҳифзи забони модарӣ ва нишон додани қудрату тавоноии забони тоҷикӣ дар умури мухталиф, сурат мегирифт. Аммо бархе муҳаққиқон дар кишварҳои ҳамзабон ба далели беиттилоъӣ аз ваъияти замон, ин гароишро як навъ “бозгашт ба ақиб” ё худ “ақибрафт” арзёбӣ кардаанд.

9. Азбаски адабиёт дар замони шӯравӣ ҷузъе аз сиёсати давлат маҳсуб мешуд, бинобар ин ҳангоми арзёбии осори адабӣ нисбат ба арзишҳои бадеӣ ва ҳунарии осор ба ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсӣ, таблиғотӣ ва характери публитсистии асар таваҷҷуҳи бештаре зоҳир мешуд. Бинобар ин дар адабиётшиносии шӯравӣ ҳангоми арзишёбии асари бадеӣ ин ҷанбаъҳо ба унвони меҳвари асосӣ дар назар гирифта мешуданд. Аз ин рӯ, қабл аз баҳогузории шеър ҷаҳонбинӣ ва майлу тааллуқоти идеологии шоир дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирифт. Пас, ворид шудан аз ин дарича

барои шинохти осори бадеӣ, адибону шоирони советиро водор мекард, ки ба ҷойи таваҷҷуҳ бар арзиши адабию ҳунарии асари хеш, бештар рӯи ҷанбаъҳои сиёсию идеологии он диққат кунанд, то мабодо хатои идеологӣ аз онҳо сар занад ва мавриди сарзанишу накӯҳиш қарор гиранд.

10. Назми советии тоҷик ҳосили як идеология, як мактаб ва як ҷаҳонбинии хос буда, ба воқеияти зиндагӣ танҳо аз як дарича нигоҳ мекард. Аз ин рӯ, сарфи назар аз танаввуъи мавзӯъӣ, шеъри ин даврон аз лиҳози мазмун ва муҳтаво перомуни як меҳвар худро такрор кардааст.

11. Шеър дар мафҳуми идеологияи марксистӣ-ленинӣ ҳамчун як василаи таблиғотӣ барои тараннуми ормонҳои ҳизбӣ ва таблиғи низоми сотсиалистӣ ба кор мерафт ва интизори давлатмардони Шӯравӣ низ аз адабиёт дар ҳамин маҳдуда хулоса мешуд.

12. Рисолати шоир дар чунин сохторе, васфу таблиғи барномаҳои аз пеш таъйиншудаи идеологӣ ва ҳизбӣ ба шумор мерафт. Яъне, шоирони советӣ вазифадор буданд, ки барои бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ бо ҳизб ва барномаҳои он ҳамраъйии комил дошта бошанд.

Китобнома

1. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ С. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ.–Душанбе: Ирфон, 1974.–262 с.

2. Айнӣ С. Ашъори мунтахаб / С. Айнӣ-Сталинобод:Нашрдав,1958.-170 с.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо.Ҷ.1.2 / С. Айнӣ.–Сталинобод: Нашрдав,1954.–406 с.
4. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.8 / С. Айнӣ.–Душанбе: Ирфон, 1981.–521 с.
5. Айнӣ С. Кулллиёт. Ҷ.11 / С. Айнӣ.–Душанбе: Ирфон, 1964.–435с
6. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / Айнӣ–Душанбе: Адиб, 1987.–240 с.
7. Айнӣ С. Ёддоштҳо /С. Айнӣ–Теҳрон:Интишороти Огоҳ,1362.–945 с.
8. Асирӣ Т. Мунтахаби ашъор / Т. Асирӣ.–Сталинобод: Нашрдав, 1960.–87 с.
9. Аминзода М. Мунтахабот Ҷ.1 // Шеърҳо / М. Аминзода.–Душанбе: Ирфон, 1976.–366 с.
10. Аминзода М. Маҷмӯаи шеърҳо / А. Аминзода.–Сталинобод: Нашрдав, 1952.–162 с.
11. Бозор Собир. Бо чамидан, бо шамидан / Б. Собир.–Душанбе: Адиб, 1987.–208 с.
12. Ғаффор М. Тоҷи давлат/Ғ. Мирзо.–Сталинобод: Нашрдав, 1958.–154 с.
13. Қаноат М. Гаҳвораи Сино / М. Қаноат.–Душанбе: Ирфон, 1983.–232 с.
14. Қаноат М. Аз Бесутун то кунун / М. Қаноат.–Душанбе: Адиб, 1993.–174 с.
15. Қаноат М. Сурӯши Сталинград / М. Қаноат.–Душанбе: Ирфон, 1972.–62 с.
16. Қаноат М. Ситораи Исмат / М. Қаноат.–Душанбе. Адиб, 1990.–48 с.
17. Қаноат М. Шарора. (маҷмӯаи шеърҳо) / М. Қаноат.–Сталинобод: Нашрдав, 1960.–103 с.
18. Лоҳутӣ А. Куллиёт. Ҷ.6 / А. Лоҳутӣ.–Душанбе: Нашрдав, 1963.–334 с
19. Лоҳутӣ А. Шеърҳо ва достонҳо / А. Лоҳутӣ.–Душанбе: Маъориф, 1986.-232 с.

20. Лоҳутӣ А. Мунтахаби ашъор / А.Лоҳутӣ.-Душанбе:Ирфон,1978.-319 с.
21. Лоиқ Ш. Офтобборон / Л. Шералӣ.–Душанбе: Адиб, 1988.–528 с.
22. Лоиқ Ш. Фарёди бефарёдрас/Л. Шералӣ.–Душанбе: Адиб, 1997.–240 с.
23. Лоиқ Ш. Ману дарё / Л. Шералӣ.–Душанбе: Адиб, 1991.–300 с.
24. Миршакар М. Илҳом /М.Миршакар.–Душанбе:Ирфон,1968.–39 с.
25. Миршакар М. Асарҳои мунтахаб / М. Миршакар.–Душанбе: Ирфон, 1982.– 496 с.
26. Миршакар М. Варақҳои муҳаббат / М. Миршакар.–Душанбе: Ирфон, 1978.–191 с.
27. М. Миршакар. Ленин дар Помир/М. Миршакар. – Сталинобод: 1957. – 37 с.
28. Маяковский В. Асарҳои мунтахаб. Шеърҳо. Ҷ.1 / В. Маяковский.– Душанбе: Ирфон, 1985.–192 с.
29. Мо насли хушбахти замон. Шеърҳо // Мураттиб Алӣ Бобоҷон /– Душанбе: Маъориф, 1982.–48 с.
30. Раҳимӣ М. Рубоиёт / М. Раҳимӣ.–Душанбе: Ирфон, 1965.–175с.
31. Раҳимӣ М. Сабоҳи сухан / М. Раҳимӣ.–Душанбе: Нашриёти давлатӣ, 1963.–659 с.
32. Суҳайлӣ Ҷ. Баҳори дӯстӣ / Ҷ. Суҳайлӣ.–Сталинобод: Нашрдав, 1956.– 189 с.
33. Сулаймонӣ П. Маҷмӯаи шеърҳо / П. Сулаймонӣ.–Сталинобод: Нашрдав, 1949.–166 с.
34. Сулаймонӣ П. Маҷмӯаи осор / П. Сулаймонӣ.–Сталинобод: Нашрдав, 1959.–229 с.
35. Турсунзода М. Осори мунтахаб. Ҷ. 1 / М. Турсунзода.–Душанбе: Ирфон, 1981.–318 с.
36. Турсунзода М. Пайғом / М.Турсунзода.–Сталинобод: Нашрдав, 1949.– 91 с.

37. Турсунзода М. Гулчини ашъор // Бо кушиш ва эҳтимоми К. Айнӣ ва Л. Шералӣ / М. Турсунзода.–Маскав: Прогресс, 1981.–470 с.
38. Ҳамдӣ А. Маҷмӯаи шеърҳо / А. Ҳамдӣ.–Душанбе: Нашрдав, 1963.–242 с.
39. Ҷавҳарӣ З. Асарҳои мунтахаб. / З. Ҷавҳарӣ.–Душанбе: 1962.–301 с.
40. Ҷавҳаризода С. Асарҳои мунтахаб/С. Ҷавҳаризода. – Душанбе: 1962. – 301 с.
41. Юсуфӣ Ҳ. Таронаҳои Ватан /Ҳ. Юсуфӣ.–Сталинобод: 1939.–58 с.
42. Юсуфӣ Ҳ. Маҷмӯаи шеърҳо / Ҳ. Юсуфӣ.–Сталинобод: Нашрдав, 1949.–299 с.
43. برگزیده اشعار مؤمن قناعت / تهران: انتشارات امیر کبیر، 1361.–550 ص.
44. برگزیده اشعار بازار صابر / تهران: الهدی، 1373.–404 ص.
45. صدر ضیا. تذکار اشعار / تهران: سروش، 1380.–428 ص.
46. عینی صدر الدین. یاداشتها / ص.عینی–تهران: انتشارات آگاه، 1362.–945 ص.
47. عینی صدرالدین.تاریخ انقلاب فکری بخارا/ص.عینی.-تهران:سروش،1381.-208 ص.
48. گلچین اشعار لایق شیرعلی / تهران: الهدی، 1372.–286 ص.
49. گلچین اشعار گلرخسار صفی آوا / تهران: الهدی، 1373.–313 ص.
50. گلنظر. زبان عاشقی / گلنظر کیلدی.–تهران: الهدی، 1376.–212 ص.

11. Осори илмӣ–тадқиқотӣ

51. Асозода Х. Чеҳраҳо / Х. Асозода.–Душанбе: Адиб, 1996.–208 с.
52. Асозода Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ / Х. Асозода.–Душанбе: Сино, 1996.–161 с.
53. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи бист / Х. Асозода.–Душанбе: Маъориф, 1999.– 447 с.
54. Асозода Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ / Х. Асозода.–Душанбе: Деваштич, 2008.–300 с.
55. Асоев Х. Симои коргар дар адабиёти имрӯзаи тоҷик / Х. Асоев.–Душанбе: Ирфон, 1983.–144 с.

56. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х. Асозода.–Душанбе: Маъориф, 1991.–128 с.
57. Абибов А. Доираҳои адабии Бухорои шарқӣ // асри 19 ва ибтидои асри 20 / А. Абибов–Душанбе: Дониш, 1984.–240 с.
58. Адабиёти советии тоҷик // Маҷмӯаи мақолаҳо / – Сталинобод: Нашрдав, 1954–557 с.
59. Адибони ноқид // Маводи дуюмин хонишҳои Варзоб /–Душанбе: Дониш, 1990.–300 с.
60. Акбарзода Ю. Адибон ва ноқидон / Ю. Акбарзода–Душанбе: Ирфон, 2013.– 498 с.
61. Акбарзода Ю. Нубуғи шоир ва булуғи шеър / Ю. Акбарзода.–Хуҷанд: 2003.–220 с.
62. Акбаров Ю. Талаби ҳаёт ва қисмати адабиёт / Ю. Акбаров.–Душанбе: Ирфон, 1977.–127 с.
63. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър // Баъзе масъалаҳои лирикаи муосири тоҷик / Ю. Акбаров.–Душанбе: Дониш, 1980.–194 с.
64. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю. Акбаров.–Душанбе: Ирфон, 1985.–240 с.
65. Акбаров Ю. Мактаби шоирии устод Лоҳутӣ / Ю. Акбаров.–Душанбе: Дониш, 1987.–92 с.
66. Акбаров Ю. Композитсия ва сюжети асари бадеӣ / Ю. Акбаров.–Душанбе: Ирфон, 1975.–23 с.
67. Акрамов Н. В.И. Ленин дар бораи сохтмони сотсиалистӣ ҷалб намудани интеллигенсияи куҳна /Н.Акрамов.–Душанбе: Дониш, 1970.–32 с.
68. Амирқулов С. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри 19 / С. Амирқулов.–Душанбе: ДДТ, 1980.–102 с.
69. Амирқулов С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри 19 / С. Амирқулов.–Душанбе: Дониш, 1997.–184 с.

70. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов.–Душанбе: Ирфон, 1981.–224 с.
71. Аҷамӣ Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър / М. Аҷамӣ.–Душанбе: Адиб, 2008.–296 с.
72. Афсаҳзод А. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор / А. Афсаҳзод.–Душанбе: Дониш, 1988.–275 с.
73. Акбарзода Юсуф. Соҳиби ин забон кист? / Ю. Акбарзода–Душанбе: Пайванд, 2009.–412 с.
74. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития / А. Дониш.–Душанбе: Сарват, 1992.–98с.
75. Брагинский И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти С.Айнӣ / И. Брагинский.–Душанбе: Ирфон, 1968.–194 с.
76. Баёзи меҳр // Намунаҳои шеъри тоҷикӣ–форсӣ–дарии садаи 20 / Душанбе: Матбуот, 2005–459 с.
77. Бақозода Ҷ. Нависанда ва идеали замон / Ҷ. Бақозода.–Душанбе: Адиб, 1987.–256 с.
78. Бақозода Ҷ. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт / Ҷ. Бақозода.–Душанбе: Деваштич, 2009.–302 с.
79. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт / Ю. Бобоев.–Душанбе: Маъориф, 1987. –320 с.
80. Бобоев Ю. Партия, замон ва адабиёт / Ю. Бобоев.–Душанбе: Нашрдав, 1964.–208 с.
81. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик / Ю. Бобоев.–Душанбе: Адиб, 1988.–605 с.
82. Болтаев М. Озодфикрии мутафаккирони Осиёи Миёна/М. Болтаев.–Сталинобод: Нашрдав, 1959.–37 с.
83. Ғафуров Б. Тоҷикон /Б. Ғафуров.–Душанбе: Ирфон,1997.–1234 с.
84. Ленин В.И. Аз чӣ бояд сар кард? Ташкилоти партиявӣ ва адабиёти партиявӣ / В. И. Ленин.–Душанбе: Ирфон, 1973.–56 с.

85. Ленин–бародар, раҳнамо // Гулчини эҷодиёти даҳанакии халқ ва нависандагони советии тоҷик дар васфи В.И. Ленин/–Сталинобод: Нашрдав, 1960.–190 с.
86. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Ҷ.1 / Х. Мирзозода.–Душанбе: Маъориф, 1987.– 487 с.
87. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода.–Душанбе: Маъориф, 1992.–240 с.
88. Мусулмонқулов. Р. Анъана ва навоварӣ // дастури таълимӣ / Р. Мусулмонқулов.–Душанбе: ДДТ, 1985.–114 с.
89. Маниёзов А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдав, 1958.- 150 с.
90. Маниёзов А, Шарифов Х. Ҳакими суханвар / А. Маниёзов, Х. Шарифов.–Душанбе: Деваштич, 2003.–234 с.
91. Маъсумӣ Н. Адабиёти тоҷик дар асри 15 ва нимаи аввали асри 19 / Н. Маъсумӣ.–Душанбе: Нашрдав, 1962.–90 с.
92. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ.–Душанбе: 2013.–370 с.
93. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ.–Душанбе: Ирфон, 1966.–268 с.
94. Мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона.–Душанбе: Ирфон, 1967.–181 с.
95. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов.–Душанбе: Сино, 1998.–211 с.
96. Маҳмадаминов А. Садриддин Айнӣ–олим/А.Маҳмадаминов.- Душанбе: Истеъдод, 2010.– 64 с
97. Маҷидов Р.М. Тарзи ҳаёти сотсиалистӣ ва атеизм / Р.М. Маҷидов.–Душанбе: Ирфон, 1984.–32 с.
98. Мирзоев А. Сездаҳ мақола // Аз таърихи адабиёти асрҳои 10–15 тоҷику форс / А. Мирзоев.–Душанбе: Ирфон, 1977.– 288 с.

99. Мирзоев С. Васфи В.И. Ленин дар адабиёти демократии Эрон / С. Мирзоев.–Душанбе: Дониш, 1968.–28 с.
100. Мирзоев С. Васфи Октябр дар адабиёти шарқи хориҷӣ / С. Мирзоев.–Душанбе: Дониш, 1977.– 43 с.
101. Мирзозода Х, Маъсумӣ Н, Бобоев Ю. Адабиёти советии тоҷик / Х. Мирзоев, Н.Маъсумӣ, Ю. Бобоев.–Душанбе:Маъориф,1983.–416 с.
102. Мирзозода Х. Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт // Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Мирзозода.–Душанбе: Нашрдав, 1963.–195 с.
103. Мирзозода Х. Образи бадеӣ чист? / Х. Мирзозода.–Душанбе: Ирфон, 1976.–22 с.
104. Мирзозода Х. Қуллаи камолот // Дар бораи эҷодиёти М. Миршакар / Х. Мирзозода.–Душанбе: Ирфон, 1982.–176 с.
105. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ /–Душанбе: Дониш, 1978.–82 с.
106. Муллоаҳмад М. Дар олами Эроншиносӣ / М. Муллоаҳмад.–Душанбе: Деваштич, 2005.–560 с.
107. Муллоаҳмад М. Инсон. Адабиёт. Фарҳанг // Маҷмӯаи мақолаҳо / М. Муллоаҳмад.–Душанбе: Адиб, 1998.–336 с.
108. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ / А. Набиев.–Душанбе: Адиб, 1993.–304 с.
109. Набиев А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон // Маҷмӯаи мақолаҳо / А. Набиев.–Душанбе: Ирфон, 1983.–144 с.
110. Одинаев Ҷ. Гузашти айём / Ҷ.Одина.–Душанбе: Адиб,1989.–400 с.
111. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик / Х. Отахонова.–Душанбе: Дониш, 1983.–264 с.
112. Раҷабӣ М. Таърихи танќид ва адабиётшиносӣ. –Душанбе: Адиб, 1997. – с 103
113. Саидов С. Назарияи адабиёт / С. Саидов.–Душанбе: Ирфон, 2014.–305 с.

114. Сатторзода А. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ / А. Сатторзода.–Душанбе: Адиб, 2013.–176 с.
115. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / А. Саторзода.–Душанбе: Адиб, 2001.–142 с.
116. Сатторов А. Нуқтаи пайванд // Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ / А. Сатторов.–Душанбе: Ирфон, 1982.–239 с.
117. Сатторов Н. Ҳаёт ва эҷодиёти Зуфархони Ҷавҳарӣ / Н. Сатторов.–Душанбе: Дониш, 1982.–148 с.
118. Табаров С. Инъикоси бадеии Октябр дар назми тоҷик / С. Табаров.–Душанбе: Дониш, 1987.–38 с
119. Табаров С. Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик / С. Табаров.–Душанбе: Ирфон, 1970.–261 с.
120. Улуғзода С. Фирдавсӣ / С. Улуғзода.–Душанбе: Ирфон, 1990.–432 с.
121. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ.–Ҷ. 1 / М. Фозилов.–Душанбе: Ирфон, 1975.–867 с.
122. Фарҳанги ибораҳои халқӣ // Гирдоваранда ва тартибдиҳанда Р. Абдуллозода /–Душанбе: Адиб, 1988.–400с.
123. Хусрав Носир. Сафарнома /Н.Хусрав–Душанбе:Ирфон,1970.–117 с.
124. Ҳодизода Р, Каримов У, Саъдиев С. Адабиёти тоҷик // асрҳои 15–19 ва ибтидои асри 20 / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев.–Душанбе: Маъориф, 1988.–416 с.
125. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан: симои адибон / А. Ҳакимов.–Душанбе: Ирфон, 1982.–223 с.
126. Ҳакимов А. Шеър ва замон // Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик / А. Ҳакимов.–Душанбе: Ирфон, 1978.–253 с.
127. Ҳакимов А. Тарозӯи офтоб / А. Ҳакимов.–Душанбе: Ирфон, 1987.–175 с.
128. Ҳусейнзода Ш. Ангезаи меҳр: Ёддошт ва мақолаҳо / Ш. Ҳусейнзода.–Душанбе: Адиб, 1989.–48 с.

129. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода.–Душанбе: Ирфон, 1964.–263 с.
130. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан / Ш. Ҳусейнзода.–Душанбе: Ирфон, 1985.–224 с.
131. Ҳалимов С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов.–Душанбе: Ирфон, 1974.–136 с.
132. Шарифзода Х. “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода.–Душанбе: Андалеб Р, 2014.– 400с.
133. Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан // Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Шарифов.–Душанбе: Ирфон, 1985.–176 с.
134. Шодиқулов Х. Мирсаид Миршакар ва ленинномаи ӯ/Х. Шодиқулов–Душанбе: Нашрдав, 1972.–32 с.
135. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ / М. Шакурӣ.–Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1999.–160 с.
136. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо / М. Шакурӣ.–Душанбе: Пайванд, 1996.–326 с.
137. Шамси Қайси Розӣ. Ал–мӯъҷам / Ш.Қ. Розӣ.–Душанбе: Ирфон,1991.–464 с.
138. Юнусов С. Аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқатҳо / С. Юнусов.–Хуҷанд: нашриёти Р. Ҷалил, 1997.–223 с.

139. آریانپور یحیی از نیما تا روزگار ما / یحیی آریانپور.– تهران، انتشارات "ذوار"، 1379هی.–638 ص.
140. امیری غلام حسین. گزیده اشعار لاهوتی/ غلام حسین امیری.–تهران: 1358.–320 ص.
141. امینپور قیصر. سنت و نواوری در شعر معاصر / قیصر امینپور.–تهران: شرکت اننتشارات علمی فرهنگی، 1383.–550 ص.
142. اقبالی معظمه. شعر و شاعری در آثار خواجه نصیر الدین طوسی / معظمه اقبالی.–تهران: سازمان چاپ و انتشارات، 1370.–441 ص.

143. اقبالی معظمه. شعر و شاعران در ایران اسلامی / معظمه اقبالی.–تهران: دفتر نشر فرهنگ اسلامی، 1367.–253 ص.
144. ایزدپناهی عباس. در قلمرو فلسفه ادبیت و ادبیات دینی / عباس ایزدپناهی .–تهران: چاپ "عروج"، 1376ه.ق.–232 ص.
145. اقبال محمد. کلیات اشعار/ محمد اقبال.–تهران: انتشارات "کتابخانه ثنای"، 1343.–508 ص.
146. استعلامی محمد. ادبیات دوره بیداری و معاصر / محمد استعلامی.–تهران: چاپ طوس، 2535.–448 ص.
147. ادبیات و اندیشه / / مجموعه مقالات. ترجمه مصطفی رحیمی /–تهران: چاپ نان، 2536.– 105 ص.
148. بچکا ارژی. ادبیات فارسی در تاجیکستان / ا. بچکا.–تهران: انتشارات "علمی و فرهنگی" 1372 /–280. ص.
149. بیرجندی احمد. ادبیات فارسی/احمد برجندی.–مشهد:نشر دانشگاهی،1353 /–148 ص.
150. باقرزاده علی.ده مقاله در شعر و ادب /علی باقرزاده.–مشهد: نشر کتابستان،1367.–238 ص.
151. برحان قاطع. ج.1 / – تهران: چاپ بهمن، 1372.–579 ص.
152. تولستوی آلکسی. رسالت زبان و ادبیات / / ترجمه م. روحانی / الکسی تولستوی.–تهران: انتشارات "گوتنبرگ"، 1353.–202 ص.
153. حقوقی محمد. شعر و شاعران/ محمد حقوقی. – تهران:انتشارات "نگاه"، 1368.- 492 ص.
154. حمیدی م. بیم و امید / / رویکردهای سیاسی در ادبیات فارسی / محمد محسین حمیدی.– تهران: نشر "سفیر"، 1379.–303 ص.
155. خانلری پرویز. شعر و هنر / پرویز ناتل خانلری.–تهران: ایران چاپ، ، 1354.– 372 ص.
156. خانلری پرویز. وزن شعر فارسی / پرویز ناتل خانلری.–تهران: بنیاد فرهنگی ایران، 1354.–303 ص.
157. خواجه مراداف عالم جان. ادبیات عهد مشروطیت ایران / عالم جان خواجه مراداف.- تهران: نشر روزگار، 1369.- 72 ص.
158. خاطره های امیر عالمخان / / با پیشگفتار و توضیحات احرار مختار اف.–تهران: مرکز مطالعات ایرانی، 1373.–44 ص.
159. در باره ادبیات//مجموعه مقالات.ترجمه احمد میرعلای/–تهران: کتاب نان،356 /-522 ص.
160. درستی احمد. شعر سیاسی دردوره پهلوی دوم/ احمد درستی.–تهران: 1381.–334 ص.

161. دستغیب ابدالعلی. نقد آثار و اندیشه های داستان نویسان بزرگ غرب / عبدالعلی دستغیب.–تهران: پیام روز، 1377.–288 ص.
162. راستگو محمد. ایهام در شعر فارسی/ محمد راستگو.–تهران:سروش، 1378.–526 ص.
163. روزبه م. سیر تحول در شعر فارسی / م. روزبه.–تهران: روزنه، 1379.–303 ص.
164. زرین کوب عبدالحسین. ارسطو و فن شعر / عبدالحسین ذرینکوب.–تهران: سپهر، 1358.–220 ص.
165. زرین کوب عبدالحسین. سیری در شعر فارسی / عبدالحسین ذرینکوب.–تهران: نشر سعدی، 1363.–600 ص.
166. زرین کوب عبذالحسین. نقد ادبی.ج.1 / عبدالحسین ذریکوب.–تهران: اننتشارت "امیر کبیر"، 1354.–404 ص.
167. زرین کوب عبدالحسین. شعر بی دروغ و شعر بی نقاب / عبدالحسین ذرینکوب.–تهران: انتشارات "امیر کبیر"، 1346.–337 ص.
168. سارتر پ.ژ. ادبیات چیست؟ / ژان پول سرتر.–تهران: چاپ "نان"، 1348.–252 ص.
169. سروش ع. فربه ترازادیولوژی.عبدالکریم سروش.–تهران: گوتنبرگ،1373.–381 ص.
170. سمرقندی دولتشاه. تذکرت الشعرا / دولتشاه سمرقندی.–تهران: انتشارات "خاور"، 1366.–431 ص.
171. شکوری محمدجان. صدر بخارا / محمدجان شکوری.–تهران: انتشارات وزارت خارجه، 1380.–109 ص.
172. شعردوست علی اسغر. یادگار روزگار / علی اسغر شعردوست.–تهران: سروش، 1377.–619 ص.
173. شعردوست علی اسغر. چشمانداز شعر امروز تاجیکستان / علی اسغر شعردوست.–تهران: الهدی، 1376.–328 ص.
174. شریعتی علی. مجموعه آثار.ج.4 / علی شریعتی.–تهران: 1386.–399 ص.
175. شعله جمشید. جهاد ملت بخارا/ جمشید شعله.–تهران: چاپ "ناصح"، 1379.–513 ص.
176. صدر ضیا. تذکار اشعار.- تهران: سروش، 1380.- 210 ص.
177. عادل محمدرضا. فرهنگ عباره های عربی در شعر فارسی.ج.1 / محمدرضا عادل.–تهران: انتشارات "امیر کبیر"، 1375.–1032 ص.
178. فرای ریچارد. بخارا دستاورد قرون وسطی / ریچارد فرای.–تهران: انتشارات "علمی و فرهنگی"، 1365.–270 ص.

179. فلاح غلام فاروق. موج اجتماعی سبک هندی / غلام فاروق فلاح.–مشهد: انتشارات "ترانه"، 1374.–170 ص.
180. قبادیانی ر.م. زبان و ادبیات فارسی در فرارود / رحیم مسلمانیان قبادیانی.–تهران: سروش، 1376.–215 ص.
181. قبادیانی ر.م. ستاره های پامیر / رحیم مسلمانیان قبادیانی. تهران: سروش، 1372.–200 ص.
182. قزوه. ع. خرشید های گمشده.- تهران: حوزه هنری، 1376.- 634 ص.
183. کدکنی شفیع. صور خیال در شعر فارسی / شفیعی کدکنی.–تهران: انتشارات "آگاه"، 1366.–732 ص.
184. کدکنی شفیع. موسیقی شعر/ شفیعی کدکنی.–تهران: انتشارات "آگاه"، 1370.–678 ص.
185. کزازی م. زیباشناسی سخن پارسی / میر جلال الدین. کزازی.–تهران: نشر "مرکز"، 1368.–204 ص.
186. کاظمی محمدکاظم. شعر پارسی / محمدکاظم کاظمی.–مشهد: ضریح افتاب، 1379.–494 ص.
187. گرمارودی. م. از صدر تا ساقه. – تهران: قدیانی، 1388.- 844 ص.
188. گلچین معانی. مکتب وقوع در شعر فارسی / احمد گلچین معانی.–مشهد: انتشارات دانشگاه فردوسی، 1374.–871 ص.
189. گریس ویلیام. ادبیات و بازتاب آن / / ترجمه دفتری / ویلیام گریس.–تهران: انتشارات "آگاه"، 1363ه.ق.–165 ص.
190. گرانت دمیان. ریالیسم / / ترجمه ح. افشار / دمیان گرانت.–تهران: چاپ "سعدی"، 1375 ه.ق.–103 ص.
191. لنگرودی شمس. تاریخ تحلیلی شعر نو. ج.1 / شمس لنگرودی.–تهران: نشر مرکز، 1370.– 649 ص.
192. مهرداد م. ذبیح الله.ب. زنگوله زنان گذشت باران;سیری در شعر معاصر تاجیکستان.- کابل: آرمانشهر، 1390.- 111 ص.
193. وظیفه ادبیات / / مجموعه مقالات. ترجمه ابولحسن نجفی /–تهران: چاپ "نان"، 1357 ه.ق.– 304 ص.
194. وصال حسین. معجزات شعر و سخن پارسی / حسین وصال.–تهران: پدیده، 1349 ه.ق.– 407 ص.
195. وامبری. سایحت درویش دروغین در خانات آسیای میانه / ا. وامبری.–تهران: انتشارات علمی و فرهنگی، 1365 ه.ق.–557 ص.

196. هروی . شعرای عصر حاضره افغانستان / جمشید هروی.–مشهد: نشر "تنعیم"، 1380هی.– 237 ص.
197. یوشیج نیما. ارزش احساسات / نیما یوشیج.–تهران: انتشارات "گوتنبرگ"، 1355.–194 ص.
198. یوسفی غلامحسین. چشمه روشن / غلامحسین یوسفی.–تهران: انتشارات علمی، 1358.– 863 ص.
199. یاد یار / / مجموعه مقالات /– تهران: چاپ "بهمن"، 1372هی.–263 ص.
200. یاحقی محمدجعفر. جویبار لحظه ها / / جریانهای ادبی معاصر ایران / محمدجعفر یاحقی.– تهران: چاپ "جامی"، 1378هی.–440 ص.
201. یاحقی محمدجعفر. از جیهون تا وخش / م. یاحقی، م. سعیدی.–مشهد: انتشارات آستان قدس رضوی، 1378هی.–304 ص.

1V. Адабиёт ба забони русӣ

202. Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литературы / И.С. Брагинский.–Москва: Наука, 1972.–524 с.
203. Бертелс Е. Э. История персидско–таджикской литературы. Избранные труды / Е.Э.Бертелс.–Москва: Восточная литература, 1960.–556 с.
204. Белинский В.В. Разделение поэзии на роды и виды. Избранное / В.В.Белинский.–Москва: Худож. Лит–ра, 1959.–374 с.
205. Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. – М:, Прогресс, 1970.- 418с.
206. Плеханов Г.В. Литература и эстетика / Г.В.Плеханов. Т.2.–Москва: Наука, 1958.–671 с.

III. Мақолаҳо

207. Акбаров Ю. Анъанаҳои шеъри инқилобии тоҷик// Садои шарқ.-1984, №7. –134 с.

208. Акбаров Ю. Вазифаи муқаддаси танқиди адабӣ// Садои шарқ.-1985. №12.–133 с.

209. Акбарзода Ю. Шеъру шоир аз назари Лоиќ// Боргоҳи сухан.-2003. № 1.. - с. 164

210. Байронвандӣ М. Ҷойгоҳи таълиму тарбия ба шеваи ҷадид дар шеъри машрутаи Эрон ва ҷадидияи Осиёи Марказӣ / М. Байронвандӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2011. - №4(12). – С. 86- 93.

211. Қосимов И.Октябр, шоир ва лирика//Садои шарқ.-1984.-№1.–114 с.

212. Набиев А. Марди ҳунар ва ҷомеаи худкома/ Теҳрон: Фаслномаи Симурѓ.- 1374.- № 1- 2, - с. 167

213. Нарзиқул М. Перомуни “Шеъри нав”–и тоҷикӣ ва арӯзи озод / М. Нарзиқул // Пайванд.–Душанбе, 2016, № 3.–с 65–75.

214. Сатторов А. Мадду ҷазри шеър/Садои шарқ.- 1983.- №3,–133 с.

215. Сафар Абдулло. Вазну тамкини сухан/ Садои шарқ.- 1984.- №3,–134 с.

216. Толис Р. Воќегароӣ ва идеяи воќеияти айнӣ. – Теҳрон: Фаслномаи Симурѓ, № 1- 2, 1374. - с. 108

217. Шарифов Х. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзи тоҷик/ Садои шарқ.- 1983.-№3.–133 с.

218. Шарифов Х. Миллият ва сиёсат дар адабиёти Шуравии тоҷик/ Рӯзномаи “Ҷунбиш”, № 5, Октябри 1997

219. Шакурӣ М. Шеъри тоҷик ба кадом сӯ меравад?/ Фаслномаи Рӯдакӣ.- 2008.-№5.–с 105–118

220. Шукуров М. Тафаккури таҳлилӣ ва жарфои реализм/ Садои шарқ.- 1984.-№3.–134 с.

221. روزنامه "پیام مجاهد".- کابل، شماره مسلسل 545، 16 سپتامبر 2007

222. حائری عبد الهادی. مفهوم نوین آزادی های سیاسی و اجتماعی در نوشته های پارسی آسیای میانه.- تهران: ماهنامه فرهنگی "سیمرغ"، سال یکم، 9-7№، مرداد-آبان سال 1369

223. سفر عبدالله. پیوند خط و زبان. کیهان فرهنگی، شماره 103، 8 اکبر 1993.–ص 52–5

224. ساربان. ما از ریشه خود کنده شدیم.– تهران: کیهان فرهنگی، شماره 103، 8 اکتبر 1993.– ص 10

225. شعر نو در تاجیکستان. –کابل: نشریه "ارمغان ملی"، 45№، سال پنجم، جوزای 1388- 27 می 2009

226. شریفزاده خدای. مسعله های معرفت در هنر و ادبیات شوروی تاجیک.– تهران، فصلنامه "سیمرغ"، شماره1، 1373.–51–58.

227. شریف زاده خدای. آزردگان و امبدواران.- تهران: مجله "سیمرغ"، 2-1№، سال 1374.

228. نبی اف. مرد هنر و جامعه خودکامه.- تهران: مجله "سیمرغ"، 2-1№، 1374.- 276ص.

229. هچینسکی کیت. ادبیات تاجیک از انقلاب اکتبر تا دوره استالینزدایی / کیت هچینسکی.–تهران: مجله "ادبستان"، شماره 3، 1368هی.–134 ص.

230. هوشنگی.س. از دور آشیان ترا یاد می کنم.- تهران: کیهان فرهنگی، 103№.- 8 اکتبر 1993.

V. Фарҳангҳо, энсиклопедияҳо ва феҳристҳо

231. Ғиёсиддин М. Ғиёс–ул–луғот. Ҷ.1 / М. Ғиёсиддин.–Душанбе: Адиб, 1988.–416 с.

232. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 8 /–Душанбе: 1988.–590 с.

233. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2 /–Душанбе: 1989.–559 с.

234. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 1 /–Душанбе: 1978.–666 с.

235. دانشنامه ادب فارسی. ج.1.–تهران: انتشارات "دانشنامه"، 1996هی.–992 ص.

لغتنامه دهخدا.ج.8 / علی اکبر دهخدا.–تهران: موسسه انتشارات و چاپ دانشگاهی تهران، 1373هی.–12378 ص.

V1. Интернет–сойтҳо

236. آزیتا همدانی. سهم تاجیکان در رودکی شناسی و معرفی رودکی شناسان قرن 19 و 20 تاجیکستان. http: / / rasekhoon.net / article / show /

237. بررسی شعر امروز تاجیکستان. http: / / irasnews.ir / vdcgut9w.ak9ty4prra.html

238. خلیل وداد. ابوالقاسم لاهوتی شخصیت سیاسی و فرهنگی فراتر از یک منطقه. http: / / kabulnath.de / Salae_Hashtoum / Shoumare_163 / Dr.Khalil%20Wadad–Lahuti.html

239. عبدالمجید ارجمدی. تعملی در شعر معاصر تاجیکستان. http: / / www.tajikmedia.com / index.php / 1390–01–03–19–53–33 / 329–1390–11–21–00–53–41

240. قزوه علی رضا. تجلی شعر تعلیمی در ادبیات معاصر تاجیکستان. http: / / www.farhangeeslamimag.com / fa

241. گلرخسار صفی. پیرو سلیمانی و شعر نو در تاجیکستان. http: / / www.bbc.com / persian / arts / 2009 / 12 / 091217_ez_tajik_poet_peirou

242. مجیب مهرداد. شعر نو تاجیکستان. http: / / 8am.af / j8am / index.php?option=com_content&view=article&id=7961:1388–09–15–05–22–10&catid=99&Itemid=296

243. مجیب مهرداد. شعر جوان تاجیکستان: پابست های کلاسیک و تقلاهای نوجویانه. http: //8am.af/j8am/index.php?option=com_content&view=article&id=11722:1389– 02–26–06–07–15&catid=99&Itemid=296

244. نورعلی نورزاد. تاثیر فروغ بر شعر زنان تاجیک. http: / / www.jadidonline.com / story / 07022007 / fq / frogh_tajiks

Мундариҷа:

Муқаддима ……..…..…..…..…… 3

Боби 1. Вижагиҳо ва равандҳои асосии ташаккули шеъри тоҷик дар ибтидои садаи XX

§1.1. Навгароӣ дар шеъри тоҷикии ибтидои садаи XX..... 11

§1.2. Шикасти қолаби анъанавии шеъри классикӣ ва таҳаввули лирикаи иҷтимоию сиёсӣ ……..…… 26

§1.3. Умумият ва тафовутҳои шеъри ибтидои садаи XX-и тоҷик бо шеъри давраи Машрута дар Эрон ……..... 35

Боби 11. Насли комсомол ва шеъри хитоба

§2.1. Шеър василаи тарғиб ва ташвиқи идеологияи замон ……. 47

§2.2. Муносибат ба суннатҳои адабӣ ва густариши шеъри хитоба.. 58

§2.3. Таҳаввули лирика дар ашъори шоирони насли комсомол ... 69

Боби III. Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики солҳои 60–80

§3.1. Ҳаёти адабӣ дар солҳои 60–80 …… 89

§3.2. Мавқеи шеъри нав ва жанрҳои суннатӣ дар эҷодиёти шоирони ин давра …… 104

§3.3.1. Муносибати шеър ба арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ …… 113

§3.3.2. Инъикоси мавзӯъҳои воҳид аз диди ҳунари суханварӣ …… *120*

§3.3.3. Таҳаввули мундариҷавию шаклии жанри достон …… *129*

Хулоса …….....….. 144

Китобнома …….....….. 149